МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 37 (575.3) (175.3)
ТДБ: 74 (2 тоҷик)
М-17

МАЗАМӢ ГУЛБАҲОР МАЗАМ

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Роҳбари илмӣ: Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна – доктори илмҳои педагогика, профессори кафедраи методика ва таълими забонҳои хориҷии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 3
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ 6
БОБИ I. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ-ОМИЛИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ.....14
1.1. Рушди фаъолнокии маърифатӣ – қисми таркибии раванди таълим..... 15
1.2. Асосҳои назариявӣ ва амалии фаъолнокии маърифатии хонандагон дар зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ..... 39
БОБИ II. ОМӮЗИШИ МАЗМУНИ ИТТИЛООТ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ..... 56
2.1. Усулҳои муассири омӯзиши мазмуни иттилоот ҳамчун..... 56
омили асосии фаъолнокии маърифатии хонандагон 56
2.2. Омӯзиши мазмуни иттилоот дар ҷараѐни фаъолиятҳои таълимӣ 102
ҳамчун заминаи рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон 102
БОБИ III. ТАҲҚИҚОТИ ОЗМОИШИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ 118
3.1. Шароитҳои педагогӣ ва тадбирҳои муассири рушди..... 118
фаъолнокии маърифатии хонандагон 118
3.2. Таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишии шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон..... 128
ХУЛОСА 150
ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА 156
I. Адабиѐти илмӣ 156
II.Китобҳои дарсӣ..... 169
А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:.....**Ошибка! Закладка не определена.**
Б) Мақола ва маводи дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар батабърасида .....**Ошибка! Закладка не определена.**
ЗАМИМАҲО..... 173

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар замони муосир рушди иқтисодии ҳар як давлат бидуни рушди маориф ва илм тасаввурнопазир аст. Ҷомеаи муосир ба мутахассисони соҳибмаърифат ниѐз дошта, сатҳи болоравии ҷаҳонбинӣ ва афкори шаҳрванд низ аз тадриси улуми муосир маншаъ мегирад. Дар чунин шароит роҳҳои нави таҳқиқи паҳлуҳои илмҳои мухталиф пайдо мешавад. Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба маориф ва такмили савияи дониши наврасон яке аз ҳадафҳои олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меѐбад.

Махсусан, бо иваз гардидани шакли ҷамъият, дигаргуниҳои амиқ дар самти таълиму тарбия ва ташаккули шахс ба самти маориф таъсири амиқ расонида, ҷавобан ба воқеияти давраи нави таърихӣ ва мувофиқ ба талаботи рушди иқтисодӣ амал намуданро тақозо менамояд. Ин омилҳо дар соҳаи маориф вазифаҳои нав ба навро ба вуҷуд оварда, зарурати табиию таърихие ба вуқуъ пайвастааст, ки қолабҳои то кунун мавҷудбудаи таълиму тарбия бояд коркард ѐ такмил дода шаванд. Аз ҷумла, зимни омӯзиши масъала бобати таҳқиқи мавзуъ ошкор гардид, ки хонандагони синфҳои зинаи сеюми муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ аксаран зеҳни таҳқиқӣ кам доранд. Ё худ насли ҷавон дар замони муосир на ҳама қобилияти дарку фаҳмиши масъаларо доранд. Дар бисѐр маврид, аз масъулин талаб намекунанд, ки тадрис фарогири мавзуҳои тақвиятдиҳандаи дарксозӣ бошанд. Шояд ҳамин омилро ба инобат гирифта, пажуҳишгарон ба таври қонеъкунанда дар ин ҷода баррасӣ наѐфтани ҷанбаҳои дидактикии аксар масоилро таъкид намудаанд.

Аз ин хотир, муҳиммияти диссертатсияи мазкур дар мавзуи ―Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ” аз таҳқиқи баъзе вижагиҳои мушкилоти фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълим иборат буда, тавассути пажуҳиш дар заминаи баррасии чигунагии тафовути зеҳнии насли нави муосир тадбирҳои тоза пешниҳод гардид.

Омӯзиши усулҳо ва роҳҳо дар мактаб маълум сохтанд, ки ошкор кардани натиҷаҳои фаъолнокии маърифатӣ, таҳқиқи дараҷаи дониши хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ, баррасии он ва самаранок будани нишондиҳандаҳо, усулҳои инноватсионии таълим, рушд додани шавқу ҳаваси маърифатии хатмкунандагон аз муҳиммияти мавзуи кор далолат мекунанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Бояд мутазаккир шуд, ки таҳсилоти муосир беш аз пеш вижагиҳои дунявиро дар бар мегиранд. Шароит ва ҷанбаҳои муосири дидактикӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба таври муфассал омӯхта нашуда бошад ҳам, дар илми педагогика ҷанбаҳои ба таври ҷудогона коркардшудаи воситаҳои ташаккули маърифати хонандагон мавҷуданд.

Масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар асарҳои илмии педагогҳои маъруфи муосир Б. В. Беляев [24], В. В. Голубков [52], В. П. Есипов [71], Н. И. Кудряшев [91], А. Г. Ковалев [88], Л. С. Якушина [162] рисолаҳои барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои педагогӣ таълифнамудаи Т. И. Шамова [153] ва дигарон таҳқиқ ёфтааст.

Дар таҳқиқотҳои худ оид ба назария ва амалияи таълим дар зинаҳои якуми таҳсилоти миёнаи умумӣ олимони тоҷик М. Лутфуллозода [100], Ф. Шарифзода[155], М. Шейхов [155], И. Каримова [82] ва дигарон баъзе тарафҳои ин мавзуъро таҳқиқ намудаанд, вале дар зинаҳои дигари таҳсилоти миёнаи умумӣ ин мавзуъ аз мадди назари олимон – педагогҳои Тоҷикистон берун мондааст. Таҳсилоти замони муосир ҷиҳати густариши сатҳи маърифатнокӣ ва тақвият пазируфтани тафаккури дунявии хонандагон вазифадор мебошанд, аммо баъзан мушоҳида мекунем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (минбаъд – МТМУ) бинобар набудани барномаи мушаххаси таълимӣ омӯзгорон мавзуъ дар дарс тавассути китоб баррасӣ мекунанд. Ин раванд чандон эътимодбахш намебошад. Дар ҳоле ки дарки қобилияти хонанда аз муҳим-тарин масъулияти омӯзгор маҳсуб мешавад ва

таҳияи муҳити эҷодии хонан-дагон низ аз вазифаҳои асосии омӯзгорон шинохта мешавад.

Муҳаққиқи дигар Шейхов М. дар рисолаи илмии худ бо номи ―Ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони синфи Х1 дар раванди таълим” дар бораи масъалаи мазкур таҳқиқот ва таҷриба бурда бошад ҳам, аммо оид ба шароити барои тақвият бахшидани фаъолнокии хонандагон андеша пешниҳод накардааст [155]. Мусаллам аст, ки тақвиятбахши муносиботи омӯзгор ва хонанда китоб аст, аммо ҷиҳати ҷоннок намудани фаъолияти маърифатӣ дар ҳар хонанда, роҳҳои амалии дидактикӣ ва таҷрибаро бояд истифода кард.

Аз ин рӯ, бидуни рушд ва ташаккули фаъолнокии маърифатии созандагони ҷомеаи оянда амалӣ гаштани ин дархосту тақозои давр имконнопазир аст.

Зимнан, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ, мушоҳидаи тӯлонии чандинсолаи татбиқи амалии нуктаҳои асосии мавзуъ дар фаъолияти мактаб нишон доданд, ки хатмкунандагони МТМУ қариб аз ҳамаи фанҳо дониши комил мегиранд. Имтиҳоноти шифоҳии хатмкунӣ шоҳиди онанд, ки хонандагон маводи китобҳои дарсиро айнан ва баъзан ҳатто ба мазмуну ғояи аслии он сарфаҳм нарафта, нақл мекунанд. Аксари онҳо қобилияти мустақилона муҳокимаронию хулосабарорӣ надоранд, ақидаи шахсии худро перомуни моҳияти мавзуъ ва татбиқи амалии он ифода карда наметавонанд. Ҳангоми мутолиа ва санҷиши иншоҳои онҳо нуктаҳои фавқулзикр равшану возеҳ собит гаштаанд. Бинобар ин, зарурати истифода аз роҳҳои мухталифи донишандӯзӣ пайдо шудааст. Роҳи ҳифзи маводи дарсӣ чӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва чӣ дар улуми табиатшиносӣ ба болоравии сатҳи маърифатии хонандагон мусоид намуда, боқимондаҳои усули таълим дар гузашта маҳсуб мешавад.

Муҳаққиқони дар боло номбаршуда моҳияти мавзуи рушди фаъолнокии маърифатиро дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор дода, мушаххас дар

фаъолияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутааллиқ насохтаанд, бахусус дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавҷуд набудани таҳқиқоти махсус оид ба роҳҳу воситаҳои рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва татбиқи нокифояи мавзуъ дар амалияи МТМУ муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионро дар мавзуи ―Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ” бозгӯ мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Технологияҳои муосири ташаккули салоҳиятҳои маърифатии хонандагон дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ» анҷом дода шуда, ба манзури мусоидат дар татбиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷиикстон барои давраи то соли 2030 амалӣ шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои калидии таҳқиқоти диссертатсиониро дарбар гирифта, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ нишон дода шуда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, объект ва мавзуи (предмети) он тавсиф шудаанд. Асосҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот тавсиф гардида, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳои илмӣ, назариявӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф бо андешаҳо ва далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд.

Инчунин, унсурҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқотро аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати диссертатсия бо ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ, интишороти он ва сохтору ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ ташкил медиҳанд.

Мақсади таҳқиқот. Таҳия ва фароҳамсозии шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, дар ин замина, эҷоди муҳити мусоиди омодасозии онҳо ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мутобиқи мақсад ва фарзияи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян кардани ҳадаф ва мундариҷаи фаъолнокии маърифатӣ, ошкор кардани асоси омӯзиши раванди рушди фаъолияти маърифатии хонандагон;

- муайян кардани асосҳои фаъолияти педагогӣ, ҳадафҳои асосӣ, меъёрҳо ва шаклҳои амалии он дар раванди таълим;

- омӯзиши пойгоҳи захираҳои раванди таълим дар МТМУ бо мақсади рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути восита ва имкониятҳои муассири дидактикӣ;

- таҳия ва татбиқи шароитҳои педагогии рушди фаъолияти маърифатии хонандагон тавассути тадбирҳои дидактикӣ дар раванди таълим;

- муайян ва асоснок кардани ҷанбаҳои самараноки фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми татбиқи шароитҳои педагогӣ дар раванди таълим, таҳқиқ ва озмоиши онҳо.

Объекти таҳқиқот. Раванди рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути фароҳамсозии шароитҳои педагогӣ.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Сатҳи фаъолнокии маърифатии хонандагон ба таври густурда густариш меёбад, агар:

- тадбирҳои муассири дидактикӣ дар тақвият ёфтани фикр мавқеи муайянкунандаро дошта бошанд, вагарна омилҳои таъсиргузор мунтазам ба ҷойи тақвиятёбӣ заиф мегарданд;

- роҳ ва усулҳои фаъолнокии маърифатӣ ба хотири густариши ҷаҳонбинии илми хонандагон дар мадди аввал гузошта шаванд;

- барои рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ шароитҳои педагогии зарурӣ фароҳам оварда шаванд;

- раванди дарсҳои амалӣ дар густариши маърифати хонандагон нақши калидиро соҳиб гардад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**:** Таҳқиқот дар се давр ба анҷом расонида шудааст.

Дар марҳилаи якум (солҳои 2016-2018) омӯзишу таҳлили адабиёти илмию методӣ ва психологию педагогӣ ба анҷом расонида шуда, ҳолату вазъи мушкилоти проблемавии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим омӯхта шуд. Мазмун ва мундариҷаи дисертатсия доир ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим таҳия карда шуда, чорабиниҳои баланд шудани сифати дониш ва маҳорату малакаи хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шуд.

*Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2018-2020)***.** Дар ин давра корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ ба нақша дароварда шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳӣ амалӣ гардид. Дар натиҷаи корҳои озмоишӣ фарзияи таҳқиқот санҷида шуда, дар фаъолияти омӯзгорони мактабҳои пойгоҳӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин, усулу васоит ва шаклҳои самараноки кор дар рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардида, муқоисаи гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ натиҷагирӣ карда шуд.

Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2020-2025). Дар ин марҳила корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар макотиби такягоҳии таҳқиқот ҷамъбаст ва арзёбӣ гардида, хулоса ва тавсияҳо таҳия ва мавод дар шакли диссертатсия ба низом дароварда шуд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқот хусусияти гуногунҷанбаро доробуда, ба сифати асоси методологии таҳқиқот назарияи маърифати

фалсафа, муқаррароти психологию педагогӣ оид ба фаъолнокии маърифатӣ, ягонагии рушди шахсият ва муҳит, шахсият ва фаъолият, мантиқ, методикаи хусусии назария ва методикаи таълими фан, инчунин, ҳамчун асоси назариявӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ―Дар бораи маориф” ва Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат карданд. Зимни иҷрои кори таҳқиқотӣ ба масоил ва натиҷаҳои таҳқиқоти зерин такя карда шуд:

– корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ: (М.Лутфуллозода [100], Ф. Шарифзода [156], Л.Иматова [80], И.Каримова [83], М.Шайхов [155], Э.Шарифов [157] ва дигарон);

– масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (Б.В. Беляев [24], В.В. Голубков [52], В.Н. Есипов [71], Н.И. Кудряшев [91], А.Г. Ковалев [88], Л.С. Якушина [163], Т.И. Шамова [154] ва дигарон);

– масъалаҳои психологӣ-педагогии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ (Б.С. Гершунский [46], Л.Н. Леонтев [96], М.Н. Скаткин [146], Т.И. Шамова [154] ва дигарон).

Сарчашмаҳои маълумот. Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи низоми таҳсилоти Тоҷикистон ва фаъолияти касбию педагогии омӯзгорон ва дигар субъектҳои раванди таълим; монографияҳо, мақолаҳо ва диссетатсияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи шабакаи интернет, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030 ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикос-кунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои таълим ва васоити таълимӣ, мушоҳидаҳои инфиродӣ, мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон, корҳои хаттӣ, гузаронидани анкета, пурсишҳои шифоҳию хаттии хонандагон, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшавандаи

дорои вижагиҳои умумиилмӣ ва махсус; таҳлили назариявии адабиѐти илмӣ-педагогӣ, таҳлили стандартҳои таълимӣ, барномаи тайѐрӣ аз рӯйи фанҳои таълимӣ, таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмперикӣ – арзѐбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.; дар асоси маълумоти гирифташуда ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди онҳо ба даст омадаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии №№ 33, 34-и шаҳри Душанбе, 1, 17-и шаҳри Ваҳдат, 67-и ба номи Ҳомид Маҷидови ноҳияи Рӯдакӣ, 5-и шаҳри Ҳисор гузаронида шудааст. Дар раванди корҳои озмоишӣ хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ ҷалб карда шуда буданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот аз мушаххасоти зерин иборат аст:

- шароитҳои педагогие, ки ба баланд шудани сатҳи маърифатии хонандагон ва таҷрибаи касбии омӯзгорон барои самаранок гардидани фаъолнокии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ мусоидат менамоянд, *муайяну мушаххас карда шудаанд;*

- таъсири технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ ба сатҳи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон ошкор ва муайян карда шудааст;

- шароитҳои педагогии самарабахши раванди таълим оид ба ташаккули фаъолнокии маърифати хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ *муайян карда шудаанд;*

- шакли консептуалии шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифати хонандагони тавассути технологияҳои инноватсионӣ ва ташкилу роҳандозии онҳо дар зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ *таҳия ва амалӣ шудааст.*

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳқиқи сатҳи ташаккулѐбии фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар заминаи хоҳиш ва талаботи муосир маълум сохт, ки ин ҷараѐн дар натиҷаи бархурди иҷтимоӣ ба амал меояд.

2. Мураттаб сохтани маҷмуи мунтазами усулҳои қобили қабул, ки имконият фароҳам меоваранд, масъалаи рушди фаъолнокии маърифатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ тавассути таълим бомуваффақият ҳаллу фасл карда шавад.

3. Раванди таълим бояд дар иртибот бо корҳои беруназдарсӣ ҷараѐн гирадад, зеро ки шавқу завқи хонандагон дар вақти иҷрои корҳои беруназсинфӣ бештар буда, фаъолнокии маърифатии онҳо ба таври комил ва барҷаста бештар дар он зуҳур мегардад.

4. Нишондиҳандаҳои ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълиму тарбия инҳоянд:

- ҳавасмандии мусбати хонандагон барои фаъолнокии маърифатӣ дар маҷмуъ ва истифодаи мустақилонаи он дар раванди таълим;

- динамикаи мусбати арзѐбии тағйироти қобилияти ҳалли масъалаҳои хосса, ки дар раванди фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дучор мешаванд;

- баланд бардоштани самаранокии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ, новобаста ба кумаки омӯзгорон, ҳамсинфон;

- баланд бардоштани сифати қобилияти татбиқи малакаҳои фаъолнокии мустақилонаи маърифатие, ки ҳангоми дарсҳо ба даст омадаанд, дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва баръакс.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Муътамадии натоиҷи корҳои таҳқиқотӣ бо муносибати методологӣ ба раванди рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон тавассути таълим ва маҷмуи усулҳо зимни таҳлили натиҷаи корҳои озмоишӣ, ки пайдарҳамиро омили асосии рушди батадриҷи зина ба зина ва ҳадафмандонаи фаъолнокии маърифатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумро эътироф менамояд, муайян мегардад.

Алоқамандии ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар мисоли хонандагон бо салоҳиятҳои асосие, ки барои мутахассисони муосир – хатмкунандагони МТМУ заруранд, муайян гардид. Илова бар ин, кори илмии мо имкон дод, то ки як қатор вазифаҳои маъмулиро муайян созем, ки ба ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар раванди таълими МТМУ мусоидат мекунанд.

Марҳилаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи раванди таълим, ки бо ташаккули самаранокии фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълим алоқаманданд, пешниҳод шуданд; зарурати муносибати тафриқавӣ ба ташкили ин раванд, ки қобилияти мустақилонаи фаъолияти маърифатии хонандагон, шавқу рағбати онҳоро ба рушди он ба назар мегирад, исбот гардид; омезиши машғулиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон асоснок карда шуд.

Исбот карда шуд, ки барои баланд бардоштани сифати ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ ҳамгиройии истифодаи технологияҳои анъанавии таълим бо методҳои муосир зарур аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки усулҳо, тадбирҳои таъсиррасонӣ ва, ҳамчунин, шаклҳои корҳои беруназдарсӣ ва роҳҳои баргузории онҳо таҳия ва ироа шудаанд, ки ба омӯзгорон имконият фароҳам меоваранд, то бо стифода аз онҳо рушди фаъолнокии маърифатии хонандагонро беҳтар намоянд, муносибати эҷодкории худро ҳангоми ҳалли ин мушкилот такомул диҳанд, ҳисси дарки хонандагонро устувор карда, онҳоро дар раванди таълим фаъол гардонанд ва сатҳи маърифатиашонро баланд бардоранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмперикӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-

таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда таъмин карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии номзади илмҳои педагогӣ 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад: банди 3 – ―Антропологияи педагогӣ" (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), банди 4 – ―Назария ва консепсияи таълим" (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар даврaҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо).

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми муҳаққиқ дар кулли марҳилаҳои таҳқиқот, аз он ҷумла, дар банақшагирии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили амиқи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти бадастомада, батанзимдароварии онҳо, ташкилу баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ва корҳои озмоишӣ, коркарди омории натиҷаҳои ноилшуда, таҳияи дастнависии диссертатсия ва мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ доир ба мавзуъ зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии дар ҷараёни таълим оид ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ коркардшуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тасвибу истифода қарор ёфта, натиҷаҳои мусбат додаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия: Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар шакли 4 номгӯй мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия: Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳристи адабиѐти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми диссертатсия 178 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар матни диссертатсия 6 ҷадвал ва 19 расм истифода шудааст.

БОБИ I. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ – ОМИЛИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

1.1. Рушди фаъолнокии маърифатӣ – қисми таркибии раванди таълим

Асри XXI давраи ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли проблемаҳои муҳими соҳаи маориф, давраи кор карда баромадан ва азхуд кардани принсипҳои консепсияи сармояи инсонӣ мебошад. Рушди низоми маориф дар шароити нав омили муайянкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва муҳимтарин шарти пешрафти иқтисодиѐт маҳсуб меѐбад.

Кишваре, ки ба проблемаҳои маориф диққати даркорӣ дода, бо камоли масъулият муносибат мекунад, проблемаи тафаккури эҷодиро дарк карда, баҳо медиҳад, дар ҳолати рушд қарор дорад.

Ҳар як давраи таърихӣ, ҳар як шакли ҷамъиятӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад ва инро инкор кардан мумкин нест, вале аз тарафи дигар, ин таърихи муайяни ҷамъияти ин ѐ он халқ ва санади муайяни таърихи як давраи муайян аст.

Дар охири асри XX Комиссияи байналмилалии ЮНЕСКО гузориши умумиҷаҳонӣ оид ба маориф дар асри XXI-ро омода кард, ки дар он як вазифаи стратегӣ ба миѐн гузошта шуда буд ва намояндагони тамоми фарҳангҳои ҷаҳон чанд принсипи асосии таҳсилоти ояндаро ба миѐн гузошта, фаҳмонданд, ки чӣ бояд омӯхта шавад: тарзи зиндагӣ кардан, дарки он, мутобиқат бо ҳамдигар, ҳамроҳ зистан ва амсоли инҳо. Ҳамаи аъзои комиссия якдилона қайд карданд, ки принсипи чорум принсипи асосӣ буда, қобилияти якҷоя бо дигарон зиндагӣ кардан худ аз худ ба дунѐ намеояд, балки дар натиҷаи талошҳои омӯзгорон дар МТМУ такмил меѐбад. Масалан, шахс бояд тарзи ҳалли низоҳоро омӯзад, то ғолиб ѐ мағлуб набошад, яъне тарбияи таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ва ғамхориро нисбат ба ҳамдигар зоҳир намояд.

Масъалаи таваҷҷуҳи инсон ба ҷомеа, худшиносии инсон ва рушди шахсиро ҳанӯз аз овони хурдсолӣ ва наврасӣ ба роҳ мондан мувофиқ аст. Ташаккули шахсии инсон дар давоми тамоми ҳаѐти ӯ сурат мегирад. Аз ин рӯ, сифати шахс мафҳуми мутлақи шахс буда наметавонад, балки танҳо нисбӣ ҳамчун мақсад ва ҳамчун раванде, ки рушд ва тарбияи пайвастаи инсонро ифода мекунад, ба шумор меравад.

Бузургии инсон дар замон бебозгашт аст ва аз ин рӯ, масъулияти инсон барои он чизе, ки дар робита ба ҷомеа пайдо ва зуҳур мекунад, муҳим аст. Шахси ҳамчун иштирокчии ҷараѐни таърихӣ ва барандаи нақшҳои иҷтимоӣ баромад карда, имкони интихоби роҳи зиндагиро дорад, ки дар раванди зиндагӣ тадриҷан хислаташ низ такомул меѐбад. Шахсият дар илмҳои ҷомеашиносӣ сифати махсуси шахсе ҳисобида мешавад, ки ӯ дар ҷараѐни фаъолият ва муносибати муосир ба даст овардааст. Рушди ҳамаҷонибаи шахс аз тарбия вобастагӣ дорад, ки ба мафҳумҳои педагогикаи гуманистӣ такя мекунад. Ин дар назарияи тарбия яке аз рукни пешқадам аст, аммо дар амал аксар вақт расмист.

Ташаккули ҳамаҷонибаи шахс на танҳо ҳамчун инсони идеалӣ, балки ҳамчун амалигардии раванди тарбия ва маърифати арзишҳои фарҳангиро низ фаро мегирад. Ин шароит танҳо дар ҷамъияти мутамаддин, ки барои гирифтани таҳсилоти беҳтарин ва мустақилона аз худ намудани маданият фароҳам оварда шудааст, пурра амалӣ карда мешавад.

Дар раванди ташаккули шахс маҷмуи ҳислатҳои танҳо ба ӯ хос аҳамияти калон дорад. Масалан, маҷмуи хоси афкор, ҳиссиѐт, зуҳуроти ирода, ниѐзҳо, ниятҳо, майлу қобилият ва дигар хусусиятҳои инсон сохтори ягонаи интегралии шахси таҷрибадор ва амалкунандаро ташкил медиҳанд. Ташаккули чунин шахс майлҳои анатомию физиологие мебошад, ки ҳам тавассути рафтори инсон дар ҳолатҳои муошират ва ҳам тавассути тарбияи тарзҳои гуногуни фаъолият такмил меѐбад.

Асоси ташаккули инсон ҳамчун шахс фаъолияти худи ӯ мебошад. Фаъолият аз рӯйи таъриф табиати объективӣ дорад. Фаъолият бархилофи

худ хусусияти рамзӣ дорад. Муносибатҳое, ки одам дар фаъолияти худ ифода мекунад, барои ҷомеа муҳиманд.

Дар ин бобат ирода ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Рушд ба сифатҳое, ки аллакай ба шахсият хосанд ва тарбия ба он чизе, ки ӯ надорад, балки ба он чизе, ки дар ахлоқи иҷтимоӣ, дар меъѐрҳои ахлоқӣ ва сифати одамони дигар муқаррар шудааст, нигаронида шудааст. Тарбия ба сифатҳои шахс як шохаи ахлоқиро ворид менамояд.

Таҳсилот бо мафҳуми аслии истилоҳ маънои на танҳо гирифтани миқдори муайяни донишро дар ин ѐ он соҳаи фаъолият дар бар мегирад, балки ба он намуди зоҳирӣ ѐ симои баланди рушдѐфтаро медиҳад ва ҳастии шахсро бо худшиносиву ҷаҳонбинӣ такмил медиҳад. Шахси бомаърифат аз ин нуктаи назар на танҳо мутахассиси донишманд, баландихтисос дар соҳаи худ, балки шахсе низ мебошад, ки аз рӯйи меъѐру принсипҳои фарҳанги замони худ зиндагӣ карда тавонад.

Айни замон, бо дарназардошти рушди технологияҳои рақамӣ зарурияти такмил додани донишҳои техникии хонандагон зери мафҳуми ―устариши тафаккури техникӣ” ба миѐн омадааст. Истифодаи аз меъѐр зиѐди техника ва васоити муосир аз қабили телефон, компютеру дигар таҷҳизот сатҳи маърифатии шахсро новобаста аз синну сол коҳиш медиҳад, аммо аз ҷониби дигар маҳз тафаккури техникӣ барои инсон шароит пайдо хоҳад кард, ки мавзуъро бо истифода аз донишҳои техникӣ дар кӯтоҳтарин муддат омӯхта, атрофи он фаҳмиши хешро тақвият диҳанд. Дар раванди таълим ба инобат гирифтани мантиқи табиии рушди маърифатии зеҳн зарур мегардад. Пайвастагии ҷанбаҳои мухталифи раванди таълим фаъолнокии маърифатии хонандагонро таъмин намуда, зимни густариши ҷаҳонбинии онҳо омилҳои дарккунии масоилу мушкилотро тақвият мебахшад. Бинобар ин, ғояи мазкур муҳтавои асосии рушди таҳсилот буда, дар худ раванди худомӯзиро ба вуҷуд меорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки айни замон илми педагогика ва психология дар робита бо омӯзиши ҳаѐти иҷтимоии мардум сахт иртибот дорад.

Лозим ба ѐдоварист, ки баҳси аввалу охири ҷомеашиносони муосир дар кишварҳои мутараққӣ густариши ҳуввияти миллӣ алорағми нохудогоҳии бардавом мебошад. Дар баъзе кишварҳо вижагиҳои аслии инсони муқаррариро истиқбол намекунанд. Онҳо дар баробари зиндагии ором барпосозии оиларо инкор менамоянд. Аз акрабо вобаста нестанд ва вобастагиро омили пасрафт медонанд. Ба қавли аксар ҷомеашиносон, инсони муосир ба таври нохудогоҳ ҳаѐт ба сар мебарад ва арзишҳои асосии миллӣ онҳоро аз муқаддасоти сад сол муқаддам дур афкандааст.

Дар ҳар як ҷомеа таълиму тарбия мақоми махсус дорад. Мардумони ҳар давру замон барои рушду пешрафти он саҳм мегузоштанд, роҳҳои беҳтар намудани онро ҷӯстуҷӯ мекарданд. Таълиму тарбия чун аксар падидаҳои иҷтимоӣ таърихи худро доранд. Низоми таълиму тарбияи имрӯза дар Тоҷикистон аз таълиму тарбияи томактабӣ, ибтидоӣ, миѐна, мактаби олӣ, аспирантура, докторантура иборат буда, рӯ ба рушду навгонӣ дорад.

Ақида ва назарҳо оид ба навъҳои гуногуни таълиму тарбия дар китобҳои бостонӣ – Авесто, осори паҳлавӣ, махсусан, дар андарзномаҳо, осори динии зардуштӣ ва ғайридинӣ, махсусан, дар осори адабии асрҳои миѐна, масалан, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба таври васеъ инъикос ѐфтаанд.

Ақоиду назариѐти зардуштӣ аҳамияти таърихӣ доранд, замоне онҳо кор мекарданд, наврасону ҷавонон дар он руҳия таълиму тарбия мегирифтанд, зиндагии худро пеш мебурданд. Мо кӯшидаем, дар бораи он нуктаҳои таълиму тарбия сухан бironем, ки дар ҷомеаи имрӯза муҳиманд, кӯҳна нашудаанд, агар фаромӯш шуда бошанд, эҳѐи онҳо ба зарари таълиму тарбияи имрӯза нахоҳад буд.

Дар осори боқимонда оид ба макону маҳалли таҳсил маълумоти кофӣ ба назар намерасад, ҷо-ҷо бо калимаҳои дабиристон, ҳирбадистон вомехӯрем. Дабиристон маконе будааст, ки наврасону ҷавонон аз синни ҳафтсолагӣ хондану навиштанро ѐд мегирифтанд. Калимаи дабир, дабира ба навиштан муносибат дорад: хатти авестоиро дин-дабира мегуфтанд. Касби дабирӣ яке аз касбҳои муътабар дар дарбори шоҳ ба шумор мерафт. Дабир наздиктарин

шахс дар ҳузури шоҳ буд. Ҳар як сухани шоҳ, амру фармони ӯро ба зудӣ сабт мекард (амали зуднависӣ дараҷаи баланду касбии дабирон ба шумор мерафт. Ин амал ба истилоҳи имрӯза (стенография) зуднависии протоколҳо дар маҷлисҳо, сабти матни суханрониҳо мувофиқат мекунад. Дабирон дар дарбори шоҳон дар оянда ба таърихнависӣ машғул мешуданд. Ҳирбадистон аз номи шахси рӯҳонии дини зардуштия буд. Шогирдон дар назди мубадон (рӯҳониѐни зардуштия), дар баъзе асарҳо отурбонон – нигаҳдорони оташ дар оташкада ба ҳайси омӯзгорон номбар шудаанд, Авесторо мехонданду меомӯхтанд.

Таълими назариявии наврасону ҷавонон тақрибан то чаҳордаҳсолагии онон давом мекард. Сипас, онон дар майдони назди қасри шоҳ ба машқҳои тамрини бадан, ба аспсаворӣ, тирандозӣ, найзабозӣ машғул мешуданд, чавгонбозӣ мекарданд, ҳамроҳи шоҳ ба шикор мерафтанд, ки ин як навъ омӯзиши ҷанговарӣ буд. Дар осори таърихнависони юнонӣ, масалан, ―Кӯрушнома‖-и Ксенофонт аз тарбияи Куруш сухан меравад, ки дар домони ростӣ ва дурустӣ тарбия ѐфта буд, дурӣ аз зулм нисбат ба атрофиѐн, адолатпарварӣ, мардонагӣ, диловарӣ, шуҷоат, ватанпарастӣ, некпиндорӣ, некгуфторӣ, порсоӣ, поквиҷдонӣ, ростгӯӣ ва ғайра хислатҳое буданд, ки ҳар як ҷавонро мебоист онҳоро молик бошад.

Дар ―Шоҳнома‖-и Абулқосим Фирдавсӣ низ аз ин навъ тарбия дар аксар маврид сухан рафтааст. Масалан, Исфандиѐр пеш аз марг (аз тири Рустам кушта шуд) писараш Баҳманро ба Рустам медиҳад, ки ӯро тарбия намояд. Рустам ба Баҳман маҳорати аспсавориву тирандозӣ, одоби шикор меомӯзад ва ӯ ҷавони баркамолу варзидае мешавад. ―Бмаврид аст бигӯем, ки паҳлавонони барҷастаи ―Шоҳнома‖-и Фирдавсӣ Рустам, Сиѐвуш, Суҳроб, Исфандиѐр ва дигарон шахсиятҳо ба варзиши бадан машғул мешуданд ва то ба дараҷаи муҳофизони Ватани худ, муқовиматкунандагон бо душманон, ҳамнабардон расида буданд. Бояд гуфт, ки ―Шоҳнома‖-и Фирдавсӣ асари дар асрҳои миѐна офаридашуда аст, вале дар он аз таълиму тарбия дар замони бостон – ба давраи ташаккули ориѐиѐн (асрҳои 20 –15 пеш аз милод ва ҳатто

қадимтар аз он) сухан меравад. Муроҷиат карданро ба он мо мувофиқи мақсад медонем” [5–М].

Дар Авесто ва умуман таълимоти зардуштия се аҳком – андешаи хуб – нек шакли талаффузи авестоиаш – ҳумата (ҷузъи ҳу- ба маънои хуб аст), гуфтори хуб – нек (ҳухта), кирдори хуб – нек (ҳуваршта; муқоиса кунед бо калимаи русии вершить) мақоми баланд доранд. Дар асл ин се аҳкоми динианд, ки ҳар як пайрав онҳоро бояд риоя мекард.

―Дар замони Сосониён, ки ҳукумрониашон аз асри 3 то асри 7 милодӣ идома ёфтааст, адабиёти паҳлавӣ, адабиёт ба забони форсии миёна пайдо шуд, ки дар он масъалаҳои таълиму тарбия матраҳ гардидаанд. Мисоли барҷаста дар масоили таълиму тарбия метавон пораеро аз ―Шоҳнома”-и Фирдавсӣ донист, ки дар он саҳнаи ба бачагон Авесторо омӯзонидани мубад, симои омӯзгори сахтгир ва шогирди зираку доно, дорандаи истеъдоди Худодод – Бузарҷмеҳр (Бузургмеҳр) тасвир шудааст” [5–М].

Воқеан, раванди фаъолнокии маърифатӣ, ҳамчунин шаклҳои гуногуни таҳқиқи бадеии ҷаҳон на ҳама вақт дар шакли муфассал, мантиқӣ ва далелҳо ба амал бароварда мешавад. Аксар вақт шахс ба ҳолате гирифтор мешавад, ки вазъияти мураккаби фикрро дарк мекунад. Масалан, ҳангоми муҳорибаи ҳарбӣ, муайян кардани ташхис, гунаҳкорӣ ё бегуноҳии айбдоршаванда ва ғайра. Нақши интуитсия, махсусан дар он ҷо бузург аст, ки берун аз усулҳои мавҷудаи шинохт берун рафтан лозим мешавад. Аммо интуитсия чизи беасос ё хеле оқилона нест. Дар ҷараёни шинохти интуитсия ҳамаи нишонаҳое, ки бо ёрии онҳо хулоса баро-варда мешавад, усулҳои баровардани он амалӣ намешаванд. Интуитсия роҳи махсуси донишро ташкил намекунад, ки эҳсосот, идеяҳо ва тафаккурро давр мезанад. Вай як намуди беназири тафаккурро ифода мекунад, ки пайвандҳои алоҳидаи раванди тафаккур ба воситаи шуур кам ё бешуурона медурахшанд ва дар натиҷаи фикр ҳақиқат ниҳоят равшан амалӣ мегардад.

Ба ибораи дигар, зинаҳои идрок аз эҳсос шуруъ гардида, онро дар баробари инсонҳо ҳайвонот ҳам низ доранд, аммо зинаҳои минбаъда, ки

шинохти ақлӣ аст, ғайри инсон ба ҳайвоне муяссар намегардад. Бинобар ин, зинаи олии он низ дарки ҳувиятии ӯ мебошад.

Дар иртибот ба ин, муҳаққиқ М.Н. Скаткин изҳор доштааст, ки: ―Проблемаҳои муайяншуда барои таъмини фаъоли маърифати хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим воқеияти навро омодагии омӯзгоронро ба идоракунии раванди ташаккул ва рушди ҳувийяти шахсии хонандагон ба миён меоранд. Дар ҷараёни омӯзиши салоҳияти касбии омӯзгорон дар ташаккули ҳувийяти хонандагон зарурати баррасии ин падидаро дар заминаи ҳувийяти худи омӯзгор муайян намудем, зеро дар раванди таълиму тарбияи омӯзгор воқеан бо тамоми ҷузъҳои ҳув-вийяти худ ба фаъолияти педагогӣ таъсир расонида, дар ташаккули шахсияти хонандагон ифода меёбад.

Таҳқиқи фаъолнокии маърифатӣ аз фалсафа сарчашма мегирад, ки онро бахши «Назарияи дониш ё гносеология» меомӯзад. Дар маъхазҳои психологию педагогӣ миқдори зиёди осори марбут ба фаъолияти тарбиявию маърифатиро дидан мумкин аст. Методологияи фаъолнокии маърифатӣ системаи принсипҳо ва усулҳои ташкил ва сохтани фаъолияти назариявию амалӣ, инчунин таълимоти ин система мебошад. Ин бешак, назарияи дониш аст, зеро он бо омӯзиши шаклу усулҳои дониш маҳдуд мешавад. Назарияи дониш бархилофи фаъолнокии маърифатӣ проблемаҳои моҳияти дониш, робитаи дониш бо воқеият, предмет ва объекти дониш, имконияту сарҳадҳои дониш, меъёр-ҳои ҳақиқати онро меомӯзад, ки дар ин маврид ин нуктаҳоро олимон ва муҳаққиқон баён карданд, муҳим аст. Аммо фаъолнокии маърифатӣ нисбат ба гносеология васеътар аст, зеро он на танҳо бо усулҳои шинохти худ, балки хусусиятҳои ҷараёни маърифатро, ки дар шаклу доираҳои гуногуни фаъолият сурат мегиранд, низ баррасӣ менамояд. Аксар равоншиносон муътақиданд, ки фаъолнокии маърифатӣ аз эҳсосот ва дарк кардан оғоз мешавад ва баъдан гузариш ба тафаккур ба амал меояд” [146, с. 87].

Фаъолнокии маърифатӣ фаъолияти бошууронаест, ки ба дарки воқеияти атроф бо ѐрии равандҳои равонӣ, ба монанди дарк, тафаккур, хотира, таваҷҷуҳ, нутқ нигаронида шудааст, ифода мешавад. Дар нашрияҳои муосир асосан дар бораи фаъолиятҳои тарбиявӣ ѐ тарбиявӣ-маърифатӣ андеша меронанд, аммо на ҳамеша дарки дақиқи ин мафҳумҳо вуҷуд дорад.

Яъне, фаъолнокии маърифатӣ як заминаи асосии фаъолияти инсон дар шинохти ҷаҳон буда, барои бедор намудани ҳисси ҳуввийят замина мегузорад. Инсон ҳамчун як мавҷуди зинда дар раванди зиндагӣ ниѐз ба фаҳму дарки атрофу акноф дорад ва саъй менамояд, ки дар худ фазилати инсони ҳуввийятсозро тарбия кунад. Ба замми ин, ба ҷараѐни фаъолият таъсир мерасонад ва хоҳиши дарѐфти роҳҳои нави машғулият дар замираш ҳувайдо мегардад.

Дар ин маврид метавон чунин андешаи Х. Буйдаковро таъкид намуд, ки: ―Моҳияти асосии рағбат ба маърифат ѐ иштиѐқи донишандӯзӣ дар кӯшиши зиѐд ба маърифат, хоҳиши фаро гирифтани ин ѐ он соҳаи илм, амиқу ҳамаҷониба омӯхтани он, комилан аз худ намудани он, барои самарабахш ҷараѐн ѐфтани фаъолияти дарк кардан, маҳорату малакаи зарурӣ ҳосил намудан ифода меѐбад‖ [34, с. 64–68].

Фаъолияти ҳамаҷонибаи хонандагон дар раванди дарс аз шавқи онҳо вобаста бошад ҳам, аммо барои ҷоннок намудани малакаи хонанда омӯзгор роҳҳои муҳимро ҷустуҷӯ бояд намояд. Зеро ба андешаи Лутфуллоев М.: ―Предмети рағбати донишандӯзӣ фаъолияти идрок мебошад, ки зинаи нахустини худогоҳӣ буда, вижагиҳои бедор намудани рушди эҷодиро доро мебошад ва рағбат ба маърифат ҷузъи инкншофи умумии шахсиятро ташкил медиҳад‖ [100, с.117–118]. Ҳамзамон, рағбат ба маърифат аксаран ҳамчун воситаи таълим, воситаи фаъолгардонии раванди таълим фаҳмида мешавад, ки дар ин маврид Лутфуллоев М. зикр менамояд: ―...рағбат ба маърифат ҳамчун ҳадафи муҳимтарин ва қиматтарини омӯзиш шинохта мешавад. Ниҳоят, рағбат ба маърифат дар марҳалаи баландтарини рушд ҳамчун хусусияти пойдори шахсият эътироф мешавад‖ [100, с.117–118].

Аломатҳои рағбат ва меъѐр аз диди Маҳмадуллоева Ш. ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

—1Вижагиҳои ба шавқу рағбат хосси рафтор ва фаъолияти хонандагон, ки дар раванди омӯзиш дар дарс ба вуқуъ меоянд.

2. Хусусиятҳои рафтор ва фаъолияти маърифатнокшавии хонандагон фориғ аз дарс.

3. Махсусиятҳои тамоми тарзи зиндагии хонандагон, ки зери таъсири шавқу рағбат ба ин ѐ он шакли фаъолият ба вуқуъ мепайванданд" [105, с. 45-51].

Н. Г. Морозова дар мавриди зинаҳои ташаккулѐбӣ бар он андеша аст, ки: —Дар марҳалаи ҳанӯз бедоршавии шавқу рағбати ҳақиқии хонандагон ба фан, омӯзгор мазмуну моҳияти мавзуъро дар дарс бо як ҳиссиѐти хосса мекушояд. Хонандагон аз гирифтани донишҳои нав ба шавқ меоянд, аммо дарс анҷом меѐбад. Ин завқ танҳо таассуроти яклаҳзагӣ аст. Дар дарси оянда омӯзгор мазмуни мавзуи дарсро ривоҷ дода, фаъолнокии хонандагонро бедор менамояд ва ба он ҳидоят мекунад, ки хонандагон фикр кунанд, ҷустуҷӯ намуда, ба саволҳои проблемавии омӯзгор ҷавоб ѐбанд" [115, с. 172–174].

Ба қавли Н. Г. Морозова: —Шавқу рағбати хонандагон таҳким меѐбад ва аз таассуроти лаҳзагӣ ба муносибати эҳсоси маърифатӣ табдил меѐбад. Ин марҳалаи дуюми пайдоиши рағбат мебошад" [115, с. 172–174].

Вақте хонанда дар мулоқот бо одамони наҷиб тарафҳои дигари мавзуъро ҳазм менамояд, ӯ руҳбаланд гардида, муносибати эҳсоси маърифатии ӯ ба фаъолияти мақсадноки шахсият табдил меѐбад ва Н.Г.Морозова чунин таъкид кардааст: —Дар натиҷа тамоми симои зиндагии ӯ ба куллӣ тағйир меѐбад. Ӯ тамоми вақти холии худро барои гирифтани донишҳои иловагӣ мебахшад, ба маҳфилҳо шомил гашта, китоби иловагӣ мехонад, бо афроди ҳаммаслак воҳӯрда, ба комѐбии нав ба нав ноил мегардад. Ин марҳалаи сеюм, марҳалаи олии рушди рағбат ба маърифат мебошад" [115, с. 172–174].

Дар хотираи хонандагон бедор намудани шавқ ба мавзуъҳои барнома яке аз шартҳои асосии аз худ кардани маводи таълимӣ ва фаъолнокии

маърифатии хонандагон аст. Пеш аз он ки дар хусуси шавқмандӣ нақл кунем, бояд донем, ки фаҳмиши илмии шавқмандӣ чӣ маънӣ дорад? Дар асл шавқмандиро дар асаряҳои илмӣ чунин таъриф додаанд:

- ба монанди самти тасвири равандҳои психикии инсон дар объекту ҳодисоти олами атроф;

- ба монанди анъана, саъй, талаботи шахсияти ба ҳамин гуна фаъолият-мандӣ, ки қаноатмандиро ба вуҷуд меорад;

- ба монанди барангезандаи азм, махсусан, босамту бошиддат, аммо фаъолияти ҷаззоб ва судманд аст;

- чун интихоби махсус, аммо бе ширкату беҳавсала, вале ғун кардани афкори фаъолонаи эҳсоси равшан, гироиши ирода ба муҳити атроф, ба ашѐ, ҳодисот ва равандҳост.

Ҷараѐни таълимро дида, мо дар хусуси идроки шавқмандӣ изҳори андеша мекунем. Дар фаъолияти хонандагон ҳангоми вуҷуд доштани шавқмандии даркпазирӣ, тафаккур, ирода ва эҳсос зуҳур мекунад. Хонанда ба идрокпазирӣ шавқманд аст, ба дарки моҳияти ҳодисоти омӯхташаванда ва равандҳо талош мекунад.

Муҳаққиқ Б.А. Танков навиштааст, ки: ―Шавқу идрок дар раванди таълим дар ҳолате нақши бузург мебозанд, агар омӯзгор кори таълиму тарбияро тақвият бидиҳад. Бояд гуфт, тағйирот дар таъсирбахшии кори таълим дар он сурат арзи вуҷуд мекунад, ки агар хонандагон ҳаррӯза пешрафти худро дар касби донишҳои нав, корҳои амалӣ эҳсос кунанд ва рушди маънавиашонро дарк намоянд.

Аз ин хотир, маҳорати омӯзгор на фақат дар раванди азхудкунии донишу омӯхтани маводи дарс, балки дар ҳаѐти меҳнатию ҷамъиятӣ ва ҳаѐти шахсии хонандагон аҳамияти арзанда дорад. Шавқ, оҳанг ва дархости ба ҳам алоқамандӣ дар раванди таълим ташаккул меѐбад, ҳар як омӯзгор орзу дорад, ки хонандагонаш нағз хонанд ва таълиму тарбия гиранд. Аммо омӯзгорон ва падару модарон, мутаасифона. чунин иддао доранд, ки хонанда хондан намехоҳад, имкони хондан дорад, лекин шавқманд нест” [148, с. 37].

Дар ин ҳолат, ба фикри мо талаботи маънавии хонандагон ташаккул намеёбад. Моҳияти талабот ба дониш дар чист? Он чӣ гуна вуҷуд ва рушду нумуъ мекунад? Чӣ гуна таҷҳизоти педагогиро дар ташаккули талабот ба дониши хонандагон метавон истифода кард? Ин саволҳо бисёр омӯзгорону волидонро ба изтироб меоварад. Дар ин сурат, падару модар ва омӯзгор бояд пеш аз ҳама дар хонандагон хоҳиши аз худ намудани мавзуи дарсро ҷоннок намоянд. Мо ин масъаларо ба хотири он ташреҳ медиҳем, ки инро худи ҷомеа талаб мекунад.

Дар сурати дарки додани талабот ба маърифат дархости инфиродии хонандагон, алоқамандии онҳоро ба таълим ба назар гирифтан зарур аст. Талаботи дарк гардидани сиришти инсон таҳти таъсири омилҳои гуногун ба амал меояд. Таълим бо ёрии раванди педагогӣ ба талаботи маърифати хонандагон таъсир менамояд, ки ин ба тақвият ва фаъолнокии маърифатии онҳо мусоидат мекунад.

Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки хонандаи замонавӣ чӣ гуна аст? Омӯзгорони таҷрибадору пешсаф чунин мегуфтанд: ―Бешак, дар назди мо хонандаи нави ҷаззобу бо кӯшиш ба назар падидор мешавад”.

Масъалаи асосӣ дар раванди таълим босамарона аз худ кардани дониш аст. Ин ҳикмати дар синфҳои замони кӯҳан арзанда дар рӯзгори мо аҳамияти бештар касб кардааст. Дар зинаи якуми таҳсилоти миёнаи умумӣ теъдоди ―аълохон” ва ―чор панҷхон” нисфи зиёди синфро ташкил медиҳад, аммо хонандагони дар синфҳои зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад, ин миқдор аз се як ҳиссаро дар бар мегирад. Дар қиёс бо хонандагони ду даҳсола пеш, алҳол ҷустани рағбат ба донишандӯзӣ дар тафаккури хонандаи муосир душвор аст. Чаро хонандагони муосир ба мисли хонандагони як насл пештар (1960-1980) ба омӯзиш шавқу рағбат надоранд? Зимни таҳқиқоти мавзуъ метавон маълум гардид, ки дар андешаи онҳо якум, масъулияти хондан мушоҳида намегардад, сониян, онҳо ихтиёрро дар надоштани меъёру масъулият мебинанд. Бинобар ин, дар ниҳодашон майли донишандӯзӣ кам мушоҳида мешавад. Ин масоилро метавон дар алоқаманд набудани раванди

таълим бо фаъолнокии маърифатӣ донист. Таҳқиқи мушкилоти ин масъалаи маз-кур муайян гардид, ки яке аз камбудиҳои асосӣ дар унсури шароити педа-гогӣ барои фаъолнокии маърифатӣ созмони дарс ва тарзи гузаронидани он аст. Аз корҳои амалӣ - таҷрибавӣ дар МТМУ-и таҷрибавию озмоишӣ муайян карда шуд, ки дар дарс омӯзгорон раванди фаъоли маърифатиро дар сатҳи зарурӣ ташкил намекунанд. Масалан, пурсиши маводи гузашта дар дарс тул мекашад, аммо шарҳи маводи нав, мустаҳкамкунии маводи таълимӣ дар ҷойи дуюм мемонад ва дар дарси баъзе омӯзгорон ин раванди баръакс дида мешавад.

Дар бисѐр дарсҳо азхудкунӣ, дар хотир нигоҳ доштан, такрор, ҷамъбаст ва ба система даровардани маводи нав гузаронида намешавад. Ин чунин маъно дорад, ки бисѐр омӯзгорон талаботи гуногуни дарсро, аз ҷумла дархости дидактикӣ, психологӣ, методӣ, ақлию ҷисмонӣ, мантиқӣ, ахлоқӣ, робитаи байнифаннӣ, интихоби мундариҷа, методи дарсии шакли созмони фаъолияти идроки хонандагон, сохт, намуд, навъи дарс, истифодаи дониш, маҳорату малака, таҷрибаи касбӣ ва ғайраро иҷро намекунанд.

Дидактика дарсро аз ду нуктаи назар дида мебарояд. Ҳамчун шакли ҷараѐни дарс ва чун қисмати таркибии раванди таълим, ки тамоми махсусияти онро инъикос месозад. Вазифаи махсусияти дарс ҳамчун шакли раванди таълим ба мақсад ва аҳамияти макони машғулияти таълимии мавзуъ вобаста аст.

Дарс ҳамчун қисми таркибӣ асоси ҳама ҷараѐни таълиму тарбия мебошад. Дар он тамоми усули таълим, психологӣ ва барои омӯзиш истифода бурда мешавад (ягон дарс ҳам масъалаҳои таълимро ҳал намекунад). Бинобар он, талаби аз ҳад зиѐд кардан зарур нест, ҳар як дарси ҷудогона танҳо як қисми масъалаҳои муҳимми мавзуъро ҳаллу фасл мекунад ва танҳо нисбатан тамомшуда ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, омӯзгорон дар раванди дарс дар чӣ гуна мақом доштан, чӣ гуна будани ҳадафи дидактикии он дар алоқамандӣ ба масъалаҳои таълиму тадрис ва фанни омӯхташавандаро

бояд бидонанд. Аз ин нуқтаи назар, дар таркиби мавзуҳои дарсҳои фаннӣ масоили тарбиявӣ низ оварда мешавад.

Зимнан, ҳар як дарс натиҷаи маҳорат ва эҷодкории омӯзгор аст, ки асосҳои талаби илмӣ ба он дохил шудааст ва онро ба хотири махсусияти мавзуъ, афзудани хусусияти психологии инфиродии хонандагон, дараҷаи дониши онҳо, маҳорату малакаи меҳнатии таълим ба вуҷуд меорад.

Бинобар ин, дарс бисѐрпаҳлӯ, мураттаб, серҳаракат ва бо торҳои зиѐд ба дарси гузашта робита дошта, иловатан, зимни пажуҳиши мавзуъ бо гузаштаву оянда дар минтақаи рушди наздикӣ, ѐ донишҳои навини болосохт, маҳорату малака мебошад ва мукаммалии ҷаҳонбинии илмӣ, қобилияти минбаъда, рушду нумуи идрок, сифатҳои шахсро ташаккул медиҳад. Раванди дарс имкон медиҳад, ки талаботи дидактикӣ нисбат ба он дар асоси муносибатҳои гуногун таҷдиди назар шавад:

- аз рӯйи талабот ба дарс аз мавқеи он илмҳое, ки асоси назарияи раванди онро танзим медиҳад;
- аз рӯйи ҷузъиѐти асосӣ ба ҳама таъсиррасонӣ дар раванди таълим, ки дар дарс тасдиқ мешавад, мақсади дидактикии дарс, вазифа, мазмуну таҷҳизот дидактикӣ ва методи таълим, ташкили фаъолияти дарки хонандагон ва ғайра;
- аз рӯйи дарс истифода кардани асосҳои усули диалектикӣ;
- давраи бозсозӣ дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миѐнаи касбӣ ва олӣ демократикунонии маълумот ва рушду нумуи илми педагогиро дар алоқамандӣ бо коркарди асосҳои назарии таълиму тарбия ба дарс аз мавқеи талаботи қонунии илмӣ муносибат кардан ва созгории таълиму тарбияро ба талаботи замон дархост мекунад.

Муҳаққиқони соҳаи психология ва педагогика тафсирҳои зиѐде дар мавриди эҷодкорӣ, ки як аз рукни асосии фаъолнокии фаъолияти ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда дар раванди дарс аст, пешниҳод намудаанд. Тафсирҳои гуногуни ин мафҳум вуҷуд доранд, аммо ҷолибтаринашон инҳо мебошанд:

—рушди қобилиятҳои эҷодӣ, ки дар маҷмуъ шахсро такмил медиҳад;

- худмуаррифии қобилият ,ки хусусияти ташаккулѐбӣ дорад;

- қаноатмандӣ аз эҷодиѐти шахсӣ, ки барои тавлиди идеяҳои нав хос аст;

- дараҷаи истеъдоди эҷодкорӣ, ки хусусияти устувори шахсро дар бар мегирад;

- қобилияти умумии эҷодкорӣ шахсро дар маҷмуъ тавсиф мекунад, ки он дар самтҳои гуногуни фаъолият зоҳир гардида, ҳамчун омили нисбатан мустақили истеъдод ба ҳисоб меравад;

- қобилиятҳои эҷодии шахс, ки дар тафаккур, ҳиссиѐт, муошират, намудҳои алоҳидаи фаъолият зуҳур ѐфта метавонад;

- қобилияти фард барои эҷоди мафҳумҳои нав ва ташаккули малакаҳои нав, яъне қобилияти эҷодкорӣ" [2, с. 27].

Ҳамакнун, менигарем, ки муҳаққиқи шинохтаи рус Н.Г. Морозова бобати баҳогузории масъала ва таърифи аниқтару пуразиши шавқу рағбат ҳамчун як мояи эҷодкорӣ мегӯяд: —Рағбат ин муносибати эҳсосӣ-маърифатӣ, ки аз таассуроти эҳсоси маърифатӣ баромадааст, ба ҷисм ва ѐ мустақиман ба фаъолияти мақсаднок, муносибати дар ҳолати муайян будани шароити мусоид ба равиши эҳсосӣ-маърифатии шахс равонашаванда мебошад" [115, с. 174].

Мавҷудияти фаъолияти биологӣ дар системаҳои зинда тавассути таҳқиқоти физиологии И. П. Павлов исбот шудааст, ки ӯ низ фарқиятҳои фаъолиятро байни ҳайвонот ва одамон қайд карда, зикр мекунад: «Рефлекс хеле пештар меравад ва дар ниҳоят худро дар шакли кунҷковӣ зоҳир мекунад, илмро эҷод мекунад, ба мо самти баландтарин ва бепоѐнро дар ҷаҳони атрофи мо медиҳад ва ваъда медиҳад» [134, с. 27].

Ба гуфтаи Н. А. Бернштейн, «Фаъолият ҳамчун хосияти умумӣ ва универсалии организмҳои зинда ва системаҳои зинда зоҳир мешавад», ки тавассути мутобиқшавии организм ба муҳити зист зоҳир мешавад" [34, с. 329].

Фаъолият (аз калимаи лотинии activus - фаъол) «хусусияти асосии мавҷудоти зинда аст, ки дар тағйири мақсадноки ҳолати мавҷудоти зинда ва унсурҳои муҳити зист, бо он ба муносибате, ки аз ҷониби талаботи ин мавҷудот муайян карда, ворид мешавад, зоҳир мегардад. Ҳайвонот - фаъолияти худро дар шакли инъикоси ақлӣ ва рафтор ва инсон - дар шакли фаъолияти шахсӣ ва амал ҳамчун табдили эҷодии муҳити фарҳангӣ ва биологро зоҳир мекунад» [30].

Дар ин замина, И. Х. Каримова ва М. Кадирова бар он андешаанд, ки ―мутахассисоне, ки ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд, кофӣ нестанд‖ ва омилҳои омодашавии онҳоро, аз ҷумла дар ―эҷодкорӣ, қобилияти истифодаи ғояҳои эҷодӣ ва мавҷудияти пойгоҳи иттилоотӣ: яъне омодагӣ барои қабули нуқтаи назари таҳлилшуда‖ донистаанд‖ [84, с.129].

Мутаассифона, таъсири фаъолияти маърифатӣ ба рушди худи шахсият дар ин таърифҳо инъикос намеёбад. Данюшенков В.С. бар он назар аст, ки: ―Асли фаъолнокии маърифатӣ навъи фаъолияти умумӣ, ки хусусияти шахсиятро тавсиф мекунад, ҳолати хонандаро дар фаъолиятҳои таълимӣ ва маърифатӣ ифода мекунад, қувваҳои дохилии ӯро сафарбар мекунад ва аз ҷониби ченаки фаъолият ба сӯи инъикоси босуръати хосиятҳои объектҳои дониш (раванди тафаккур) ва худрушди онҳо, яъне рушд равона карда мешавад, муайян карда шудааст‖ [66, с. 81]. Ҳамин тариқ, илова бар муҳити беруна, манбаи фаъолият метавонад худи шахс бошад, ки бошуурона худро ташаккул медиҳад.

Рағбати муттасил ба таҳсилу донишандӯзӣ шароитеро фароҳам меоварад, ки дар он саъйю кӯшиши хонандагон бо таъсири берунии омӯзгор мувофиқ омада, сатҳи самарабахши фаъолнокии маърифатиро таъмин менамояд.

Х. Раҳимов ва А. Нуров майлу ҳавасро низ ҳамчун як масоили марказии дидактика ва психологияи омӯзгорӣ шуморида, фаъолнокии маърифатии хонандагонро ба майлу ҳавас вобаста медонанд. Аз ҷумла, дар китоби

—Педагогика” қайд намудаанд: —Омӯзтани майлу ҳавас проблемаи марказии дидактика ва психологияи педагогӣ мебошад ва дар ин соҳа комѐбиҳои муайян ба даст оварда шудааст, вале проблема ҳанӯз ҳам ҳалли худро наѐфтааст. Чунки тағйирѐбанда, серҳаракат ва гуногунии майлу ҳавасҳоро ба як қолаб даровардан ниҳоят душвор аст, ки ин ҳам як хел муайян намудани тарзи идоракунии онҳоро душвор мегардонад. Агар дар соҳаи дидактика санъати соф вуҷуд дошта бошад, ин бе ҳеҷ шубҳа соҳаи майлу ҳавасҳо ва дар алоқамандӣ бо он методҳои таълим мебошад” [142, с.48].

Боиси тазаккур аст, ки ҳавасмандӣ ба дониш дар ҷараѐни таълим айѐн мееѐбад ва аз маводи барномавӣ, ки аз ҷониби омӯзгор пешниҳод мешавад, фаъолияти маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумиро дар якҷоягии дарсҳо бо машғулиятҳои гуногуни таълимӣ ва робитаи омӯзиш дар бар мегиранд. Барои фаъолияти таълимии хонандагон мавҷудияти системаи ҳавасмандкунӣ, ки ба рушди фаъолнокии маърифатӣ мусоидат мекунад, алоқаманд мебошад.

А.Н. Леонтев дар таълимоти худ се марҳиларо дар рушди ҳавасмандиҳо ба фаъолияти таълимӣ дар давоми синни мактабӣ ҷудо кардааст:

—1. Марҳилаи ҳавасмандиҳое, ки дар асоси худи таълим ҷой доранд;

2. Ҳавасмандиҳое, ки асоси муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар миѐни хонандагони синф ва дар байни хатмкунандагони мактаб ташкил медиҳанд;

3. Ҳавасмандиҳое, ки дар муҳити зист, касби оянда, дурнамои ҳаѐтӣ ҷой доранд” [96, с. 102–103].

Тибқи мушоҳидаҳои мо ҳавасмандиҳои аз худи таълим сарчашма-гиранда ва ҳавасмандиҳои дар асоси муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар миѐни хонандагони синф бавуҷудоянда марҳилаҳои алоҳида ҳисоб намеѐбанд. Аммо на худи қайди навъҳои гуногуни ҳавасмандиҳо ба фаъолияти таълимӣ, балки масъалаи ташаккул додани чунин ҳавасмандиҳо дар хонадагон муҳимтар мебошад. Зеро ҳавасмандии хонандагон метавонад фаъолнокии маърифатии онҳоро ташаккул диҳад.

Дар китоби ―Дидактика”-и М.А. Данилов ва Б.Н. Есипов чунин воситаҳои ташаккули талабот ба донишҳо чунин таъкид гардидааст: ―Робитаи наздики байни фанни омӯхташаванда бо озмоиш, шарҳу тавзеҳи дурнамои таълим, аз тарафи хонандагон идроки нақши илм дар рушди фаъолнокии маърифат, иштироки хонандагон дар меҳнати фаъоли эҷодӣ ва ғайра ба қайд гирифта шудаанд.

Таълим метавонад ҳамчун арзиши давлатӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ амал кунад.

Арзишҳои таҳсилот ифодаи симои мавҷудаи ҷаҳон буда, идеали таълим барои ин ѐ он намуди ҷомеа – як қолаби фарҳангӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳадафҳо ва арзишҳои таълим, ки марҳилаи муосири худшиносии шахсро дар ҳаргуна фарҳанг инъикос мекунад, хеле муҳим аст. Аз ҷумла, ин ба он вобаста аст, ки:

- аввалан, дар доираи анъана дар миқѐси ҷаҳон проблемаи таълим ҳамчун система мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- дуюм, бо як қатор сабабҳо модели аврупоии таҳсилот дар аксари давлатҳои ҷаҳон асоси амалияи педагогика гардидааст” [65, с. 272].

Аз ин рӯ, масъалаи арзиши таълим дар марҳилаи имрӯза барои худшиносии инсон хеле муҳим ва актуалӣ мебошад, ки дар он ҷо:

―омили муҳими тараққиѐти ҷамъият фаҳмидани нақш ва арзиши инсон дар ҷомеа мебошад.

- инсон сарвати асосии ҷамъият, мақсади рушди ӯ дар заминаи корҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули шахсият ба анҷом расида, вай на танҳо мақсади муҳим, балки омилии ҳатмии бунѐди ҷамъият аст.

- мафҳуми таълими муттасил, яъне дар тамоми умр таълим ҳамроҳи шахс бояд бошад, аҳамияти хоса дорад.

Таълими пайваста барои инсон ҳамчун як талаботи табиии ҳаѐт зарур аст. Вазифаи тарбия на танҳо аз тайѐр кардани мутахассиси хуб, балки ҳамчун шаҳрванди боибтикори ҷомеа ташаккул додани вай низ зарур аст” [65, с. 273].

Бояд гуфт, ки таълим яке аз намудҳои азхудкунӣ ба шумор меравад. Тамоми намудҳои омӯзиш ба ташаккулѐбии шахс, зиѐдшавии имкониятҳо, аз ҷумла, ба рушддиҳии маърифатӣ равона карда мешавад. Ташаккул, пеш аз ҳама, навовариро муайян менамояд, яъне тағйироти сифатиро дар фикрии шахс ба вуҷуд меоварад. Дар илми психологияи омӯзгорӣ таъсири омӯзиш ба соҳаи фаъолияти фикрии хонандагон пурра таҳқиқ гардидааст. Омӯзиш ба тавоноии интелектуалии хонанда, ба ташаккули шахсияти ӯ бевосита таъсир мерасонад.

Хусусияти муҳимми ниѐз ба дониш на танҳо ба натиҷа, балки ба раванди азхудкунии донишҳои нав низ нигаронида шудааст. Аз ҷумла, В. Юркевич зарурати маърифатро чунин таъриф додааст: ―Маърифат зарурияти фаъолияте, ки ба гирифтани донишҳои нав нигаронида шудааст. Субъекти фаъолияти маърифатӣ ҳангоми татбиқи он эҳсосоти мусбатро эҳсос мекунад ва ба шарофати ин худи эҳтиѐҷот ба дониш дар шакли таҳияшуда ғайриқаноатбахш мегардад. Ин эҳтиѐҷоти маърифатиро аз дигар омилҳои фаъолияти равонӣ (масалан, аз ниѐз ба дастовард ва зарурати эътироф) фарқ мекунад‖ [163, с. 40]. Ба андешаи В. Юркевич: ―Ҳди амалишавии фаъолияти маърифатӣ эҳтиѐҷоти маърифатиро зиѐд мекунад‖ [163, с. 40].

Субъекти фаъолияти маърифатӣ хонанда буда, аз ин рӯ, дар маркази таълим шахс муносибати ӯ ҳам ба олами маърифатӣ ва ҳам ба худи раванди маърифатӣ, бо онҳо дар фаъолнокии маърифатӣ бо хонандагон ва омӯзгороне, ки таълиму тарбияро ташкил мекунанд, қарор доранд, таълимоти худро роҳнамоӣ кунад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи фаъолнокии маърифатии хонанда ин хусусияти рафтори он мебошад. Азбаски, ҳадаф, мазмун ва усулҳои фаъолнокии маърифатии хонанда ба барномаи таълимӣ дохил карда шудаанд, раванди таълим, ки дар он хонанда иштирок мекунад, метавонад бо тарзҳои гуногун бо истифодаи гуногуни қувва, фаъолӣ ва мустақилияти субъект (хонанда) пеш равад. Дар баъзе маврид раванди он: тақлидӣ, репродуктивӣ, дар баъзе мавридҳо ҷустуҷӯӣ, дар дигар ҳолатҳо эҷодӣ

мебошад. Маҳз хусусиятҳои раванди фаъолӣ ва натиҷаи ниҳоии он ба характери донишу малакаи ҳосилшуда таъсир мерасонад. Аслан, ба шарофати олимони тоҷик ва хориҷӣ , ба мисли М.Лутфуллозода [100], Ф. Шарифзода [156], Л.Иматова [80], И.Каримова [83], М.Шайхов [155], Э.Шарифов [157] Б.В. Беляев [24], В.В. Голубков [52], В.Н. Есипов [71], Н.И. Кудряшев [91], А.Г. Ковалев [88], Л.С. Якушина [163], Т.И. Шамова [154] ва дигарон бештари масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳи ҳалли худрот ёфиааст.

Дар раванди фаъолнокии маърифатӣ шахс ашё ва падидаҳоро дарк карда, маърифатнок гардида, ақидаҳоро дар бораи онҳо амиқ мекунад, бо ақидаҳои пештара онҳоро муқоиса менамояд, он чиро ки дар предметҳои омӯзиш-шаванда муҳим аст, муайян карда, дар байни онҳо робита барқарор мекунад.

Фаъолнокии маърифатӣ дар раванди таълим бо маҳорати умумии хонандагон, аз қабили ба нақша даровардани кор, тарзи иҷрои он ва ғайра марбут аст. Аз мушоҳидаҳо ва натиҷаи корҳои амаливу озмоишӣ дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шуд, ки барои фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ хусусияти худидоракунии равобити таълим банақшагирӣ ва худназораткунӣ аз ҳама хусусияти асосӣ ба ҳисоб мераванд. Фаъолнокии мақсаднок ба донистани воситаҳои амалҳои мутобиқи бадастдарории ҳадафҳои гузошташуда ба фаъолнокии маърифатӣ бурда мерасонад, ки тибқи ҳамин хулоса сохтори раванди таълим ба чунин тарз дар расми 1 тасниф гардид (*Расми 1*).



Расми 1. Сохтори раванди таълим

Таҷриба нишон медиҳад, ки муваффақият дар таълим, пеш аз ҳама, ҳамон омӯзгороне ба даст меоранд, ки қобилияти педагогии хуб доранд ва фаъолнокии маърифатии хонандагонро дар шароитҳои педагогӣ ташкил ва таъмин намуда, фазои эҷодии умумӣ, масъулиятшиносии гурӯҳӣ ва таваҷҷуҳ ба муваффақияти ҳамсинфонро амалӣ менамоянд. Дигар хусусияти сохтори раванди таълим, ки падидаҳои фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути рафтори хонанда мебошад, муайян гардид.

Илова бар ин, дар раванди таълим бояд ҳарчи бештар ба ташкили фаъолнокии маърифатӣ бевосита асос гирад, зеро он нисбат ба донишҳои барномаи таълимӣ барои гирифтани донишҳои нав имкониятҳои бештар дорад ва барои рушди салоҳиятҳои шахсӣ самараноктар аст. Барои ҳамин заминаҳои рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумиро аз давраи таҳсил дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, умумӣ гузаштан лозим аст. Вобаста ба ин, барои таъмини фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ намунаи саволнома барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Кадом фасли сол барои ту писанд аст?
2. Касби дӯстдоштаи шумо кадом аст?
3. Кӣ омӯзгор шудан мехоҳад?
4. Дар хона чӣ кор мекунед?
5. Чаро ба мактаб дер омадед?
6. Саҳар кӣ барвақт аз хоб мехезад?

1.Чунин саволномаҳо дар раванди таълим дар хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ заминаҳои аввалин ва асосии рушди фаъолнокии маърифатиро таъмин менамояд.

2. Ин яке аз усулҳои инноватсионии фаъолнокии маърифатии хонандагон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон мебошад.

Аз ин бармеояд, ки фаъолнокии маърифатӣ ба рушду нумуи тафаккур, хотир, тасаввурот ва дигар унсурҳои психологии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад ва яқинан, идроку сарфаҳмравии хонандагон, аз бар намудани мисолҳову мавзуъҳои барномаҳои таълимиро осон ва дар шахс такмил медиҳад, фаҳмишу тасаввуроти нав ба навро ғанӣ ва устувор мегардонад, диққат, хотир, лаёқат, малакаи эҷодӣ, рағбату шавқмандиро вусъат медиҳад ва дар ҳар дарс тули таҳсилот иродаи онҳоро устувор менамояд. Асоси созмондиҳандаи усули таълиму тарбия дар мактаб дарс аст. Таҳти мафҳуми дарс шакли асосии созмондиҳандаи машғулиятҳои таълимӣ дар низоми дарс дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии махсусро ифода мекунад.

Дарс ҳамон вақт фаъолнокии маърифатиро дар хонандагон баланд мебардо-рад, агар ба тарафҳои гуногуни ташаккули шахсияти хонанда дахлҳои муассир расонида шавад. Гузориши ин ҳадаф арзанда кори саҳл набуда, аз омӯзгор донистани психологияи хонанда, омӯзишу парвариш, дониши назариявию амалии таълиму тарбияро талаб мекунад ва аз ҳар як педагог тақозо менамояд, ки паҳлуҳои зерини раванди дарсро ба инобат гирифта, ба чунин тарз роҳандозӣ намояд:

- дар дарсҳо омӯзонидани дониши муайян;

- равнақ додани маҳорат ва малакаи муайян;

- такмил додани дониш, маҳорати хонандагон бо роҳи аз худ кардани мафҳумҳои нав, қоида, усули иҷрои супоришу арзёбӣ, такрор ва ҷамъбастқунӣ;

- санҷидани сатҳи дониши хонандагон, маҳорату малака ва сифати баҳодиҳӣ.

Мақсади таълиму тарбияро дар дарсҳо бояд чунон ҳал кард, ки дар натиҷа хонандагон дониши ҷамъбастию мураттаб ва маҳорату малака гиранд.

Мақсади рушдёбандаро дар дарсҳо бояд чунон ҳаллу фасл намуд, ки дар натиҷа хонандагон қадаме ба пеш дар иртиботи таълиму тарбия гузошта

тавонанд. Ҳадафи рушдѐбанда ба се навъ ҷудо мешавад: аввалан таҳкиму тараққии хотира; дувум идрок ва таҷдид; сеюм донишу маҳорат ва малака. Дар навбати худ мувофиқи ҳадаф мундариҷаи дарс низ муқаррар карда мешавад. Омӯзгор барои ташкил ва гузаронидани дарс бояд талаботҳои зеринро ба назар гирад:

- мазмуни дарс бо гузориши барнома мувофиқат кунад;

- дарс ҳалқаи силсилаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малака бояд бошад;

- вақт дар дарс ба пуррагӣ истифода гардида, мақсади асосӣ қатъӣ ва амиқ ташреҳ шавад;

- мундариҷаи дарс ба ҳамаи хонандагон дастрасу фаҳмо бошад.

Ин талаботро бо мазмуни дарс ба асос гирифта, омӯзгор маводи зарурии таълимиро интихоб кунад, то ки барои фаъоли хонандагон дар дарс заминаи мусоид таъмин гардад. Бояд гуфт, ки муҳаққиқон Гершунский Б. С. [47], Глазман М. С. [163, с. 40]., Голубков В. В. [163, с. 40], Якушина Л.С. [163], Ҷонмирзоев Э. [67] ва дигарон дар бораи усулҳои муҳими дарс дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ андешаҳои худро баѐн намудаанд.

Муайян кардани методу усул ин барои дуруст ва мувофиқи матлабу мақсад ба роҳ мондани низоми кори омӯзгор, ба хусусияти фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ самти самараноки мавзуи дарс муайян мешавад. Омӯзгор ба дарс тайѐрӣ дидан, бояд усули муайяни инноватсионии таълимро аниқ карда, то ки хонандагон ба омӯзиши мавзуи барномаи таълимӣ шавқу рағбат пайдо намоянд, то ки раванди фаъолнокии маърифатиро дар ҳар намуди дарс ташкил намояд.

Омӯзгор таҷрибаи касбии хешро дар дарс истифода намуда, барои ба хонандагон додани маълумоти нав роҳҳои самаранокро муайян намояд ва таваҷҷуҳи хонандагонро барои аз худ кардани мавзуи нав ҷалб менамояд. Дар ин сурат, фаъолнокии маърифатии хонандагонро омӯзгор дар дарс ба роҳ монда метавонад ва дигар ишоратҳои педагогиро бе мушкилӣ дар дарс таъмин менамояд. Усулҳои инноватсионии таълим фаъолнокии омӯзгору

хонан-дагонро дар равиши дарс муайян менамояд. Дар ҳар давраи дарс ин бояд ба тариқи созандагию равшан ва барқарор кардан сурат гирад. Воқеан, бомасъулият будани хонандагон дар дарс аҳамияти махсус дорад, онҳо бояд дарсро бо диққат гӯш кунанд ва таваҷҷуҳашон фаъолона бошад.

Диққати хонандагон тариқи интихоби мундариҷаи шавқангези мавзуи дарс ба худ ҷалб карда мешавад. Ҳама чизи нав барои хонандагон таваҷҷуҳангез аст. Онҳо бо диққату шавқмандӣ ба машғулияти куҳан танҳо вақте саъй меварзанд, агар ба он андаке ҷузъиѐти навини илмӣ ворид шавад. Дар ин ҳолат хонандагон бо рағбатмандӣ мавзуи дарсро гӯш мекунанду омодаи иҷрои супоришҳо мешаванд, агар мавзуи дарс шавқангез бошад, Чунин натиҷаро тавассути истифодаи методҳои инноватсионии таълим амалӣ мешавад.

Бояд қайд намуд, ки методи таълим на худи амал, на навъ ва на воситаи фаъолиятнокӣ мебошад. Маънои асосӣ, идеяи асосӣ, ки дар методи таълим ҳамчун истилоҳи педагогӣ ва мафҳуми он хулоса карда шудааст – ин нишондод ба фаъолиятнокии мақсадноки педагогӣ ҳамчун рушддиҳандаи умумии маърифатӣ хонда шудааст, дар назар дошта мешавад.

Роҳҳои рушди фаъолнокии маърифатии хонандагонро Махмутов М.И. ингуна шарҳ медиҳад: «Тараққиѐти таҷрибаи пешқадам ва умумигардонии он аз ошкор намудани қонуниятҳои берунаи фаъолгардонии раванди таълим дар системаи «устод - шогирд» (бо ҳаѐт алоқамандии вай, сохтори дарс, воситаҳои гуногуни истифодаи унсурҳои он ва ғайра) ба вуҷуд омада, ба ошкоргардонии қонуниятҳои дохилии фаъолгардонии фаъолияти шинохтан ва аз худ кардан, аз худи хонандагон вобастагӣ дошта, дар системаи «хонанда - маводи хониш», корҳои мустақилона ва вазифаҳои шинохтани фаъолгардонии фаъолияти хонандагон, ки онҳоро ба кушодани чизҳои нав, донишҳои нав ҳидоят мекунад, ба мустақилона аз худ намудан, мустаҳкам кардан ва ба кор бурдани донишҳо равон месозад» [116, с. 368].

Бояд мутазаккир шуд, танҳо он хонандае дар таҳсил фаъол мешавад, ки бо дарки баланд мафҳуми фаъолиятро дуруст тасхир менамояд. Ин кор ба

хонандае муяссар мешавад, ки ӯ дорои маҷмуи донишҳои муайян аст ва оид ба ин предмет тасаввуроти кофӣ дошта, усулҳою воситаҳои фаъолиятро хуб истифода менамояд.

Таҳқиқи мо нишон дод, ки таҷрибаи мактабии омӯзгорону хонандагон ба ташаккул додани маҷмуи низоми донишҳои хонандагон эътибори ҷиддӣ дода, аз худ намудани усул, роҳ ва воситаҳои фаъолиятро дурусттар ба инобат намегиранд. Ҳол он ки бе ин фаъолонидани раванди таълим имконнопазир аст. Аз ин рӯ, фаъолнокии маърифатӣ бошад, ҷузъи ҷудонашавандаю таркибии фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад.

Аксаран, қафомонии хонандагон дар рафти таҳсил аз он сар мезанад, ки онҳо роҳу усулҳои донишандӯзиро намедонад. Ҳадафи таълим маҳз дар он аст, ки дар раванди донишандӯзӣ ба тадриҷ дар хонандагон маҳорати мустақилона дарёфт намудани дониш, ба онҳо баҳо додан ва дар амал татбиқ намудани онҳо ташаккул дода шавад.

Б.А. Танков ҳангоми таҳқиқи масъалаи фаъолнокии маърифатии хонандагон ва роҳҳои ташаккули он маводи таълимиро бо овардани далелҳо асос медонад. Ба андешаи ӯ роҳҳои зерин муътамад мебошанд: ―навоварӣ, семантизатсия, монеа, диққат, давомнокӣ” [147, с.45].

Г.С. Нога низ ҳангоми баррасии мушкилоти зерин, монанди роҳҳои фаъол намудани хонандагон дар вақти дарс чунин зикр мекунад, ки: ―Машғулиятҳои беруназсинфӣ ва тарбияи меҳнатӣ дар ҷараёни дарс муҳим буда, ҳамзамон як қатор воситаҳои дидактикӣ ва шартҳои татбиқи онҳо дар самти ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани маърифати хонандагон нигаронида шудаанд. Нақши омӯзиши фаъолияти таълимии хонандагонро дар ташаккули фаъолнокии маърифатии онҳо бояд нишон дод” [124, с. 142].

Ҳамин тариқ, зимни таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ як қатор хусусиятҳои назаррас ҷиҳати ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон муайян карда шуд. Бояд зикр намуд, ки мазмуни барномаи таълимӣ мутобиқи завқи хонанда аз диди имрӯз, иртиботи он ба ҳаёти муосирон, ба инобат гирифтани навгонии илму фан ва заминаҳои мушаххаси комилгардии ҷаҳонбинии

хонанда ба назар гирифта шавад. Ҳамзамон, ба мазмуни матнҳои китоби дарсӣ, саволу супориш ва дигар вазифаҳо таваҷҷуҳи хосса бояд зоҳир намуд. Дар ин ҳолат, дараҷаи азхудкунии дарс баланд мегардад ва шавқу рағбати хонандагон ба фанни таълимӣ зиёд мешавад.

Роҳи дигари ба амал овардани фаъолнокии маърифатӣ дар такмили барно-маи кори эҷодӣ, ки аз омӯзиши сарчашмаҳои зиёд иборат аст, барои фаъолияти мустақилонаи хонанда замина мегузорад.

Хусусияти дигари фаъолнокии маърифатӣ аз таъсири фаъолнокии омӯзгор дар раванди дарс иборат мебошад, ки дар он: дониш, заковат, зиракӣ ва таваҷҷуҳи хоссаи педагогии омӯзгор ба хонандагон нигаронида шудааст. Барои омӯзгор муҳим аст, ки дар раванди дарс лаҳзаҳои мураккабро ба миён оварда, ба рушди тафаккури интиқодӣ ва завқи маърифатнокшавии хонандагон асос гузорад.

Аз ҷониби дигар, дар раванди дарс иваз намудани мазмун, сохти дарс ва ташкил намудани мунозира мебошад. Мубоҳисаҳо ҳам барои рушди интиқодии хонанда замина мегузорад.

Хусусияти дигар ин фаъолнокии маърифатии хонандагон тартиб додани саволу супоришҳо вобаста ба мавзуъҳои дарсӣ мебошад, ки таъмини муносибати босалоҳият дар таълим мегардад.

Хусусияти дигар дарёфти ҳалли масъала аз маҳорат ва таҷрибаи касбии омӯзгор сарчашма мегирад, ки тавассути он сатҳи дониш ва малакаи хонандагон баланд мегардад.

1.2. Асосҳои назариявӣ ва амалии фаъолнокии маърифатии хонандагон дар зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ

Масоили баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули шахсияти фаъол дар замони муосир пайваста зери назорат ва таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм қарор дорад. Бинобар ин, мафҳуми фаъолӣ дар таълим ҳамчун принсипи мустақил асос

гирифта, ҳадаф аз роҳандозӣ шудани он дар раванди таълим танҳо аз андӯхтани дониш, малака ва маҳорат иборат нест. Бояд тазаккур дод, ки дар раванди маърифатнокшавӣ дар муассисаҳои таълимӣ сифатҳои беҳтарини шахс ташаккул меёбанд. Яке аз чунин сифатҳо фаъолнокии маърифатӣ мебошад. Ин сифати шахс дар ҷараёни фаъолнокии маърифатӣ, ки ба фаъолияти мақсадноки фард марбут аст, ҳосил мешавад.

Фаъолӣ дар ин ҳолат ҳамчун восита ва шароити ба ҳадаф расидани шахс эътироф гардидааст. Фаъолнокии маърифатӣ ҳамешагӣ набуда, дар раванди фаъолият ё худ фаъолияти таълим асос меёбад ва ба сифати фаъолнокии маърифатӣ таъсир мерасонад.

Аз ин хотир, фаъол гардонидани таълими хонандаро аз ҷониби омӯзгор сафарбар намудани неруи фикрӣ, иродаи маънавӣ ва ҷисмонии хонандагон барои ба мақсадҳои мушаххаси таълиму тарбия ноил гаштан, фаҳмидан ва қобили қабул донистан, мумкин аст. Фаъол гардонидани таълим рафт ва натиҷаи ҳавасманд намудани фаъолнокии хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Д. Э. Бауман қайд мекунад, ки: ―Муваффақияти кори таълиму тарбия то андозаи муайяне ба фаъолияти фикрии хонанда вобастагӣ дорад. То кадом дараҷа онҳо (хонандагон) худашон ҳалли дурустро ҷустуҷӯ кунанд, то андозае, ки рағбати дарки онҳо гуногун бошад, ҳамон қадар сифати дониши онҳо баланд аст, ҳамон қадар онҳо барои зиндагӣ тайёрии хуб мегиранд” [23, с. 70-72].

Воқеан, саҳми шавқу ҳавас ва рағбат дар рафти фаъолияти педагогӣ бузург аст. Дарсе, ки шавқу рағбати хонандагонро ба фанни омӯзишӣ дар ҷӯшу хурӯш наорад, бешубҳа, ба бад шудани интизом, пастшавии диққат ва умуман ба чаласаводию паст шудани маърифати хонандагон оварда мерасонад.

Бо кадом роҳҳо шавқу ҳаваси хонандагонро баланд бардоштан мумкин аст? Шавқу ҳавас диққати хонандагонро баланд мебардорад. Аммо ин ҳанӯз кам аст. Маҳз дар натиҷаи шавқу ҳавас қувваи идрок ва тафаккури хонан-

дагон фаъол мегардад. Ғолибан, масъалаҳои тарбияи қобилияти бачагон ба дедуксия, тартиб додани саволҳо аз тарафи онҳо ва муқоисакунӣ, масъалаҳои мушоҳидакорӣ, мавқеи суҳбат ва аҳамияти экскурсияҳо қайд карда шудаанд.

Масъалаи баланд бардоштани фаъолияти идроки хонандагонро дар ҷараёни дарс М. Г. Кашин дар мақолаи хеш ―Кори мустақилонаи хонандагон дар дарс” низ хеле равшан баён сохтааст: ―22 фоизи вақт дар синфҳои панҷум ва 15 фоизи вақт дар синфҳои VIII–X ба кори мустақилонаи хонандагон ҷудо карда мешавад” [85, с. 67].

Ҳамчунин, раванди таълим шарти зарурии фаъол гардонидани дарки хонандагон, ҳавасмандкунӣ ва намудҳои кор дар лаҳзаҳои гуногуни дарс ва талаботу назорати доимии омӯзгор аз болои кори хонандагон қайд карда мешавад.

Дар ин росто, В. И. Помогайба изҳор кардааст, ки: ―Эҳсоснокии дарс дар истифодаи васеи нақшаҳои равшан, ки дар натиҷа фаъолияти системаи якуми сигнали хонандагон баланд бардошта мешавад, наворҳои таълимӣ, иштирок намудан дар намоишҳои саҳнавӣ, фаъолона иштирок намудани хонандагон ҳангоми баёни мавзуи нав зуҳур меёбад.

Дар қатори воситаҳои муҳимми фаъол гардонидани ҷараёни таълим фаъолияти ҳаваснокии ҳамаи аҳли синф ҷои муҳимро ишғол мекунад. Моҳияти асосии таълими эҳсосӣ дар он аст, ки раванди таълиму тарбия бо ҳиссиёти интеллектуалӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ ба воситаи мисолҳои равшан ва нақшаҳои бадеӣ мусаллаҳ бошад” [138,с. 228-257].

Дарки олами хориҷ аз худ дар фаҳмиши илмӣ меҳнати фаъолона мебошад. Таълимот ҳам меҳнат аст ва бояд меҳнати пур аз афкор бошад.

Воқеан, дар ҷараёни дарс сифати хуби таълиму тарбия барои беҳтар намудани диққат, назорат, хулосаҳои таҷриба, самараи дониш, эҳсосот, завқи ба кор, муошират, субботкорию пайдарҳамии мақсад зарур мебошад.

Барои бедор намудани завқи хонанда то андозаи муайян майли худи ӯ ва кӯшиши ғоявӣ-сиёсиаш таъсир мерасонад. Тарбияи ғоявӣ-сиёсии хонандагон

яке аз шартҳои асосии рушди бомуваффақияти фаъолияти эҷодии онҳо ба шумор меравад.

Муҳаққиқ Б.П. Есипов дар мақолаи худ «Ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии дарсҳо» саволе мегузорад: ―Дар зери мафҳуми самаранокии дарс чиро фаҳмидан лозим аст?

Самаранокии дарс дар хонандагон дониш, қобилият, малака ҳосил кардан ва ѐ устувор кардани донишҳои пештар гирифтаашон ифода меѐбад, ки ин ҳосилшавиро ҳам омӯзгорон ва ҳам худи хонандагон ба чашм дида, эҳсос карда метавонанд.

Самаранокии дарс инчунин бо доштани қобилияти фикр кардан, ҳосил кардани малакаҳои эҷодӣ, бойгардонии маълумоти илмӣ, шавқу ҳавас, кӯшишу ғайрат ифода меѐбад. Дарси самаранок ин дарсест, ки дар он вақт сарфа мешавад ва маҳсулнокии аксари он мушоҳида карда мешавад" [71, с. 123].

Муаллиф ҳамзамон тазаккур медиҳад, ки:

―1) Шартҳои ба даст овардани самаранокии дарс чӣ гуна зоҳир мегардад?.

2) Дар рафти дарс аз аввал то охир машғул будани хонандагон ба кори сермаҳсул аз қабили:

- барои ҳаѐт муҳим будани мундариҷа ва мазмуни дарс;
- алоқамандии байни фанҳоро татбиқ намудан;
- афзудани шавқу рағбати хонандагон ба кори фаъолонаи таълим;
- бедор намудани ҳавас ҷиҳати зиѐдтар донишандӯзии онҳо;
- муҳайѐ намудани шароит ҷиҳати дарккунии мавзуи таълимӣ ва ғайра" [71, с.124].

Масъалаи дигар зимни баррасии хусусиятҳои фаъолнокии маърифатӣ сохти дарс мебошад. Олимони хориҷӣ Леонтев Л.Н. [96], Лернер И. Я., [97;98], Осухова Н.Г. [133] ва М. А. Данилов [64; 65; 66] тасдиқ кардаанд, ки сохти ташкили дарс ва тарзу рафти татбиқ дар он якхела намешавад, чунки ҳар як дарс ба мавзуъ ва шароитҳои педагогӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин ақидаро А.А. Кирсанов дар мақолаи таҳқиқотиаш «Инфиродисозии ҷараёни таълим ҳамчун воситаи рушди фаъолияти идрок ва мустақилии хонандагон» чунин баён намудааст: ―Пешрӣ кардани қафомонии хонандагоне, ки мавзуъро суст аз худ мекунанд, рушди шавқу рағбат, қобилият ва майли хонандагон низ мебошад” [86, 50-51].

Ин намуди кор ҳам дар лаҳзаи баёни мавзуъ, ҳам дар вақти тайёр намудани супориши хонагӣ ва ҳам дар машғулиятҳои берун аз дарс гузаронида мешавад.

Омӯзгорон ҳангоми мустаҳкамкунии мавзуъ бо хонандагон муносибати инфиродӣ мекунанд. Аммо чунин амал ҳангоми аз худ кардани мавзуи нави барномаи таълими фан то андозае мушкилтар мегардад. Кори мустақилонаро ташкил намуда (вобаста ба миёнахонҳо), бо чунин ҳолат рӯ ба рӯ мегардем, ки як гурӯҳ хонандагон бе ҳеҷ мушкилӣ ва мамониат супоришро иҷро мекунанд, аммо гурӯҳи дигари хонандагон бошанд аз уҳдаи иҷрои кор бо сабаби пурра дарк накардани мавзуъ баромада наметавонанд ва бо ҳамин тариқа, сарбории вазифаи хонагӣ зиёд мешавад.

Аксар омӯзгорон имкониятҳои инфиродии таълимро дар лаҳзаи баёни мавзуи нави барномаи таълимӣ дар дарс ва ё ҳангоми лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзуи нав истифода мебаранд.

Пеш аз омӯхтани мавзуи нав омӯзгор муайян мекунад, ки чӣ хел донишҳо (аз ҳамин предмет ва фанҳои таълимии дигар) ва аз таҷрибаи шахсӣ истифода намуда, барои ҳалли самаранокӣ супоришҳои дарккунӣ бояд омода намояд.

Сипас, омӯзгор сатҳу дониши хонандагонро арзёбӣ намуда, сабабҳои бефаъолнокии маърифатиро дар хонандагон ошкор менамояд. Ин кор бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути: таҳлили корҳои хаттӣ, корҳои санҷишӣ, тестҳои шифоҳӣ, тадбирҳои инфиродӣ ва ғайра гузаронида мешавад.

А.Кирсанов дар бораи тадбирҳои дидактикие, ки ба фаъолнокии маърифатии хонанда ба монанди: супоришҳои инфиродӣ, такрор намудани қоида, қонун, теорема, иҷро намудани машқ, ҳал намудани мисолу масъалаҳо

ва ғайра чунин андешаронӣ намудааст: ―Дар чунин вазъ агар мавзуъ начандон мушкил бошад, дарс аз суҳбат, такрор ва è гузаронидани кори хаттӣ сар мешавад ва дар ҳамин лаҳза хатоҳои хонандагон ислоҳ карда мешавад.

Дар ҳамин асно, омӯзгор синфро ба кори мустақилона тайѐр сохта, фаъолнокии маърифаҷӯиро ташкил менамояд. Барои ташкили кори мустақилона омӯзгор супоришҳоеро интихоб мекунад, ки то як андоза мушкилӣ дошта, ҷустуҷӯи дарккунӣ, унсурҳои таҳқиқотиро талаб мекунанд ва бояд шаклҳои фаъолияти фикркуниро дар назар дошта бошад, дар хонандагон фаъолнокии маърифатӣ ҳосил мешавад.

Дар раванди дарс ба хонандагон танҳо вазифаи дарккунии мавзуъ гузошта мешавад, ки восита ва роҳҳо вобаста ба дараҷаи донишу қобилият, маҳорату малака, дар умум, фаъолнокии маърифатии хонандагон мушаххас мегардад.

Дар доираи чунин вазъият бояд дараҷаи дониш, қобилият, маҳорат, малака ва тафаккури хонандагонро ба ҳисоб гирифт. Ҳатто дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ бояд қобилият, дониш, маҳорату малакаи хонандагон ба ҳисоб гирифта шуда, супоришҳоро инфиродӣ кунонида шаванд, яъне ба хонандагони пуркувват супоришҳое додан лозим, ки онҳо начандон пеш гузаранд ва танҳо сифати дониши худро баланд бардоранд” [86, с. 50–51].

Корҳои амалии таҳқиқот нишон медиҳад, ки фардӣ гардонидани супоришҳои хонагӣ боиси боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳсилот, маҳорат ва малакаи хонандагон мегардад, ки ба фаъолнокии маърифати хонандагон мусоидат менамояд.

Супориши хонагӣ амалиѐти гуногуни дарккунӣ, мушоҳида, муқоиса, муқобилгузорӣ, исботкунӣ, фаҳмондадиҳӣ, ба гурӯҳҳо ҷудокунӣ ва ғайраҳоро дар бар дорад.

Масоили рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон боз дар мақолаю асарҳои зиѐди олимон, методистон таҳқиқ шудааст, вобаста ба мавзуи

таҳқиқот онҳоро, асосан онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад, ки дар расми 2 таҳлил ва тасниф гардид.



Расми 2. Гурӯҳбандии асарҳо аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷа барои муайян кардани рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон

Қатъи назар ба гурӯҳҳо тақсим кардани мавзуоти мақолаҳою рисолаҳои илмии ба мавзуи мазкур бахшида шуда, қариб ҳамаи онҳо рушд ва ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагонро ба воситаи дарс ва ҳангоми иҷрои супориши хонагӣ (тайёрӣ ба дарс) исбот кардаанд.

Ҷанбаҳои таҳқиқи назариявӣ муайян сохт, ки мақсади асосии таълим мусаллаҳ намудани хонандагон бо дониши амиқу мустаҳкам, маърифати баланд, маҳорат ва малака мебошад.

Донишандӯзӣ пеш аз ҳама маънои маърифат кардан, қабул кардан, ёд гирифтан, андешидан, идрок намудани санадҳои муайяни қонун, усул, ғоя, қавоиду қонунмандӣ ва ҷамъбандии онҳоро ифода менамояд.

Дониш на танҳо дар хотир доштаи мавод ё маълумот, балки онро муқоиса намудану шарҳ додан, дарк кардану хулоса баровардан ва натиҷагирӣ карда тавонистан аст. Ҳангоми таҳлил намудани самараи дониши хонандагон маълум мегардад, ки то кадом андоза ҷаҳонбинии хонандагон

такмил ѐфтааст. Дар ҷараѐни омӯзиш хулосаю ҷамбастиҳо бояд чунон сурат гирад, ки хонанда онҳоро қабул карда тавонад.

Масалан, хонандагон қонуни ҷамъшавандаҳоро дониста, онҳоро чун восита барои ҳисоб ва ҳалли мисолу масъалаҳо истифода мебаранд. Барои такмили маҳорат лозим аст, ки мунта-зам ба донишомӯзӣ машғул шуд. Дар омӯзиши фанҳои таълимӣ ба ғайр аз гирифтани дониш, боз такмили маҳоратро дар хонандагон таъмин бояд кард, ки ин унсур омили фаъолнокии маърифати хонандагон мегардад. Такроран ва амалан истифода бурдани маҳорат хонандаро водор месозад, ки захираи маънавии хешро истифода намуда, барои фаъолнокии маърифатҷӯӣ замина гузорад. Дар ин сурат, ҳар бор ба хонанда ѐдрас намудан, қоидаву қонун ва бозгӯ кардани ҳама баѐноту далелҳои ба он алоқамандро талаб менамояд.

Яъне, инсон тавассути пайдо кардани малака ҳар гуна корро тезтару беҳтар ба сомон мерасонад. Дар ҳолати ба мушкилот дучор шудан ӯ қоидаю қонунро ба ѐд оварда, аз дониши андӯхтааш истифода мекунад ва мушкилотро тавзеҳ медиҳад. Дар сурати норасоии дониш ва ҷустуҷӯи дониши иловагӣ, яъне маърифатҷӯӣ саъй меварзад ва малакаи андӯхтаашро мустаҳкамтар менамояд.

Муҳаққиқ В.С. Данюшенков дар ин маврид изҳор мекунад, ки: ―Фаъолнокии маърифатӣ ба ҳама гуна малака ва такмили маҳорату ба маънии васеи ин калима, хусусан, ба маҳорати китобхонӣ, навиштани иншо, эссе, худомӯзӣ, дониш пайдо кардан ва онро дар амал истифода бурдану тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҳалли масъалаҳо ва амсоли инҳо кӯмаки ҷиддӣ мерасонанд. Агар хонанда ин амалҳоро хеле хуб аз бар кунад, он гоҳ ӯ ҳангоми навиштани нақли хаттӣ ѐ иншо дар хусуси қоидаҳои имло хонанда ба хатогӣ роҳ намедиҳад.

Ин ба хонанда барои такмили ҳалли масоили навиштани нақли хаттӣ, таҳлили санҷишҳо, воқеот, муқоисот, муқобилот, табақабандӣ, ҳамчунин ба дониш ва истифодаи амали он мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, хонандагон дар раванди таълим ба дониши амиқ ва услуб, маҳорату малакаро доро мешаванд. Дар ин асос, неруи маърифатӣ ва қобилияти онҳо такмил меёбад” [66].

Омӯзгор хонандагонро барои азбар кардани донишу маҳорат чӣ гуна ҳидоят мекунад? Дар тамоми ҳолатҳо ҳодисоти омӯхташавандаро бевосита мушоҳида карда, пеш аз ҳама, омӯзгор дарки ин ҳодисотро ба хонандагон созмон медиҳад. Онҳо бояд ҳодисоти табиату ҷамъиятро дар зиндагии воқеӣ бинанд, ба онҳо мудохила намуда, тағйир диҳанд.

Фарз мекунем, ки дар дарси навбатӣ мавзуи ―Панҷараҳои кристалӣ” аз фанни кимиё бошад. Донишҳои гузашта ва нав азхуд кардаашонро алоқаманд намоянд, то ки дер гоҳ дар саҳифоти хотир пойдор монанд. Омӯзгор ба хонандагон вазифаи хонагӣ, аз қабили таҷриба гузаронидан, аз маҳлули физикии намак кристаллҳо ба вуҷуд овардан, аз китоби таълимӣ намакро мутолиа кардан, баҳри ин мутолибро возеҳан шарҳ додан ва ба саволҳо ба тезӣ ҷавоб гардониданро месупорад, яъне хонандагон оид ба саволҳои муҳимми ҳаёт бояд посух диҳанд.

Агар инсон дар ғизо намакро истифода набарад, ба организми ӯ чӣ мушкил эҷод мегардад? Барои чӣ дар баъзе доруҳо намакро ворид мекунанд? Агар ба хок намак андозанд, ба баланд бардоштани ҳосил чӣ хел таъсир мерасонад? Барои чӣ баъзе хӯрданиҳо таъми шурӣ доранд?

Ҳарчанд ки хонандагон намакро дар ҳаёти ҳаррӯза дидаанд, лекин дар ин ҳолат онҳо намакро бо намуди гуногунаш таҷдиди назар карда, маҳлулшавӣ, раванди буғшавии маҳлули намакин ва ғайраро мушоҳида мекунанд. Ин мушоҳидаро дар онҳо бояд омӯзгор ёд дода, хонандагонро бо нишондодҳои илмии воқеӣ шинос карда, ба онҳо макони ҷойгиршавии намак ва тариқи истеҳсоли онро шарҳ медиҳад. Дар ин ҳол, омӯзгор ба хонандагон мусаввараҳоро нишон дода, аз ягон адабиёти илмиву оммавӣ порча мехонад, корҳои амалию озмоишӣ мегузаронанд. Азбаски, омӯзгор диққати хонандагонро ба воқеаи муайяне ҷалб мекунад, дар назди онҳо масъалаҳои муайян ва саволҳо гузошта, онҳоро ба муқоисаи фанҳои омӯхташаванда

раҳнамун мекунад. Омӯзгор хонандагонро баҳри иҷрои супориш ба андешидан водор сохта, дар ниҳодашон шавқмандӣ ва кунҷковиро бедор менамояд, ки фаъолнокии маърифатӣ таъмин гардад.

Раванди андешамандона омӯхтани ҳодисот бояд идома ѐбад, хонандагон бояд намудҳои намак, хосияту аҳамияти муфиди онҳоро барои зиндагии инсон, рустаниҳо, макон ва тарзи истифодабариашонро дар ҳаѐти инсон равшан фарқ кунанд. Дар раванди азхудкунии дониш, фаъолнокии маърифатӣ омӯзгор маълумоти воқеиро мукаммал намуда, масъала мегузорад ва вазъи проблемавиро ба вуҷуд оварда, хонандагонро барои ба саволҳо ҷавоби дуруст додан, ба ин масъала омода месозад. Дар ин сурат, омӯзгор ба ҷавоби саволҳо ва гузориши вазъи проблемавии хонандагонро санҷида, бояд муайян кунад, ки хонандагон моҳияти маълумоти азхудкардаро дар доираи маърифатҷӯӣ дарѐфтаанд ѐ не.

Бинобар ин, раванди дар хотир нигоҳ доштани маводи омӯхтанашаванда якҷоя ҷараѐн мегирад. Омӯзгор аҳамияти аввалиндараҷа доштаи мавзуъро қайд мекунад ва хонандагон бошад, он истилоҳу калимаҳои номафҳумро бо тафсираш дар дафтари худ сабт менамоянд. Омӯзгор якчанд саволҳоро дар доираи мавзуи дарс барои мустаҳкам кардани донишҳои нав такроран ва ба шаклҳои гуногун ба хонандагон медиҳад, то ки онҳо андеша кунанд, дониши андӯхтаи худро бо донишҳои нав аз бар кардаашон алоқаманд намоянд.

Ба кор бурдани дониш оид ба сафедаҳо дар таҷрибаи амалии хонандагон ифода меѐбад. Масалан, онҳо ба дарки баланд нуриҳои минералиро дар минтақаи таҷрибавии мактаб ѐ дар замини назди хонаи худ истифода баранд, онҳо бояд кӯшиш намоянд, то ки аз оби намак оби нӯшокиро ҳосил кунанд.

Бояд мутазаккир шуд, ки хонандагон зимни дарки ашѐ аз ҳаѐту муҳит ва таҷриба дониш гирифта, бинобар донишандӯзӣ бобати тавсифи ҳодисот ва истифодаи онҳо дар корҳои амалӣ бармегарданд.

Дар ҳолате ки амалан нисбати фанҳои амалӣ ин ба предметҳои моддию ҳодисот созмон мегирад, нишондоди боло роҳи фаъолияти маърифатҷӯӣ ва азхудкунии дониш мебошад, ки дар маҳорату малака риоя мешавад. Воқеан,

омӯзгор аз санаду мисолҳо хонандагонро ба таҳлилу хулосабарорӣ оварда, сипас, онҳоро ба фаҳмиши қоидаву қонунҳо, ҷамъбасту фатҳи санаду мисолҳои нав ва дар амал истифода бурдани онҳо водор месозад. Агар хонандагон фанни омӯхташавандаро ҳамчун падидаи ҳаёт дучор оянд, дар ин сурат раванди шиносоиро ба он ибтидо кардан зарур аст.

Дар ин вақт аз тасаввуроти бевосита доштаи хонандагон шуруъ намуда, баъд аз дарки озодона, танзими фаҳмишу хулосабарорӣ гузоштан лозим аст.

Дар ин росто, Л. В. Знаков нигоштааст: ―Омӯзгор дар ҷараёни таълим хонандагонро аз нодонӣ ба сӯйи доноӣ, аз дониши ками номуайянӣ бетараф менамояд ва ба дониши дақиқу ҷамъбастӣ роҳнамоӣ мекунад, ки ин тавассути фаъолнокии маърифатӣ амалӣ мешавад. Фаъолият ҳадафдор ва бо низоми кори таълим ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар шуури хонандагон саҳеҳан алоқамандии воқеии ашё ва ақлониро инъикос намояд ва ҳақиқатро равшану возеҳ дарк кунанд, имконияти зарури шаклу усули муосиру муассирро дар таркиби он ҷӯё намоянд ва ин танҳо тавассути фаъолнокии маърифатӣ амалӣ ё ҳосил мегардад.

Дар раванди таълиму тарбия фитрати хонандагонро фаъолу устувор мувофиқи мақсад парвариш намуда, таваҷҷуҳи хосса ба хонандагон, дониши амиқу возеҳ дода, ҳодисоти табиат ва ҷамъиятро сареҳану илман шарҳу баён кардан, воқеоти ҳаёти ҷомеаро дуруст фаҳмидан ва хонандагонро мувофиқи талаботи ҷамъият дониш омӯзонидан, аз омӯзгор масъулиятшиносии бузургро тақозо мекунад” [75, с. 27].

Дар маҷмуъ, ҷанбаҳои амалии кори таълим дар асоси донистани маълумотҳо хонандагонро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатҷӯӣ, омӯзиши ашё ва ҳодисоту воқеоти табиату ҷамъият раҳнамоӣ мекунад. Дар ин ҳолат хонандагон қонунмандии ҳодисоти табиат ва ҳаёти ҷомеаро дарк менамоянд. Хусусияти асосии ҷараёни таълим дар он аст, ки мазмуни дарсҳо бояд таассуроти муайянеро дар шуури хонандагон ба вуҷуд орад.

Бо мақсади амиқ ва равшану возеҳ намудани ин назарияҳо дар мактабҳои такягоҳӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуд. Оид ба

фанҳои гуногун саволномаҳо сохта, аз хонандагони хатмкунанда ҷавоби хаттӣ гирифта, суҳбатҳо гузаронида шуд, то ин ки дараҷаи фаъолнокии маърифати хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои фанҳои гуногун муайян карда шавад.

Масалан, аз фанни адабиёти муосири тоҷик чунин саволҳо пешкаши хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ва назоратии мактабҳои такягоҳ гардид:

1. Кадом асарҳои насрии устод Садриддин Айниро мутолиа намудаед?

2. Кадом манзумаҳои шоирон Мирзо Турсунзода ва Ҳабиб Юсуфӣ ба жанри лирика тааллуқ доранд?

3. Асарҳои драмавии нависандагони муосири тоҷик Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ ва Ғанӣ Абдуллоро номбар намоед ва ғайра.

Аз рӯйи ин кор фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон муайян мешавад. Мақсади асосии ин саволгузорӣ бо роҳи санҷиш амиқ намудани сатҳи дониш ва фаъолнокии хатмкунандагон аст, ки қабл аз озмоиш гузаронида мешавад. Дар асл, ҳанӯз хонандагони синфи XI дар оғози соли таҳсил ин мавзуъҳоро нагузаштаанд. Вале асарҳои дар машғулияти суҳбат аз рӯйи нақша ва номгӯйи адабиёт барои хониши беруназсинфӣ (аз адабиёти муосир) муҳокимашаванда бармаҳал, ҳатто пас аз хатми синфи X дар таътили тобистона барои хондан ба хонандагон тавсия карда мешаванд.

Дар ҳоле ки аз гурӯҳҳо ягон ҷавоби муҳим ва дуруст ба амал наомада бошад, пас аз гузаронидани озмоиш, ки вазифаҳо мушаххас шудааст, усулҳои методӣ коркард дидаанд, ба омӯзгорон барои гузаронидани кор бо гурӯҳҳои озмоишӣ тавсияҳо дода мешаванд. Дар натиҷа, ҷавоби хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ба саволҳои такроран дар шакли анкета додашуда, нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ сатҳи хеле баланди фаъолнокиро нишон доданд.

Зимни озмоиш вазифаҳое, ки дар назди омӯзгорони озмоишгар гузошта шуда буд, ба ҳалли вазоифи зайл водор мекунад:

1. Интихоби усул ва шаклҳои самарабахши кор бо маводи таълим, ки фаъолнокии маърифатиро дар дарс таъмин мекунад;

2. Омода сохтани адабиѐти зарурӣ ва саривақт истифода намудани он дар машғулиятҳои синфӣ, то ин ки барои таъмини рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ мусоидат намояд;

3. Ташкили шароити мақсадноки хониши фориғ аз дарс, гузаронидани суҳбатҳои эвристикӣ, мубоҳиса ва ғайра;

4. Яке аз роҳҳои нисбатан боварибахш барои беҳтар гардонидани шавқи хонандагон ин зиѐд намудани фаъолнокии онҳо дар лаҳзаҳои дарс бо ҳалли масъалаҳои проблемавӣ, андешидани тадбирҳои ҳавасмандгардонии онҳо, бо азхуд намудани осори назмию насрии адабиѐт, баровардани варақаҳои адабӣ мебошанд, ки тавассути он беҳтарин дӯстдорону хонандагони китобҳои бадеӣ таблиғ мешаванд. Ташкили барномаи радиошунавонӣ аз тариқи нуқтаи мактабӣ, ки тавассути он беҳтарин қироатчиѐни шеър ва саҳначаҳои адабӣ баромад мекунанд, истифода намудан зарур аст.

Ғайр аз макотиби муқаррарӣ, боз муассисаҳои мухталифи муосир чун шахсию саҳҳомӣ ва хусусӣ амал мекунанд, ки ҳар яке бо барномаҳои таълимии хос мусаллаҳ ҳастанд, аммо ин барномаҳои таълимӣ то кучо матолиби давлатиро пайгирӣ мекунад, бояд донист. Масалан, ҳадафи асосии дилхоҳ мактаб (хоҳ гимназия бошад, хоҳ мактаби хусусии таҳсилоти томактабӣ ва ғайра) омода намудани хонанда ва мусоидат ба густариши шахсияти ӯ мешавад.

Таҳсилот дар замони муосир, пеш аз ҳама бояд ба манфиати шахс ва ба манофеи миллӣ раванд гардад, ки тавассути низоми таҳсилот ба тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон дастрас бошад ва рушди сармояи инсонро таъмин намояд.

Вазъи кунунии таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ чӣ тавр бояд ислоҳ намуд? Зимни посух ҷустан ба суоли матраҳ роҳи иртиботи моддию таълимии муассиса қобили қабул дониста шуд:

- ба ашхоси тасодуфӣ дар кори тарбия роҳ надодан, чунки қобилияти тарбия кардани хонандаро надоранд. Дар ин замина тадбир-

ҳои иловагӣ андешидан зарур аст, ки мутахассисони соҳибтаҷрибаи бо амри тақдир мактабро тарк намуда, муҷаддадан ба кор баргардонида шаванд;

- барномаҳои таълимии фаннӣ ва китобҳои дарсӣ мутобиқи шароити давру замон мураттаб гардида, аз маводи тозаю судбахшро фаро гирифта, мукаммал гарданд;

- нақшаи таълимӣ тибқи тақозои ҳаѐт фанҳои таълимиро ҳовӣ шавад. Дар нақшаи таълимии МТМУ$

- фанҳои судмандро ворид карда, фанҳои начандон зарур хориҷ карда шавад. Зиѐда аз даҳ фанни нави таълимӣ ҷорӣ шудааст. Бояд суръати амалӣ шудани онҳо дар мактабҳо тезонида шавад;

Дар раванди таълим масъалаи бедор намудани шавқи маърифатҷӯӣ, рушду ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон, бахусус хатм-кунандагони МТМУ бояд дар мадди аввал ҷой дошта бошад. Чунки аз маҳорати омӯзгор аз дараҷаи баланд гардидани шавқи хонандагон ба дониш, омӯзиш ва меҳнат инъикос мегардад.

Омӯзгор нокомиҳои худро, пеш аз ҳама, дар фаъолияти хеш бояд ҷустуҷӯ кунад. Сабаби аз баррасӣ маҳрум мондани мавзуро на бо саволи «Чаро аз худ накардӣ?», балки бо саволи «Чаро хонандаро ҳавасманд карда натавонистам?» амиқ кардан зарур аст.

Аз ин рӯ, раванди рушду ташаккули фаъолнокии маърифатии хатмкунандагон бояд аз тарафи омӯзгор назорат гардида, ҳамеша таҳти муҳокима қарор бигирад. Пеш аз коркарди усули таълими мавзуъ бояд роҳҳои ҳавасманд гардонидани хонандагон ба дарѐфти моҳияту ҷавҳари мавзуъ муайян карда шаванд. Хонандагон бояд равшану возеҳ дарк намоянд, ки бо кадом мақсад мавзуъ омӯхта мешавад. Агар мақсади омӯхтани мавзуъ ба манфиати онҳо мувофиқат намояд, зарурияти омӯхтани онро эҳсос менамоянд ва дар акси ҳол зарурияти омӯхтани он мавзуро ҳис накарда, ҳавасманд намешаванд.

Таҳқиқ ва мушоҳидаҳо нишон додаанд, ки дар ҳолати амалӣ нагардидани чунин шароити педагогӣ ва ҷанбаҳои муассири дидактикӣ, шавқу рағбати хонандагон ба таълим афзун намегардад, ки ин боиси паст гардидани дараҷаи фаъолнокии маърифатии онҳо мешавад.

Дар ин сурат, омӯзгор муваззаф аст, ки барои беҳтар намудани фаъолнокии хонандагон тавассути воситаҳои фаъолнокӣ барои ҷалб намудан ба машғулиятҳои амалӣ ва дарсҳои назариявӣ истифода бинамояд.

Нишонаҳои фаъолнокии маърифатӣ аввал дар муносибати мусбии хонанда ба мазмуни мавзуи омӯхташаванда è худ мазмуни маълумот ва иҷрои якчанд амали маърифатӣ пайдарпайи ба ҳам алоқаманд татбиқ мешаванд.

Хулосаи боби якум

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи назариявии боби якум заминаи муайяни таълимӣ ва муқаррароти консептуалии муассир оид ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми МТМУ дар раванди таълим аҳамияти шаклҳо ва шароитҳои педагогии он муайян гардида, мувофиқи вазифаҳои таҳқиқот корҳои амалиро бо хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, таҳсилот инъикоси вазъи сиѐсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа мебошад. Дар шароите ки сохтори сиѐсии ҷомеа ба куллӣ тағйир ѐфта, ба ҷои як сохти сиѐсии давлатдорӣ сохти сифатан нави давлатдорӣ ҳукмрон аст, иқтисодиѐт ва ҳаѐти моддии ҷомеа шакли нав гирифтааст, идеологияи ҷамъиятӣ ба сохти нави сиѐсӣ марбут мегардад ва тамоми соҳаҳои иҷтимоии давлат: илм, фарҳанг, маориф низ, бешубҳа, маҷрои нав меҷӯянд, ки хусусияти рушддиҳанда дошта бошад.

Раванди дар зинаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ таълим, қабл аз ҳама хусусияти маърифатии хонандагонро рушд дода, натиҷаи раванди таълим дар заминаи фаъолнокии хонандагон ҳосил мегардад. Агар хонандагон ба омӯзиши асосҳои илм эҳтиѐҷмандӣ ҳис кунанд, ҳавасмандии онҳо зиѐд

мешавад. Дар рафти дарс онҳо фаъолона, бо талаботи беш нисбати хеш ва омӯзгор ҷавҳари маводи таълимиро таҳия намуда, нуктаҳои ба онҳо зарурро аз худ мекунанд.

Ҳамчунин, бо назардошти дар амал татбиқ намудани пажуҳишҳои илмӣ ба масъулин ва мутахассисони соҳаи маориф ва ба омӯзгорон барои истифода дар раванди таълим дар рушди фаъолнокии маърифати хонандагон зери таҳқиқоти назариявию амалӣ як қатор тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:

1. Барномаҳо ва китобҳои дарсӣ дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим такмил дода шуда, дар нақшаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шаванд;

2. Бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим усулҳои инноватсионӣ истифода шаванд, ки тавассути онҳо хонандагон зарурияти ҳаётӣ ва амалии маводи таълимро ҳис карда тавонанд.

3. Ба омӯзгор шароитҳои педагогӣ муҳайё намудан зарур аст, то ки дараҷаи касбият ва таҷрибаи педагогиашон баланд гардида, маҳорати эҷодкориро пайдо намуда, фаъолнокии хонандагонро дар ҳар як дарс таъмин карда тавонад.

4. Дониш, маҳорат ва малакаи хонандагонро аз рӯйи нақл ва мазмуни матн (шифоҳию хаттӣ) не, балки аз рӯйи фикрронию ақида, корҳои эҷодӣ ва назари танқидии онҳо ба моҳияти мавзуъ ворид гардида, қобилияти мустақилона мавриди баррасӣ қарор додани мавзуро дошта бошанд, арзёбӣ гардад.

Дар натиҷа маълум гардид, ки корҳои таҷрибавӣ дар натиҷаи озмоишҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки вазъияти раванди таълим барои ҷонноку устувор намудани шавқу рағбати хонандагон ба донишандӯзӣ ва рушду ташаккули фаъолнокии фаъолияти маърифатии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба талаботи замон мусоидат мекунад. Ба замми ин, малакаю маҳорати хонадагон зарур ҳастанд, чун онҳо дар баҳсҳо барои такмили андешаи ҳамдигар замина мегузоранд.

Ин далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҷараѐни таълим ба рушди мунтазами фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ ба тадриҷ малакаи эҷодкорӣ эътибор дода намешавад. Бинобар ин, ҷиҳати рафъ намудани мушки-лоти зикргардида зарурати такмилу тағйир додани барномаҳо ва дигар воситаҳои таълим ба вуқуъ пайвастааст. Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вижагиҳои сохторӣ дар мактабҳо бештар ба мушоҳида расида, омилҳои худнамоӣ ғолиб омадаанд.

БОБИ II. ОМӮЗИШИ МАЗМУНИ ИТТИЛООТ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

2.1. Усулҳои муассири омӯзиши мазмуни иттилоот ҳамчун омили асосии фаъолнокии маърифатии хонандагон

Фаъолнокии маърифатӣ унсури таркибии таҳсилоти миѐнаи умумӣ мебошад. Таҳсилоти миѐнаи умумӣ аз мақсад, вазифа ва талаботи асосӣ ба барномаҳои таълимӣ иборат буда, ҳадафаш ба хонандагон додани дониш ва маҳорат аз фанҳои гуногун, аз ҷумла: забон, математика, илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ буда, он ба таҳсилоти ибтидоӣ асос ѐфта, хонандагонро ба зинаи таҳсилоти миѐнаи касбӣ ѐ олии касбӣ омода мекунад, ки дар доираи Стандарти давлатии таҳсилоти миѐнаи умумӣ, ки марҳилаҳои синфҳои 1-4, 5-9 ва 10-11-ро дар бар мегирад, амалӣ мегардад.

Таҳсилот чун падидаи иҷтимоӣ ва мукаммалсозии шахс буда, бо дарназардошти рушди қувваҳои истеҳсолӣ ва устувории муносибатҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолии замон ба раванди таълим фарогирифта мебошад, ки барои рушди инсон ва ҷомеа бағоят зарур аст.

Бинобар ин, зимни таҳқиқоти вазифаҳо низоми донишҳои асосии илмӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ, ғояҳои ҷаҳонбинии илмӣ ва маънавию эстетикие, ки дар раванди таълим барои хонандагон, дар оянда, зарур аст, дар назар гирифта мешаванд. Ин ақидаро олими педагог В. Иванов низ чунин баѐн кардааст: ―Инъмил чун яке аз қонунияти ташаккули мазмуни таҳсилот буд, ҳаст ва боқӣ мемонад. Аммо дар байни низомҳо дараҷаи калонтарин, ки ба ташаккули мазмуни таҳсилот сабаб мегардад, инҳо мебошанд:

1) мақсадҳои қабулкардашуда;

2) комѐбиҳои иҷтимоӣ ва илмӣ;

3) талаботи иҷтимоӣ;

4) талаботи шахсӣ;

5) шароитҳои педагогӣ ва ғайра” [144, с. 22].

Талаботи инсон дар раванди ташаккулѐбии шахс нуқтаи асосии рушди маънавӣ аст. Шахс талаботҳои маънавии худро дар низоми таҳсилот, давлат ташкил кардааст, таъмин карда метавонад.

Яке аз унсури асосии таҳсилот, ки шахс танҳо дар муҳити маърифатӣ тавассути фаъолнокии маърифатӣ рушд мекунад, ин дарс аст.

Субъекти асоси раванди таълим, ки дар ташкили муҳити омӯзиш ва дар ташкили фаъолнокии маърифатӣ барои рушди тафаккуру баланд гардидани дониш вобастагии калон дорад, омӯзгор мебошад.

Омӯзгор, ки дорои дониши касбӣ аст, бо хонандагон танҳо дар дарс ва дигар машғулиятҳову чорабиниҳои маърифатии берун аз дарс дар иртибот шуда метавонад. Ин иртибот зарурӣ дар низоми таҳсилот, ки давлат таъсис додааст, ба амал меояд. Иртиботи маърифатӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва шароитҳои педагогӣ ташкил мешавад. Иртиботи маърифатӣ байни омӯзгор ва хонандагон тавассути низом ва яке аз унсури асоси таҳсилоти дарс ба вуҷуд меояд, ки шахс талаботи маънавии худро қонеъ мекунад.

Омӯзгор зимни дарс маҳорату малакаи хонандагонро таҳқиқ намуда, дараҷаи дониши худро низ вобаста ба мавзуъ дарк намояд. Ҳамзамон, роҳҳои таҳқиқ намуданро ба хонандагон нишон дода, маҳорати омӯзишро дар малакаи онҳо такмил диҳад. Хонандагони зинаи сеюми таҳсилот баробари хатм намудан ба ҳайси як шахси соҳибандеша ба ҷомеа бояд ворид шавад.

Чӣ гуна бояд дар дарс омӯзгор, масъалаи фаъолнокии маърифатии дарсро дар ҳама гуна фанҳо тавассути мазмуни таҳсилот ба роҳ монад?

Мо дар зер якчанд принсипи ташкили фаъолнокии маърифатиро дар дарс меоварем, ки омӯзгор метавонад аз онҳо ба таври воқеӣ дар ҳар як фанни таълимӣ истифода барад:

– сатҳи дониши назарии навро барои хонандагон такомул бахшад;
– фаҳмишу дарки мавзуи дарсро осонфаҳму шавқовар намояд;

–маҳорату қобилиятро (эҷодкорӣ, хулосабарорӣ, арзѐбӣ, тафсирӣ ва ғайра) дар хонандагон ташаккул диҳад?

– диққат ва хоҳиши дар дарс омӯхтани мавзуъро дар хонанда ҷоннок намояд?

– чӣ хонандагонро ба хулосаю натиҷагирии (ғоявию назарӣ, ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ) мавзуи дарс водор месозад ва маҳорати зеҳниро дар хонандагон ташаккул медиҳад.

А.А. Кирсанов дар ин росото изҳор кардааст, ки: ―Ташкили фаъолнокии дарс таъмин мегардад, агар принсипҳои зерин риоя гардад:

- омӯзгор дар пеши хонандагон ҳангоми ҷамъбасти ин дарс асрори чизҳои донистанашон зарурро муттаасил ошкор кунад, он гоҳ хонандагон аҳамияти мазмуни таҳсилотро амиқ дарк мекунанд, ки ин барои омӯзгор омили муҳим аст. Асоси арзиши маънавии мазмуни таҳсилоти миѐнаи умумӣ имкон медиҳад, ки муносибати тангназарии хонанда ба дониш рафъ гардад ва ин алоқаи мусбатро ба таҳсил фароҳам оварда, барои рушди тафаккури интиқодӣ ва сатҳи маърифатнокӣ мадад мерасонад;

- дар аввали дарс омӯзгор масъалаи маърифатиро мегузорад ва дар ҷараѐни кор ба он бозгашта, дарсро ҷамъбаст ва дониши андӯхтаро чунин хулоса мекунад, ки хонандагон чӣ чизи навро омӯхтаанд, дар онҳо кадом маҳорату малака ташаккул ѐфт, бедории шавқу ҳавас ҳамчун омили инъикоси мазмуни таҳсилот ва фаъолнокии маърифат ба назар мерасад (агар мундариҷаи дарс имкон диҳад). Ҳамаи ин мушоҳидаҳо метавонанд, омилҳои муассири мазмуни таҳсилотро дар ташаккули фаъолнокии маърифат муайян намояд‖ [86, с. 50].

Ҳамин тавр, риояи принсипҳои ташкили фаъолнокии маърифатӣ дар ҳар як дарс бояд ба роҳ монда шавад, то ин ки дарс ―рӯҳи мантиқӣ‖-и худро возеҳу мураттаб ифода кунад ва мақсади маърифатии мухтасар, инчунин ҷамъбасти назарию амалӣ дошта бошад.

Интихоби қатъии далелҳои воқеӣ ва ҷудо кардани унсури муҳим бояд мундариҷаи маводи таълимро ташкил диҳад. Нуқтасанҷона интихоб

намудани далелҳо, унсури муҳимми мазмуни маълумот буда, дар дарс омӯхта мешаванд. Омӯзгор ҳангоми интихоби мазмуни дарс мавзуи онро мавриди шиносоию омӯзиш қарор дода, барои барқарор намудани алоқамандии дурусти байни далелҳои воқеӣ ва ҳолатҳои умумии назариявӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, муҳаққиқ Н.И. Кудряшев ибрз кардааст, ки: ―Дарс бояд, ки ба мантиқи баѐн, муносибати байни ҳодисоти алоҳидаи раванди дарс алоқаманд бошад. Масалан, дар тамоми барномаҳои таълими фанни таърих хонандагон тарафҳои гуногуни ҷамъиятро, аз қабили шароити табиию ҷуғрофии мамлакат, фаъолияти хоҷагидории мардум, сохти иҷтимоию сиѐсӣ, таркиби синфҳо, давлат, муборизаҳои синфӣ, ҷанг, маданият ва ғайраро меомӯзанд. Барои хонандагон фаҳмидани паҳлуҳои гуногуни ҳаѐти ҷамъиятӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, барқарор кардани хусусияти байни онҳо дар даврaҳои гуногуни таърихӣ зарур аст.

Роҳи дигари интихоби маърифатӣ ва муҷаҳҳази маводи таълимро омӯзишу фаҳмиши марказии қонун, қоида ва усул ташкил медиҳад. Мукаммалии дарс дар дидактикаи умумӣ, хосса дар методика, проблемаи муҳимми он аст. Омӯзиши мавод дар ҳамаи фанҳо як навъ нест. Баъзан, муҳтавои дарсҳо ба хотири муқоиса намудан, дар дохили худи дарс такрор ва аз худ карда мешавад, аммо дигаре тақвияти зиѐди корҳои мустақилонаи хонандагонро дар хона тақозо мекунад, дарси сеюм аз омӯзгор гузаронидани машварати гурӯҳӣ ѐ инфиродӣ, ба нақша гирифтани дарс ташкил ва гузаронидани он муҳим аст, ки кадоме аз онҳоро бояд иҷро кард (аз рӯйи хусусият ва ҳаҷм). Дар ҳолате ки агар омӯзгор ин талаботро иҷро накунад, хонандагон тамоми мазмуни маълумоти мавзуи дарсро ҳазм карда наметавонанд‖ [91, с. 42].

Омӯзгор маводи воқеиро ҳатман мефаҳмонад, мисол меоварад, хонандагон онро бо диққат гӯш мекунанд ва қоидаҳоро аз ѐд менамоянд. Аммо на ҳамаи хонандагон мавзуъро то дараҷаи истифодабарӣ дар хотир дошта метавонанд. Чунин ҳам мешавад, ки хонанда дар хусуси аҳамият ва

аломатҳои грамматикии сифат пурра нақл мекунад, лекин аломати грамматикии сифатро дар ҷумла муайян карда наметавонад. Пас ҷамъбасти дарс натиҷаи фаъолияти мустақилонаю оқилонаи хонандагонро фаро нагирифта будааст.

Мушоҳидаҳои беш аз 15 дарси забон ва адабиѐти тоҷик дар зинаи сеюми МТМУ нишон дод, ки хонандагон ҳангоми таҳлили ҷумла саволро дуруст дар муайян кардани ҳиссаи нутқ ѐ аъзои ҷумла монда наметавонанд. Ба мисли он калима кадом аъзои ҷумла аст ѐ худ калима ва истилоҳотро саҳеҳ шарҳ дода наметавонанд. Ин камбуду норасоиҳо дар раванди таълим чиро нишон медиҳанд? Маводи мавриди омӯзиш қарордошта чаро якхела нест ва дар раванди таълим ҷузъиѐти ҷудогонаи он чаро гуногун аст?

Танҳо ҳамон қисми маводи таълимӣ дар ѐди хонандагон мемонад, ки ба усули азхудкунии он мувофиқат мекунад. Яъне, дар раванди таълим алоқамандии мазмуни таҳсилот бо фаъолнокии маърифат ва баландбардории ҳавасмандии хонандагон роҳандозӣ карда нашудааст. Дар кадом шароит хонандагон дар дарс маводи таълимиро устуворона аз худ намуда, фаъолнокии маърифатӣ рушд меѐбад?

Ҷавоби ин савол гузориш ва ҳалли якқатор масъалаи зеринро аз омӯзгор дар ташкили фаъолнокии маърифатӣ дар раванди дарс тақозо мекунад:

- зимни омодагию омодасозӣ барои ба нақшадарории раванди таълим талаботи умумии дидактикиро дар ѐд доштани омӯзгор ҳатмист ва методу усулро тавре аз нав бояд истифода кард, ки бо ҷузъиѐти гуногун ба мазмуни омӯхташаванда ва интихоби мураттаби он созгор бошад;

- азхудкунии маводи гуногун созмони мунтазами фаъолияти омӯзгору хонандагон дар дарс адади гуногуни мисол ва сарфи вақтро тақозо мекунад. Бинобар ин, дар хусуси фаъолнокии маърифатии хонандагон хусусан, ҳангоми омӯзиши маводи аз ҷиҳати хусусият гуногун саволу андешаҳоро ба миѐн оварад;

- овардани иқтибосҳо аз мавзуъҳои барномаи таълимӣ дар раванди дарс ва робитаи марҳилаҳои таълимиро ташкил намуда, робитаи байниҳамдигарии фанҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян намояд:

- дар раванди таълим омӯзиши маводи таълимӣ, ташаккули пурраи хонандагон, сифати ахлоқӣ, шавқмандӣ, хусусияти фаъолияти ахлоқӣ дар алоқа ба дарс бояд бошад;

- ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои фанни таълимӣ лозим аст, ки маводи таълимӣ дар шакли проблемавӣ ва инчунин, дар ҳолати зарурӣ дар доираи тафриқа омӯхта шавад.

Шароитҳои педагогӣ, ки барои босамарона азхудкунии дониш аст, ба гурӯҳҳои гуногун якхела нест. Дар ҳамин аснод кори таҳқиқотии мо бо ҳамроҳии омӯзгорон сурат мегирад, ки барои дар сатҳи баланд ташкил намудани фаъолнокии маърифатӣ дар дарс замина мегузоранд, як-ду тавсия пешниҳод мешавад:

- мазмуни дарс асосист, чунки дилхоҳ дарс хотирмон нест ва дар хотираи фарҳангӣ танҳо муҳтавои дарс боқӣ мемонад;

- ҷузъиёти дарс аз инҳо иборат аст: ислоҳот, донистани қоидаҳо, маҳорати истифодаи онҳо, ташаккул додани маҳорати хонанда ва ғайра.

Бинобар ин, фаъолнокии маърифатиро мутамарказ намуда, дар натиҷа мо ҷузъиёти мазмунро ошкор сохтем, ки аз ҷиҳати хусусияти ҳазмкунӣ ва махсусияти дарс ба ҳам ҳамоҳангӣ дорад.

Ин амали ҳамоҳанг, азхудкунии истилоҳоти забон дар доираи барнома, донистани қоидаҳо, маҳорати истифода бурдани имлои забони тоҷикӣ, ташаккули маҳорати хонандагон ва хусусан фаъолнокии маърифати онҳоро такмил медиҳад. Ҳаммонандии шароити педагогӣ, маҳорату малака аз ҷиҳати мураккабии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ҷудо сохтани айният, умуман, ҷузъиёти ҳаммонанд дар мундариҷаи дарсҳои гуногун имкон медиҳад, ки як дарсро ба дарси дигар дар синфҳои гуногун муқоиса карда, сатҳи азхудкунии мавзуи дарс ва маҳорату малакаи хонандагонро дар доираи фаъолнокии маърифат муайян гардад.

Мақсад аз ташкили шароитҳои педагогӣ ва фаъолнокии маърифатӣ барои хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим ҳосил кардани дониши мукаммал мебошад.

Н.А. Менченская ин раандро ба тари зайл маънидод кардааст: ―Дониш аз ахбори фаннӣ ва ё соҳавии ҳақиқат таркиб меёбад. Дониш се вазифаи аниқро дар бар мегирад:

Якум, ба вуҷуд овардани мафҳум дар бораи он ҳақиқате, ки аз чизҳои оддитарин то рушди илмии ҷомеа ва инсонро дар маҷмуъ дар бар мегирад.

Дуввум, бунёд намудани асоси пешакии амалиёт ва ё муайян намудани равияи ҷустуҷӯи воситаҳои амалиёт, ки ахбори ҷамъбастшударо ҷараёни умумии дарёфти роҳи баён, яъне қиёси муносибатҳои истеҳсолӣ ва амиқ намудани моҳияти ҳодисаю воқеаҳо ва ғайраро фарогир бошад.

Саввум, чун асоси ташаккулёбии муносибати эмотсионалии хонанда ҳамчун ҳақиқати донисташаванда хидмат намудан ва бо ҳамин воситаи ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ эътироф шудан мебошад" [106, с. 7].

Мафҳуми донишро А.Мансурова ба шаш навъ тасниф намудааст:

― мафҳум ва истилоҳот, ки бе онҳо ягон фикри баёншуда ё ақидаи иброзшударо фаҳмидан мумкин нест;

– далелҳои муқаррарӣ ва илмӣ, ки бе онҳо ташаккули ҷаҳонбинӣ имконнопазир мешавад;

– қонуниятҳое, ки алоқамандӣ ва иртиботи воқеиятҳои мухталифи таърихиро ошкор мекунанд;

– назарияҳои алоҳида ва умумӣ, ки воқеият ва маҷмуи донишҳоро ба низом медароранд;

– донишҳое, ки оид ба воситаҳои фаъолият ва методҳои маърифат, яъне донишҳои методологии сатҳи гуногун;

– донишҳое, ки оид ба меъёри муносибат ба воқеиятҳои гуногун ва баҳо додан ба моҳияти онҳо (донишҳои баҳодиҳӣ)" [104, с.26].

Дар воқеъ, андешаи баён намудаи Мансурова А. дар мавриди навъҳои дониш қобили қабул бошад ҳам, аммо дар замони муосир донише, ки тавассути дарсҳои интерактивӣ ва аз рӯйи методи салоҳиятнокӣ ҳосил гардидаанд, хеле устувор мебошад.

Зимнан, дарс ҳамчун раванди рушди фаъолият дар доираи дониш, таҷрибаи касбӣ ва ҷаҳонбини илмии омӯзгор доир мегардад.

Дар рафти корҳои таҷрибавӣ дар МТМУ дар синфи назариявӣ ва озмоишӣ муайян гардид, ки барои гирифтани дониш омӯзгорон бо усулҳои инноватсионии таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим фаъолият менамоянд.

Яке аз ин усулҳое, ки дониши хонандаро бақувват мекунад, ин дар дарсҳои адабиѐти тоҷик ташкил ва гузаронидани таҳлили асари бадеӣ мебошад.

Таҳлили асари бадеӣ аз ҷаҳонбинӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, барои самаранок ва дар сатҳи баланд гузаронидани таҳлили асари бадеӣ омӯзгор дар вақти баррасии мавзуъ бояд малака ва ҷаҳонбинии хонандагонро ба инобат бигирад. Дар ин вақт суолҳо ва санҷишҳо низ дар заминаи мавзуи дарс омода гардида, баъзан дар ҷараѐни дарс худи хонандагон низ фаъолнокии маърифат нишон дода, ба хотири дарѐфти маълумот ба омӯзгор суол медиҳанд. Агар суол ба шавқи дигарон таъсир расонад, ин барои такмил додани усули нав – суолу посух байни ҳамдигар замина мегузорад. Саволу супоришҳо доир ба таҳлили дарс ду навъ мешаванд:

- як қисм хонандагон қабл аз таҳлили асар ба сурати супориши хонагӣ дода шуда, кори мустақилонаи хонандагонро бо матни асари бадеӣ таъмин менамоянд;

- қисмати дигари хонандагон дар синф бевосита дар саршавии таҳлили асари бадеӣ ва дар ҷараѐни таҳлил пешниҳод карда мешаванд. Ҷавобҳои хонандагон низ ба саволу супоришҳо ду тарз сурат мегиранд: шифоҳӣ ва хаттӣ.

Таҳлили асари бадеӣ якчанд навъ мешавад: таҳлил дар асоси мавзуъ, таҳлил тибқи сужети асари бадеӣ, таҳлил тавассути образҳои асари бадеӣ, таҳлили асар аз дидгоҳи адиб, таҳлил дар пояи муаммоҳои асари бадеӣ ва монанди инҳо.

Таҳлил дар дарси адабиѐт ба ҷанбаҳои зерин ҷудо мегарданд:

- таҳлили асар аз дидгоҳи адиб; ин афкори адабии шоир è нависанда дар заминаи асари бадеияш маълум карда шавад.

- таҳлили асар аз рӯи образҳо - барои муайян кардани мавқеи образҳои асарҳои бадеӣ замина мегузоранд. Дар ин самт хонанда ба мавқеи асосии образҳо сарфаҳм меравад ва ба замми ин персонажҳои мусбату манфиро дарк менамояд. Таҳлили асар тариқи проблемагузорӣ - дар ин намуди таҳлил суолгузории мураккаб гузаронида мешавад, ки барои фаъолнокии фикрии хонанда замина мегузорад.

Таҳлили пурра ва бонизоми асари бадеиро дар ягонагии шаклу мазмун ба ҳар як хонанда имкон медиҳад, ки тавоноии идрокаш як дараҷаи муайяни донишро аз мавзуи дарс ҳосил намояд. Мақсад ва мароми таҳлили асари бадеӣ дар он аст, ки хонанда аз мавзуъ дониши амиқи илмӣ ҳосил намуда, тафаккури интиқодиаш устувору тавоно гардида, барои ташаккули шахсияти хонандагон замина мегузорад.

Омӯзгор вазифадор аст, ки асосҳои назариявии дарсро бо кори амалии таълиму тарбия тавъам намуда, фанни адабиѐтро бомақсад ва дар самти фаъолнокии наврасон саҳмдор бошад.

Бо вуҷуди ин, дониш маҳоратро ифода мекунад. Дар ҷараѐни таълим далелҳои зиѐде вомехӯранд, ки хонандагон сарфи назар аз доштани иттилооти зарурӣ он донишҳоро дар амал татбиқ намудаанд. Чаро? Чунки онҳо нисбати ин бепарво ҳастанд. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки хонандагони зинаи савуми таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар интихоби самти аз худ намудани дарс як нуктаи назари муайяеро соҳиб нестанд. Ба тамоми хонандагони синфҳои 10 ва 11 МТМУ-и зикршуда саволнома оид ба кадом услуби дарс бештар ба шумо писанд аст, вариантҳои гуногун пешниҳод карда шуд.

Дар ҷадвали зерин мо барои намуна ҷавобҳои хонандагони синфҳои 10 ва 11-ми муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии № №34 ва 33-юм дар шаҳри Душанбе, 67 н. Рӯдакӣ ва 17 шаҳри Ваҳдат*ро пешкаш менамоем, ки натиҷааш дар (Расмҳои 3,4,5 ва 6) зер оварда шудааст:*



Расми 3. **Натиҷаи саволнома**



Расми 4. **Натиҷаи саволнома**



Расми 5. **Натиҷаи саволнома**



Расми 6. **Натиҷаи саволнома**

Ба суолҳои гузоштаи мо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №67, ноҳияи Рӯдакӣ ба таври қонеъкунанда ва посух доданд. Аксари хонандагон хоҳиши дар озмуни ―Хушнависон”-и мактаб иштирок намуданро тазаккур додаанд. Як қисми онҳо дар заминаи асарҳои хондаашон ѐ вобаста

ба мавзуҳои дарси адабиѐт нақш бозиданро иброз кардаанд. Чунин андешаҳо дараҷаи тафаккури интиқодии хонанда ва фаъолнокии маърифатии онҳоро нишон медиҳад. Сифати хуби дарс имкон медиҳад, ки хонандагон мустақилона андешаи худро баѐн намоянд.

Вобаста ба ин, муҳаққиқи тоҷик А. Абдувалиев менависад: ―Барои беҳтар намудани фаъолнокии хонандагон омӯзгор бояд аз методҳои муҳими дарс, мисли иттиллот, нақл, суҳбат, кори мустақилона ва иншо низ истифода намояд. Дар раванди дарс ташкил ва ҷоннок намудани ташаббуси хонандагон муҳим аст. Омӯзгор барои амалӣ гардидани он лаҳзаҳои дарсро бояд дуруст истифода намояд. Масалан, ҳангоми истифодаи методи суҳбат ба андешаҳои хонандагон таваҷҷуҳ намуда, бештар суолҳои водоркунанда диҳад. Ё ин ки дар вақти нақл намудани мавзуи дарс ҳиссиѐти хонандагон ба таври амиқ назорат карда, ба суоли ―Ки чиро фаҳмид ва мақсади нависанда дар асар чӣ буд?‖. Бояд ҳар нафаре пурсида шавад ва дар маҷмуъ ба фаъолнокии маърифати онҳо хулоса карда шавад. Ин имкон медиҳад, иртиботу муошират байни омӯзгор бештар гардад ва як доираи муҳими андешаронии хонандагон ба вуҷуд ояд.

Барои беҳтар намудани сифати фаъолнокии хонандагон адабиѐт ҳамчун фан нақши калон бозад. Баробари ин, дараҷаи аз худ намудани фанни адабиѐт ин ҷузъи назарияи адабиѐт мебошад. Албатта, ташаккули тафаккури хонандагон дар заминаи масъалагузорӣ ва баѐни саволу супориш ба амал меояд. Чунки адабиѐт ҳамчун як фанни муҳим ба тахайюл ва ҳиссиѐти хонандагон бетаъсир намемонад. Аз ин хотир, байни методҳои асосии таълими фанни адабиѐт як ҳамбастагӣ арзи вуҷуд дорад. Махсусан, аз ѐд намудан, нақл кардан ва шарҳ додан барои бедории тафаккури хонанда таъсири мусбат мегузорад‖ [1, с. 12].

Дар раванди таълим такмил додани фаъолнокии хонандагон тавассути методҳои дар боло овардашуда ҷанбаи асосии дарс маҳсуб мегардад. Ҷоннок намудани ҳисси фаъолнокии хонандагон ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ ба мустақилона андеша намудан ва такмили тафаккури таҳқиқӣ оварда

мерасонад. Аз ҳамин хотир, донистани ин методҳо барои омӯзгори фанни адабиѐт муҳим аст.

Ҳангоми дарс шарҳ додани матнҳои бадеӣ барои хонандагон шавқовар низ мебошад, ки ин фикр дар расми 7 ифода гардид.



Расми 7. Методҳои фаъолноксозии хонандагон дар раванди дарс

Мутобиқ ба талаботи замони муосир барои мураттаб намудани майлу шавқи хонандагон, ҷалби онҳо ба хондани китобҳои электронӣ, шунидани китобҳо дар шакли аудио ва тамошои филмҳои видеоӣ муҳим мебошад. Ҳамчунин фаъолнокии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ ҳангоми аз худ намудани барномаҳои таълимии компютерӣ ва дар заминаи он сохтани презентатсияҳо дар мавриди мавзуи дарсӣ, ташкил намудани вебинарҳо, курсҳои омӯзишӣ дар олами маҷозӣ è ин ки дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ мутобиқи талаботи замон аст. Чунки дар ин сурат хонанда бо як шавқи хосса ба масъалаи асосӣ ворид мегардад.

Нақши дарсҳои интерактивӣ барои фаъолнокии хонандагон саҳми дигар мебозад. Омӯзгор дар раванди дарс аз тахтаи электронӣ, рӯнамоӣ (презентатсия) ва видеороликҳо истифода менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таҷриба маълум гардид, ки асосҳои назариявӣ ва амалии ҷалби хонандагон тавассути истифодаи технологияи муосир беҳтар аст. Дар асл мушкилоти маъмули дарс фаъол намудани диққати хонандагон ҳангоми фаҳмонидани маводи нав мебошад. Омӯзгор масъулияти бузургеро ба дӯш мегирад, кӯшиш мекунад, ки дар замири хонандагон баъзе қобилият-ҳоро рушду сайқал намояд. Дар аксар мавридҳо сифати малака, тарбия, рушд ва натиҷаи дониши азхудкардаи хонанда аз омӯзгор вобастагӣ дорад.

Д. Н. Богоявленский дар иртибот ба ин бар он ақида аст, ки: ―Фаъолнокии маърифатӣ дар омӯзиши фанҳо нақши муҳимро бозида, фаъолияти бошууронаи субъектро ифода мекунад, ки дар навбати худ ба ҷустуҷӯи маълумот дар бораи воқеияти ашè, падидаҳои иҷтимоӣ ва дониш-ҳои мушаххас нигаронида шудааст. Ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти маърифатӣ таваҷҷуҳ, ки раванди равонӣ мебошад, аз фаъол кардани шуури худ ба объекти мушаххас иборат аст. Аз як тараф, таваҷҷуҳ ба объект нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар, худи объект диққати хонандаро ба худ чалб мекунад, ки ин лаҳза омӯзгор имкон пайдо мекунад, дар хонандагон фаъолнокии маърифатиро тавассути таваҷҷуҳ ташкил намояд. Омилҳои зиѐде ҳастанд, ки ба омӯзиш халал мерасонанд, омӯзгор бояд онҳоро саривақт бартараф карда ва роҳи баромадан аз вазъиятҳои душвори мавҷударо пайдо кард.

Сабабҳои аз таҳсил дур мондани хонандагон метавонад, берунӣ ва дохилӣ бошанд. Бепарвоии хонандагон дар синф метавонад дар натиҷаи омилҳои иҷтимоӣ сар занад, аз ҷумла омилҳои марбут ба муносибатҳои дохилии миѐни хонандагон, ки ин ҳолат, албатта, ба фаъолнокии маърифатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Омӯзгор дар ҳар як дарс бояд кӯшиш кунад, ки шахсияти хонандаро такмил диҳад ва қобилияти эҷодии ҳар як хонандаро рушд диҳад. Худи омӯзгор низ бояд бо мазмуни фаъолияти худ ва рисолаташ

сарфаҳм равад ва барои беҳтар гардидани фаъолнокии хонандагон омӯзгор вазифадор аст, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ба мавзуи дарс зери назорат бигирад. Аз ин хотир, барои танзими дарс дар дарс меъѐри рафтору тартибот вуҷуд дошта бошад” [28, с. 57].

Баъзан хонандагон дар вақти дарс байни ҳам суҳбат мекунанд ѐ ба кори дигар машғул мегарданд. Вақте ки тавассути таваҷҷуҳ шавқу рағбат ба мавзуи дарс ба вуҷуд меояд, эҳсосоти мусбӣ, шавқу ҳавас, хоҳиши дарк кардани маводи таълимӣ, иҷрои корҳои таълимӣ ва муносибати байниҳамдигарӣ миѐни омӯзгор ва хонандагон ба амал меояд. Яъне, бо ин метавон хулоса кард, ки омӯзгор бояд аз воситаҳои гуногун ва усулҳои таъсиррасониро ба хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ истифода барад. Барои фаъол гардонидани фаъолнокии маърифатии хонандагон дар дарс зарур аст, ки чунин корҳо ба анҷом расад:

- такмил додани низоми азхудкунии донишу малакаи ибтидоии хонандагон;

- ташаккул додани ҳавасмандии хонандагон ба таҳсил;

- ташаккул додани зарурати азхудкунии бошууронаи маводи таълимӣ.

Шароитҳои беҳтар намудани фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ аз инҳо иборатанд:

- фароҳам овардани фазои ҳамкорӣ ва муносибати тарафайн дар синф;

- ба вуҷуд овардани «вазъияти комѐб шудан» барои ҳар як хонанда;

- ба кори фаъолона ҷалб намудани хонанда ба воситаи шаклҳои ду нафарӣ ѐ гурӯҳӣ;

- ба назар гирифтани қобилияти фардии хонандагон;

- ташаккул додани муносибати мусбат ба таълим дар хонандагон.

Фаъолияти таълимию маърифатӣ бо хусусияти ҷустуҷӯӣ ба ҷоннок намудани шавқи эҷодии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро ба ҷустуҷӯи фаъолонаи мустақилона ва дастаҷамъонаи донишҳои нав водор месозад.

Дар ин росто, В.С. Данюшенков навиштааст, ки: ―Рақобатпазирӣ низ яке аз омилҳои асосии фаъолнокии маърифатии хонандагон мебошад. Барои

ташкили фаъолнокии маърифатии хонандагон дар дарс зарур аст, ки низоми азхудкунии донишу малакаи ибтидоии хонандагон, ҳавасмандии хонандагон ба таҳсил ва ҳисси зарурати азхудкунии бошу-уронаи маводи таълимиро такмил дода шавад.

Дигар омиле, ки ба фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ таъсири мусбӣ мерасонад, ин дар мавриди интихоб намудани касби ояндаашон мебошад ва дар ин раванд чунин хислатҳо бештар дар онҳо ҷӯш мезанад: мустақилият дар зиндагӣ, ҷаҳонбинии дигар, кӯшиши ташаккул додани шавқу завқи худ ба хондан ва ғайра. Баъзеи онҳо бештар ба фанҳои муҳиме, ки барои имтиҳони дохилшавӣ заруранд, таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар асл муҳимтарин лаҳзаи фаъолнокии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар дар шинохти худашон ва талоши дар ҷомеа худро инсони баркамол нишон додан аст” [66, с. 142].

Ҳамзамон, хонандагон фаъолнокии маърифатиро дар корҳои мактаб фаъолияти ҷамъиятӣ нишон дода, бо ин рафтори худ мустақилияташонро бори дигар собит менамоянд. Дар ин ҳолат, омӯзгоронро зарур аст, ки ба фаъолнокии онҳо аҳамият дода, сари вақт роҳҳои ташаккули онҳоро бештар таъмин менамояд. Дар ин давра таълим ва азхудкунӣ ба худбаҳодиҳии натиҷавӣ анҷом ёфта, хонандагон бештар ба омӯзиш машғул мегарданд. Ҳиссиёти фаъолгардии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ барои расидан ба ҳадафҳои дар пешгузошта мусоидат мекунад.

Омӯзгорон барои ташаккул додани ҷаҳду талоши хатмкунандагон аз методҳои фаъол истифода намуда, барои онҳо заминаи хуби азхудкунии маводи дарсро омода намоянд. Инчунин бояд дар раванди дарс аз усулҳои инноватсионӣ, ба мисли: ба саҳна гузоштани сенарияҳо, бо гурӯҳ омода намудани мубоҳисаҳо, саволу ҷавоб байни худи хонандагон ва ё бо омӯзгор дар мавзуъҳои барномаи таълими фанро истифода баранд. Нақши асосиро дар ин лаҳзаи дарс дар баробари гузаронидани саволу ҷавоб оид ба мавзуи дарс, инчунин методи проблемагузорӣ низ мебозад, ки хонандаро ҳангоми таҳқиқи масъала ба фаъолнокии маърифатӣ водор месозад. Дар натиҷа

тафаккури интиқодӣ ва шавқу ҳаваси хонанда ба омӯзиши барномаи таълимии фанҳо меафзояд, ки ин омил дар дарсҳои минбаъда низ мусоидат менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таҷриба дар байни хонандагони синфи даҳуми озмоишӣ МТМУ-и №34 ва №33 маълум гардид, ки ҳавасмандгардонии онҳо ба дарс хеле кам аст. Аз рӯйи маълумоти омӯзгорон масъалаи кам-масъулиятии хонандагон борҳо дар ҷаласаҳои синфии падару модарон ва иттиҳодияҳои методӣ таҳлил гардидаанд, аммо масъала то андозаи зарурӣ ҳалли худро наёфтааст.

Дар ин самт дар вақти гузаронидани таҷриба аз усулҳои проблемавии дарс истифода намудем, ки муҳимтарин шарти он баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Мафҳуми назариявии таълими проблемавӣ ин: вазифа, амал, ҳалли вазъи мушкил ва худи мушкилот маҳсуб мегардад.

Дар мавриди хусусиятҳои асосии дарси поблемавӣ ва зарурати истифодаи он В. В. Давидов [62], Дайнеко В.И. [62] , ва И. Якиманская [161,163] андешаҳои худро баён намудаанд, ки аҳамияти амалӣ дорад.

Дар ҷараёни дарс муайян гардид, ки ҳангоми дарёфтани проблемаи тоза доир ба мавзуъ мустақилияти онҳо афзоиш ёфта, фаъолнокии хонандагон ҳамчун шахсият такмил меёбад. Чунки новобаста аз малака ва дониш, хонандагон супориши ягона мегиранд ва барои ҳалли он кӯшиш мекунанд, ки қобилияти баланди худро нишон диҳанд. Дар вақти татбиқ намудани усули проблемавӣ фаъолнокии маърифатии хонандагон ташаккул меёбад. Ҷараёни дарси проблемавӣ дар расми 8 нишон дода шудааст:



Расми 8. Мушкилоти ҷараёни дарси проблемавӣ

Барои ҳалли ин масъала омӯзгор бояд дар раванди дарс лаҳзаҳои проблемавиро ташкил намояд. Дар дарси таҷрибавӣ ин вазъиятро ба вуҷуд оварда, хонандагонро ба фикр водор намудем. Дар ин раванд усули инфиродӣ истифода гардид, ки ҳар як хонанда ба суолҳои мушаххас ҷавоби худро дар заминаи ҷаҳонбиниаш дод.

Дар вақти гузаронидани таҷриба таваҷҷуҳи моро шавқи хонандагони синфи даҳуми озмоишии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №34, ки мавзуи дарс достони «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ буд, ҷалб намуд. Омӯзгор дар заминаи матни китоби дарсӣ мавзуъро гузашт. Намунаи матн **дар замимаи №1** оварда шудааст.

Пас аз ин бо ҳамроҳии хонандагон ба таври умумӣ ба шарҳи мавзуъ гузашт ва муҳтавои асосии достонро хеле фишурда фаҳмонд. Барои фаъолнокии маърифатии хонандагонро ташкил кардан, омӯзгор ба суолҳои матни дохили китоб такя накарда, ба хонандагон барои маълумоти бештар пайдо карданашон, якчанд суолҳо оид ба мавзуъ дод. Масалан чунин савол дода шуд: Оид ба даврони ҷавонӣ, овони таҳсили Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ чӣ медонед? Сабаби ба Моваруннаҳр омадани Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ дар чист? Муносибати Ҳозиқ ва амирони манғит чӣ гуна сурат гирифтааст? Мероси адабии Ҳозиқ аз кадом навъҳои адабӣ иборат аст? Сохт ва таркиби девони Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро баён намоед. Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳозиқро шарҳ диҳед. Мазмуни мухтасари достони «Юсуфу Зулайхо»-ро нақл кунед. Доир ба сайри таърихии қиссаи «Юсуфу Зулайхо» (то эҷодиёти Ҳозиқ маълумот диҳед) [175, 242-243], барои кори мустақилона ба хонандагон суолҳои дигар ба таври хаттӣ пешниҳод гардид.

Дар дарс барои муайян кардани дараҷаи фаъолнокии маърифатии хонандагон дар шакли хаттӣ (пурсишнома) дода шуд ва ҷавобҳо низ дар шакли хаттӣ гирифта шуд. Зеҳни онҳо барои ҷавоб пас аз нақли омӯзгор ба осонӣ барои ҳалли масъала омода бошад ҳам, аммо захираи дониш ва ҷаҳонбинии онҳо имкони додани посухи пурраро надоштанд. Барои

дурусттар дарк намудан мо ҷадвали зеринро омода намуда, натиҷагирӣ намудем:

Ҷадвали 1. Андешаҳои хонандагон оид ба достони “Юсуф ва Зулайхо”

Рақами хонанда	**Кадом лаҳзаи матн дар хотири шумо монд**	**Ягон лаҳзаи матн ба ҳаёт монандӣ дорад?**	**Дар дарс чӣ мушкилие доштед?**
№1	Шабе зеботарин ҷавонро дар хоб мебинад ва мафтуни ӯ мешавад. Юсуф ҳатто зоҳиран ва ҳам ботинан зебо буд	Бале: рашк кардани бародарон ба ҳаёт монандӣ дорад	Нақл кардан ва навиштан каме мушкил буд
№2	Юсуф чунон зебо буд, ки ҳатто се маротиба дар шаби Зулайхо даромада, аз вай пурсуҷӯ мекунад, яъне мафтуни ӯ мешавад	Не, дар ҷавоб додан мушкил буд. Бале, рашк кардани баро-дарон ба Юсуф	Бале, дарс ҷавоб додан мушкил буд
№3	Зулайхо ба Юсуф на ҳамчун мисли хоҷа ба ғулом, балки ҳамчун дӯстдоштаи худ муносибат менамуд	Бале, Зулайхо дар вайронае иқомат карда, исломро пазируфт	Вақт кам буд, ки достонро таҳлил кунем
№4	Таъбир кардани хоби шоҳи Миср	Бале, туҳмат задани Зулайхо ба Юсуф	Кам будани вақт барои таҳ-лили мавзуъ
№5	Бурида шудани дастон аз ҳусни зебоии Юсуф	Бале, ба сабру тоқат кардан	Нарасидани вақт
№6	Зулайхо ба дарбори худ даъват кардани Юсуф	Не	Ҳеҷ чиз муш-кил набуд
№7	Лаҳзае, ки Зулайхо ба Юсуф туҳмат зад	Бале, туҳмати Зулайхо	Вақт кам буд
№8	Лаҳзае, ки Юсуфро барода-ронаш зада, ба чоҳ партофтанд	Бале монанд аст. Лаҳзае, ки бародарони Юсуф ба ӯ рашк мекунанд	Дар ин дарс вақт нарасид
№9	Юсуф дар рафтору кирдор зебо буд, боадаб буд	Рашку ҳасад, меҳру муҳаббат, ранҷу азоб дар ҳаёт вуҷуд доранд	Вақт кам буд
№10	Ҳасад дар кирдори барода-рон, ки оқибат ба чоҳ партофтани Юсуф оварда	Бале, ҳасад	Мушкил надошт
№11	Орзуи дидори падар писарро	Бале, рашку ҳасади бародарон	Мушкилӣ набуд
№12	Хурдтарин бародар Юсуф буд ва бародарон ӯро бо баҳонаи дӯстдоштаи падар будан ба чоҳ андохтанд	Лаҳзаҳои дӯстдо-рии падар нисбат ба фарзанд, ҳасудиву бадкорӣ, ростиву ростқавлӣ, меҳру сабурӣ	Набудани вақ-ти кифоя барои таҳлили пурраи мавзуъ
№13	Юсуф хоби шоҳро таъбир карда, оқибат озод мегардад ва шоҳ ӯро вазир таъин менамояд	Дӯстдории падар нисбати писар, бад-бинии бародарон ва	45 дақиқаи дарс барои таҳлили пурра кифоя

Идомаи ҷадвал

		пурсабрии Юсуф	набуд
№14	Лаҳзае, ки Юсуф Зулайхоро дида, раҳмаш меояд ва ӯро ба боргоҳи худ меорад	Юсуф базм ороста, бо Зулайхо хонадор мешавад	Бисѐр будани ҳикоя
№15	Лаҳзае, ки Зулайхо пероҳани Юсуфро аз қафо медаронад	Лаҳзае, ки Зулайхо ба як ҷавон ошиқ мешавад	Ҳеҷ чиз муш-кил набуд
№16	Лаҳзае, ки Зулайхо аз нав ҷавон мешавад	Хиѐнату туҳмат	Аз ѐд кардани ғазалҳо
№17	Дар сари қабри Юсуф ҷон додани Зулайхо	Бале, монанд ба бевафоию хиѐнати одамон нисбат ба ҳамдигар	Аз худ кардани шеъру ғазалҳо

Аз 66 нафар хонандагони синфи даҳуми мактаби таҳсилоти миѐнаи умумии №34-и шаҳри Душанбе 17 нафар фикри мустақил доштанд, 33 нафар ҷавоби якранг дода, посухи 26 нафари дигар нопурра буд.

Дар дарс супориши дигаре барои фаъолнокии маърифатии хонандагонро таъмин кардан, омӯзгор аз достони ―Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷунайдуллои Ҳозиқ пораи шеърӣ мехонд ва аз хонандагон мазмуни онро бо қироати байтҳо пурсид:

―Маро дубора бахшид зиндагонӣ,
Диҳам бозам зи сар ҳусни ҷавонӣ.
Намояд дидаам равшан зи рӯят
Муаттар ҳам димоғи ҷон зи бӯят.
Зи лаъли ҷонфизоят ком ѐбам,
Дар оғӯшат ҳамин ором ѐбам” [176, с. 242].

Аз шумораи 36 нафар хонандагон 60 фисади онҳо ба суолҳо ҷавоби дуруст, 30 фисади ҷавобҳо нопурра ва 20 фисади онҳо хомӯширо ихтиѐр намуда буданд. Ҳамзамон, ба суоли дар адабиѐти классикӣ кадом шоир ин қиссаро ба риштаи назм кашидааст, қариб ҳамаи хонандагон аз Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ѐд намуданд.

Таҳлил ва таҷрибаи дарс аз рӯи методи проблемавӣ нишон дод, ки чунин метод барои рушди фаъолнокии хонандагон ва рушди зеҳнии онҳо кӯмак

намуда, дар як муддат баҳсҳо боиси мустақилона андеша намудани онҳо мегардад.

Дар синфи 11-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №34 аз фанни адабиёти тоҷик таҷриба гузаронида шуд. Мавзуи дарс достонҳои Мирсаид Миршакар буд ва таҷриба нишон дод, ки хонандагони мактаб ба достони ―Қишлоқи тиллоӣ" бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Намунаи мавзуи дарс дар **замимаи №2** оварда шудааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки хонандагон ба дарс хуб омода ҳастанд ва матни достон ҳам барояшон шавқовару осон аст. Ба суоли ―Барои дуруст фаҳмидани матн чӣ мушкилӣ бароятон омад?" Ҷавоб ингуна буд:

1. Достон дар китоб пурра наомадааст. (Салимова Сумая);
2. Мо достони ―Қишлоқи тиллоӣ-ро ба таври пурра дастрас накардаем. (Ҷураев Уммед, Қосимова Кибриё);
3. Достони ―Қишлоқи тиллоӣ" хеле кӯтоҳ буд. (Сатторзода Билолиддин);
4. Мо китоби ―Қишлоқи тиллоӣ"-ро дастрас накардем. (Асророва Фарангис, Исмоилова Фархунда, Сафарова Марям);
5. Достон дар шакли нопурра навишта шуда буд. (Мирзоева Мунаввара);
6. Достони ―Қишлоқи тиллоӣ" хеле кӯтоҳ буд. (Ҳамитова Муаззама).

Аз 38 нафар хонандагони синфи 11 "в" 8 нафар шавқи худро ба достон нишон додаанд ва хоҳиши пурра хондани онро намудаанд. 30 нафар хонанда ба суоли Барои дуруст фаҳмидани матн чӣ мушкилӣ бароятон омад? чунин ҷавоб дода буданд: Ягон мушкилӣ надидем.

Дар синфи дигари ҳамин мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, яъне синфи 11 "а" таҳқиқот дигар натиҷаро нишон дода буд. Ба суоли Барои дуруст фаҳмидани матн чӣ мушкилӣ бароятон омад? ҷавоб ингуна буд:

1. Достон дар шакли нопурра навишта шуда буд. (Холов Абдуназар);
2. Мо достони ―Қишлоқи тиллоӣ"-ро ба таври пурра дастрас накардаем. (Саломзода Муҳаммад, Абдуллозода Амирҷон, Каттахонов Акбарҷон, Ашӯрова Суман);

3. Китоби достони ―Қишлоқи тиллоӣ” набуд. (Шокирзода Фархунда, Ҳакимов Оятулло);

4. Достони ―Қишлоқи тиллоӣ” хеле кӯтоҳ оварда шудааст. (Алиев Фаридун, Камбаров Амон, Қурбонова Марям, Бобоева Ҳадиса, Насимҷонзода Фотима), Мирзоева Робия, Саидов Исомуддин).

Яъне, аз 33 нафар хонандагони синфи 11 ―а‖ 14 нафар хоҳиши пурра хондани достонро баён карданду 19 нафар хонанда ба суоли Барои дуруст фаҳмидани матн чӣ мушкилӣ бароятон омад? чунин ҷавоб дода буданд: Ягон мушкилӣ надидем.

Давоми таҳқиқот ҳам қонеъкунанда набуд ва хонандагон дар вақти ҷавоб дудилагӣ изҳор намуда буданд. Суоли матраҳшаванда ин буд:

а) Ягон лаҳзаи матни бадеӣ ба ҳаёт монандӣ дорад?

Аксаран дар мавриди меҳнати инсон ва ободкорӣ андешаашонро баён карда бошанд ҳам, аммо дар навбати худ хонандагоне низ буданд, ки посухи нопурра ва номафҳум додаанд:

1. Ҳеҷ монандӣ надорад. (хонанда Ҷ.У., А.Ф.,Ш.Ф.);

2. Мешавад, ки ба орзуи худ нарасӣ ва онро ба гӯр бибарӣ. (Р.А.);

3. Дар замони ҳозира мо ҷавонмардонеро мебинем, ки ба хориҷа мераванд ва ғариб мешаванд. (Б.А.);

4. Баъзан ба орзу намерасем ва онро ба гӯр мебарем.(Ҳ.И.);

5. Ҳамон лаҳзае, ки сайёд орзуяшро ба гур мебарад. (Б.Д.);

6. Афсӯс, ки зиндагӣ ба тавре нест, ки мо мехоҳем.(Ҷ.Ш.).

Аз 34 нафар хонандагони синфи 11”в” ба ин суол ҷавоби ташвишовар ва дорои оҳанги ноуммедиро додаанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ мавзуъ ва мазмуни достонро дар доираи ҷаҳонбинни худ таҳлил намуда буданд.

б) Дар дарс барои шумо чӣ мушкил буд?

Кам будани вақт барои мавзуъ, Азизов Абдулққаҳор;

Вақт кам буд, ки достонро таҳлил кунем,Ҷалолов Абубакр

Ба дарс ҷавоб додан мушкил буд, Абдулқаюмов Абубакр

Нақл кардан ва навиштан каме мушкил буд, Рустамова Хурсандой

Аксаран, ба ҷавоби асосӣ мантиқи дигар ҷустуҷӯ намуда, қишлоқро самараи ободкорӣ донистаанд, аммо гурӯҳе ҳаѐти пирамардро ба машаққати зиндагӣ монанд намудаанд. Дар гурӯҳи дигар низ дар мавриди амалӣ нагардидани ормонҳои инсонӣ ва ба ҳаққиқат монанд надоштани достон андеша оварда шудааст. Яъне, гурӯҳе аз хонандагон ба муҳтавои асосии достон сарфаҳм нарафтанд ва онро ба ҷуз як афсона чизе нахонданд.

Озмоиши дигарро дар синфи 11”в”, дар мактаби таҳсилоти миѐнаи умумии №67-уми ноҳияи Рӯдакӣ гузаронидем. Мавзуи дарс: ―Рӯзгор ва осори Муъмин Қаноат” буд. Намунаи матни дарс дар заминаи китоби дарсӣ **дар замимаи №3** оварда шудааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки хонандагон дарсро бо як завқи хосса омода намудаанд ва достонҳои шоир аз ҷониби омӯзгор шарҳ дода шуд. Хонандагон барои дарки бештари мавзуъ ба омӯзгор суолҳо доданд, ки фаъоли маърифатии хонандагон муайян мегардид. Дар ин синф барои муайян кардани сатҳи фаъолнокии маърифатии хонандагон ба дарс таҷриба гузарони-дем, ки натиҷааш дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. ***Посухи хонандагон оид ба рӯзгор ва осори Муъмин Қаноат***

№	Хонанда	Кадом лаҳзаи матн дар хотири шумо монд	Ягон лаҳзаи матн ба ҳаѐт монандӣ дорад?	Дар дарс чӣ мушкилие доштед?
1.	Сараева Ҳамида	Шеърҳои шоир, чунки манбаи ба-родарӣ доранд	Достони –Китоби зах-мин”, чунки дар он ишқи ватанро ба хонанда мефаҳмонад	Ҳеҷ чиз
2.	Алиҷони Искандар	Бештар достони –Суруши Сталин-град” дар хотир мондааст	Садоқати фарзанд	Фаҳмо буд.
3.	Раҳматов Илҳом	Дар дарс мо аз ашъори Муъмин Қаноат шинос шудем	Бале, шоир асар-ҳояшро ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшидааст.	Ба ман мушкил набуд
4.	Нурзода Рамазон	–Китобҳои захмин” писандам омад	Тасвири мактаби деҳа дар шеъри Муъмин Қаноат	Мушкилӣ набуд
5.	Холмуродзода Ҷаҳлгир	Достони –Суруши Сталинград” хеле осонбаѐн аст	Садоқати фарзанд	Ҳама чиз фаҳмо буд

Идомаи ҷадвал

6.	Алимов Фарҳод	Достони ―Ғуруши Сталинград” хотирмон буд	Садоқат ба фарзанд	Ҳеҷ чиз мушкил набуд
7.	Бафоева Маҳинбону	―Китобҳои захмин”, ки дар бораи хонан-дагон аст	Тасвири мактаб дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ	Вақт кам буд

Яъне, аз 20 нафар хонандагон ҳама аз мушкил набудани дарс зикр карданд ва ин ҷо суоле ба миён меояд, ки омили нофаҳмо мондани дарс метавонад аз нисбат ба мактабҳои шаҳри Душанбе хонандагон ягон мушкилиро зикр накарданд. Суоле ба миён меояд, ки омили ба дурусти маърифат намудани мавзуъ аз услуби омӯзгор вобаста бошад? Бале, омӯзгор барои фаъолнокии маърифати хонандагон бояд талош бинамояд ва ҳар нафарро дар доираи завқаш барои дарки мавзуъ кӯмак намояд.

Воқеан, аз диди илми психология талаботи маърифатӣ се зинаи рушд дорад: кунҷкобӣ, донишдӯстӣ ва худи талаботи маърифатӣ ҳамчун сифати устувори психика. Дар раванди таълим бисѐр муҳим аст, ки кунҷкобии наврасон сари вақт ба донишдӯстӣ ва пасон ба хусусияти муҳими шахсӣ талаботи маърифатӣ табдил ѐбад.

Дар ин замина гуфтан мумкин аст, ки таҳсил дар синфи ѐздаҳ барои хонандагон замони ҳассосу давраи баѐни озоди фикр аст. Ҳамаи наврасон саъй менамоянд, ки фикри худро дар заминаи мушоҳидаҳои атроф баѐн намоянд ва муаллифони китобро зарур аст, ки сари матнҳои дохили китоб бори дигар андеша намоянд. Барои навраси муосир достони ―Қишлоқи тиллоӣ”-и М.Миршакар аз диди мавзуъ кӯҳна ва номувофиқ аст. Чунки мулоҳизаи онҳо дар замони пешравии илму техника тамоман дигар буда, барои дарки мафҳуми мавқеи инсон ва ормонҳои як наврас мувофиқат намекунад. Пас бояд роҳи дигарро дарѐфт ва масъаларо дар заминаи фаҳмиши замони муосир пайдо намуд.

Дар китоби дарсии ―Психология” дар ин маврид чунин андеша оварда шудааст: ―Барои ташаккул додани қобилиятҳо донистани як қатор аломатҳое, ки аз мавҷудияти онҳо дар фаъолияти мушаххас гувоҳӣ медиҳанд, муҳим аст:

1. Суръати баланди таълими фаъолияти мувофиқ.

2. Фаррохии кӯчонидани малака, ки дар маҳорати истифодаи амали азхуднамуда ва дар вазъиятҳои гуногун ифода меёбад.

3. Сарфаи ками неру ҳангоми иҷрои фаъолияти додашуда.

4. Иҷроиши фардӣ ва ба худ хоси фаъолият.

5. Бомаромии баланд ва ҷидду ҷаҳд ба иҷрои ин фаъолият" [142, с.111].

Барои муайян кардани ин аломатҳо корҳои озмоишдавом дода шуд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17 дар шаҳри Ваҳдат аз синфҳои 11 "а" ва 11 "б" аз фанни забони тоҷикӣ дар мавзуи **"Дар дониш фиреб ба кор набаред"** к*ори хаттӣ гирифтем ва барои дарёфтани малакаи хонандагон чунин матнро пешниҳод намудем . Матни* к*ори хаттӣ чунин буд:*

"Дар дониш фиреб ба кор набаред

Азизон! Ҳар рӯз, ки қадам ба остонаи донишгоҳ мениҳед ва устоди гиромиатонро мебинед, ба вай бо эҳтиром салом диҳед. Ҳурмати он шахси муътабарро ба ҷо ored. Дар кӯчаву бозор ва дар мактабу ҷои кор пеши роҳи устодро бурида нагузаред, худро ба канор гирифта, ба ӯ роҳ диҳед ва вайро гусел намуда, баъд қадам ба пеш монед.

Дар иҷрои супоришҳои устод танбалӣ ва саркашӣ накунед, ки ҷавони саркаш сар накашад ва дар разолат монад. Гуфтор ва панду таълими устодро ба хурсандӣ қабул кунед ва ҳар як супоришашро ба ҷо ored, то мақбули табъи вай гардад. Кӯшиш кунед, ки шогирди сазовори устод бошед.

Дар дониш фиреб ба кор набаред, ки худро фиреб хоҳед дод. Донаи фиребро дар киштзори матлаб на сар кашидан ҳасту на сабзидан ва на самар!

Ба устоди худ дурӯғгӯй накунед, ки дурӯғ реша надорад ва нахли ӯ ҳаргиз сабз нагардад.

Аз устоди сахтгир ва серталаб наранҷед, зеро ин ба фоидаи шумо аст: «Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар».

Мардуми деҳқон зимистон токро об медиҳад, ки об ях карда, онро қавс монад. Қавсоби сард ба ҳар як навдаи ток чун хун ба бадани одамӣ фоида меоварад.

Бале, сухани сахт ва серталабонаи устод дар боғи дониши шумо низ чун қавсоб самар ва авҷу барор меорад” [166, с. 7].

Ин матн барои бедор намудани шавқи хонандагон ба таҳсили оянда ва бештар фаро гирфтан ба дониш нигаронди шуда буд. Дар расми 9 сатҳи дониши хонандагони синфи 11”а” ва 11”б” арзѐбӣ гардида, натиҷааш чунин аст.

Дар синфҳои ѐздаҳуми *муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумии* №67 ба номи Ҳомид Маҷидови ноҳияи Рӯдакӣ дар доираи фанни адабиѐти тоҷик дар мавзуи **“Инсон кист?”** нақли хаттӣ гирифта шуд, ки матни он барои бедор намудани ҳисси масъулияти хонандагон ва маълум сохтани дараҷаи дарки мавзуъ нигаронида шуда буд:

—Инсонҳамон кас аст, ки на фақат ғами хеш, балки ғами дигаронро хӯрад. Ғами фардои худ, фарзандони худро хӯрда, дар баробари ин ғами фардои ҳамаи ҳамватанону ҳаммаслаконро хӯрад.



Расми 9 - Натиҷаҳои баҳои диктант

Агар дар вуҷуди навъи башар ҳамин чизи муқаддас, ҳамин нури нек намешуд, таҳаввулот намебуд, дар бадали ин 10 ҳазор соли охир вай аз табари сангӣ то ба киштии атомӣ ва ракетаҳои кайҳонӣ намерасид.

Пахтакоре, ки дар саҳрои гарми офтобӣ ба обу арақ ғӯтида кор мекунад, гарчи ба фалсафа машғул нест, фақат барои сер кардани шикаму пӯшонидани аҳли хонавода заҳмат намекашад. Меҳнати кардаи ӯ ба ҳамаи ҳамватанонаш ва ҳатто бегонаҳо мадад мерасонад. Дар моломол кардани сабади иқтисодии мамлакат инсон худаш надониста, ба ин восита ҳисса мегузорад. Ана ин инсониву инсонгарӣ аст!

Кас пойафзоли даридаи ҳамгузарашро дида нахандад, балки дилаш фишор хӯрад, инсон аст! Равнақи кори ҳамсоя, ҳамкасаба, ҳаммаслакашро дида, аз сидқи дил шод шавад, инсон аст!

Олиме, ки дар шароити сахти биёбони регзор тадқиқот мебурд, ки тадбире андешида, роҳе пайдо кунад, то кӯчи рег қатъ гардад, дар болои регзор қабати замини корам ба вуҷуд ояд, инсон аст! Касе, ки аз аҳли хонаводааш, аз ватанаш ба дигар мамлакатҳои муҳтоҷ барои ёрӣ расонидан ба дардмандон, барои саводнок гардонидани бесаводон меравад, инсон аст! Касе, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои Ватан ҷонбозиҳо кардааст, инсон аст!”.

Натиҷаи кори хаттӣ нигароникунанда буда, на ҳама хонандагон аз уҳдаи навиштани иншо баромада тавонистанд (Расми 10.).



Расми 10. Натиҷаҳои кори хаттӣ

Дар ин гурӯҳ низ барои фаҳмидани фаъолнокии маърифатии хонандагон суоли ягона ―Инсонкист?” буд ва ҷавобро кӯтоҳ бояд баён мекарданд, ки чунин буд: ғами дигаронро хӯрад, ғами ватанро хӯрад, нек бошад, меҳнатдӯст бошад, дурӯғ нагӯяд.

Истифодаи чунин методҳо барои дарк намудани фаъолнокии маърифатии наврасон муҳим аст. Омӯзгорон дар раванди дарс метавонанд суолҳои муҳимми калидиро омода намуда, ба хонандагон бисупоранд, то андешаронии онҳоро арзёбӣ намоянд. То он даме ки хоҳишҳои хонандагон аз ҷониби омӯзгорон маълум карда намешавад, шавқи ниҳонии онҳо бедор намегардад. Хонанда ба ҳама чиз аз рӯи ҳиссиёташ назар менамояд ва барои ӯ ҳама чиз дар доираи фаҳмиш қабул гардида, ба ҳадди амалӣ мерасад.

Яъне, ҷараёни рушди фаъолнокии маърифтии наврасон ва омода намудани онҳо барои ҷомеа хеле мураккабу нозук аст. Дар рушди фаъолнокии онҳо сифати баланди дарсҳои фанҳои таълимӣ хеле муҳиму зарур аст. Сифати китобҳои дарсӣ ва матнҳои дар он овардашуда ба ҷаҳонбинӣ, зиракӣ ва фаъолияти хонанда дар раванди таълим бетаъсир намемонад.

Дар китоби дарсии ―Психология” оид ба ин масъала чунин андеша омадааст: ―Бо рушди ақл на танҳо омилҳои ирсӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ низ (таълиму тарбия, рӯҳбаланднамоии эмотсионалӣ, муҳити оилавӣ) таъсир мерасонанд;

- қобилиятҳои ақлӣ дар фаъолияти таълимии кӯдак зоҳир гашта, ташаккулу рушд меёбад. Аз ин нуқтаи назар барои рушд додани қобилиятҳои ақлӣ сифати таълиму тарбияро баланд бардоштан зарур аст” [142, с.519].

Ҳадафи асосии таҷриба ва таҳлили дарс ин маълум сохтани сатҳи касбӣ ва маҳорати методии тайёрии омӯзгорон, шаклу методи таълим, сифати дониши хонандагон, мантиқи андешаи омӯзгорон ва хонандагон, фаъолнокии хонандагон дар раванди дарс, иҷроиши вазифаи хонагӣ, таҳқиқи мустақилияти андешаи хонандагон ва муносиботу муошарати омӯзгору хонандагон мебошад.

Вазифаҳои асосӣ барои натиҷагирӣ низ мавҷуданд, ки дар расми 11 оварда шудааст.



Расми 11. Вазифаҳои асосӣ барои натиҷагирии раванди дарс

Аксари омӯзгорон дар раванди дарс аз методҳои суҳбат, таҳлили мвзуъ ва кор бо мисолу масъалаҳоро истифода менамоянд. Дарсҳои фанни адабиѐти тоҷик барои ташаккулѐбии завқи бадеӣ-эстетикии хонандагон кӯмак мерасонад ва омӯзгор дар раванди дарси адабиѐти тоҷик дар заминаи барномаи дарсӣ дар мавриди беҳтарин намунаҳои назму насри мероси маънавии ниѐгонамон маълумот медиҳад ва барои муносибати мутақобилаи дарки арзишҳои маънавӣ замина мегузорад.

Таҳкими завқи бадеии фард яке аз манобеи асоситарину самарабахш бобати тамоили эстетикии тарбияи фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Агар дар асари бадеӣ тарбияи эстетикӣ фарогир набошад, пас натиҷа аз мутолиаи асар ҳам бемаром сурат пазируфта, оқибат дар тарбияи мутолиакунанда таъсиргузор нахоҳад буд.

Ин хусусият шароит фароҳам меоварад, ки дар дарси адабиѐти тоҷик сифати интиқоли таҷриба, ормону афкор, маҳорату тахайюл, арзиши бадеии асар муайян кунанд. Бинобар вижагиҳои мазкур, метавон хулоса кард, ки завқи бадеӣ дар хонандагон лаѐқати инфиродиест, ки ба асари бадеӣ аз

нуктаи назари арзиши эстетикӣ дуруст баҳогузорӣ шавад. Ин хислат барои омӯхтани таҷрибаи ҳаёт кӯмак мерасонад, сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ мекунад, ба дарк намудани мазмун ва мавзуи адабиёти бадеӣ ва вижагиҳои бадеии асар мусоидат мекунад.

Рушди завқи бадеиро ҳамаи ашколи адабии мавҷудбуда ва саноеи мухталиф роҳандозӣ мекунанд, ки хонандаро ба фаъолияти эҷодӣ равона мекунад.

Воқеан, дар ҷумҳурӣ то ҳол бобати пажуҳиши масъалаи мазкур ягон таҳқиқоти зарурӣ анҷом наёфтааст. Бинобар ин, зимни матраҳсозӣ ва баррасии ин масъала мушкилоти нави пайдарпай ба миён омада, зарурати таҳқиқи онро дар замони муосир ба вуҷуд меоварад.

Гузашта аз ин, масоили мазкур бинобар матраҳшавии мавзуи дастурҳову мақолоту рисолаҳои мухталиф усули ба хеш хосро падид оварда, таҳлили матнҳои бадеиро ба амал меорад ва моро ба як хулосае водор хоҳад кард, ки бинобар масоили ҳанӯз пажуҳишнашуда ба таҳқиқи он бештар аҳамият диҳем. Чунки дар зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масоили завқи бадеии хонандагон ҳанӯз ҳам баррасӣ наёфта, бобати ҳалли онҳо чораҷӯӣ нашудааст.

Мушоҳидаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ моро водор менамоянд, ки ба барномаву дастурҳои таълимии омӯзгорон бобати матраҳ намудани завқи бадеии хонанда ва мусоидат ба густариши он таваҷҷуҳ намоем. Вагарна, мавзуъҳои дарсҳои фанни адабиёти тоҷик бидуни таъсиргузорӣ анҷом ёфта, бардошти хонанда аз тарзи баррасии мавзуи дарс бенатиҷа мемонад. Чунки бо таваҷҷуҳ ба завқи бадеии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон хулоса кард, ки аксари онҳо ба дарсҳои омӯзгорон бидуни омодагӣ омада, пасон, бидуни таъсирпазирӣ аз синфхонаҳо хориҷ мешаванд.

Аҳамияти пажуҳиши мазкур бобати ҳалли масоили густариш додани завқи бадеии хонандагон дар синфҳои 10 ва 11 зимни баррасии дарсҳои фанни адабиѐти тоҷик нишон медиҳанд, ки низоми дарсдиҳӣ бинобар маълум набудани сифати дарс наметавонад ба бунѐди завқи бадеӣ мусоидат кунад.

Маълум аст, ки адабиѐти илмӣ, методӣ, адабӣ ва психологию педагогии зиѐде дар бораи методҳои муосиру созанда баҳс намудаанд.

Аммо муҳаққиқон хусусиятҳои хосси ташаккули завқи бадеиро дар дилхоҳ тадрису таълими фанни адабиѐт бояд матраҳ намуда, чорабиниҳои мушаххас барои бедор намудани завқи бадеии хонандагон ба миѐн биѐранд. Ҳамзамон, имкониятҳои ташаккули завқи бадеии хонандагон дар марҳилаҳои алоҳидаи таълими фанни адабиѐти тоҷик ба инобат гирифта шавад.

Н.Г. Осухова ногоштааст, ки: ―Рушди завқи бадеӣ дар дарси адабиѐти тоҷик танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки таҳлили мазмуни идеявию бадеии асар на танҳо барои кушодани мавзуъ, ғоя, системаи образҳо, композитсия, сюжет, балки барои ба хонандагон нишон додани арзиши эстетикии осори адибон таъкид карда шавад. Дарки идеали эстетикии хонадагон дар ҳамаи марҳилаҳои омӯзиши фанни адабиѐт ба он шарте ба амал меояд, ки системаи мукаммали кор, ки роҳҳою усулҳои гуногуни таҳлили матни бадеӣ, инчунин шаклҳои гуногуни кори мустақилона ва эҷодии худи хонандагонро дар бар мегирад, мавҷуд бошад‖ [133, с. 11].

Баррасии таълими фанни адабиѐти тоҷик дар синфҳои 10-11 барои маълум сохтани завқи бадеӣ, меъѐри ҷаҳонбинӣ ва диди хонандаи муосир муҳим аст, зеро асосан фанни адабиѐт дар такмили фаъолнокии маърифатии хонанда замина мегузорад. Таҳлили мазмун ва идеяи асари бадеӣ барои ташаккули завқи хонандагон, дарки ҷиҳати бадеӣ ва завқи эстетикии онҳо кӯмак мерасонад, ки он дар ҳама лаҳзаҳои дарс, аз сухани муқаддимавӣ, таҳлили матн то суҳбати умумӣ сурат мегирад. Барои омӯзгор ҷиҳати

расидан ба мақсади ниҳоӣ меъѐри муҳими салоҳиятҳои калидӣ бояд ба инобат гирифта шавад (Расми 12).



Расми 12 - Мақсади ниҳоӣ ва меъёрҳои муҳими салоҳиятҳои калидӣ

Дар навбати худ, яке аз мушкилоте, ки омӯзгоронро ба ташвиш меорад, ин масъалаи ташаккул додани шавқи устувор ва зарурати мустақилона ҷустуҷӯ намудан дар раванди таълим мебошад. Ҳалли ин мушкилот ба доираи ҳавасмандӣ ва ниѐзҳои хонандагон асос меѐбад. Дар бисѐр маврид хонандагон барои баланд гардидани баҳо супоришҳоро иҷро мекунанд. Омӯзгорро зарур аст, ки ҳавасмандии тарбиявиро дар заминаи шавқи маърифатӣ ташаккул дода, дарсро дар заминаи қалби ҳамаҷониба ба роҳ монад. Масалан, барои беҳтар гардидани фаъолнокӣ тамоми маводро аз фанни тадрисшаванда омода намуда, супоришҳоро дар якҷоягӣ бо хонандагон синф ҳал намоянд.

Ш. Амонашвили дар китоби ―Воспитание и образовательная функции оценки учения школьников" ("Функсияи таълимӣ ва омӯзишии арзѐбии омӯзиши мактаббачагон") барои рушди шахсии хонандагон баҳогузории авторитарӣ (дар мактаби ибтидоӣ) таъкид намуда, дар ин самт эътимод бар кӯдакро асос донистааст" [10, с.77].

Натиҷаҳои таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ нишон медиҳанд, ки проблемаи ташаккули шавқу завқи маърифатии хонандагон ба омӯзиши фанни таърих дар мактаб имрӯз ҳам аҳамияти худро дорад. Диққат ба кор бо сарчашмаҳои гуногуни дониш, истифодаи шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва технологияҳои гуногуни педагогӣ, ки ба ташаккули шахсияти мустақил, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол имкон медиҳанд, равона карда шудааст.

Вобаста ба ин, зарурати таҳияи равишҳои нави ташаккули манфиатҳои маърифатии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва қобилиятҳои маърифатии онҳо ба миён меояд.

Робитаи таълим ва тарбия, ки ба баланд шудани дараҷаи ҳавасмандӣ, фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, ташаккули маҷмуи манфиатҳои устувори хонанда таъсир мерасонанд, диққати махсус додан лозим аст. Дар раванди ташаккули шавқу рағбати маърифатии хонандагон ба фанни забон ва адабиёт, чун дар ҳама чиз, муносибати ҳамаҷониба зарур аст.

Шавқу рағбати маърифатӣ яке аз ҷузъҳои ҳавасмандии тарбиявӣ буда, дар навбати худ, ба фаҳмиши мо, он бо равиши фаъолият, шаклҳои фаъоли таълим, ташкили раванди таълим тавассути системаи вазифаҳои таълимӣ, татбиқи принсипҳои таълими рушдёфта таъмин карда мешавад. Мусаллам аст, ки шавқу ҳавас сохтори мураккаби психологӣ дорад. Ҳамчун асоснокии назариявӣ шавқ ва самти муайян ба объектҳо ва падидаҳои мушаххаси воқеият баррасӣ мешавад.

Фанни забон ва адабиёти тоҷик қобилияти пурсиш кардан, таҳқиқ намудан, баҳс кардан, эҷод кардан, фаҳмидан, шарҳ додан ва аз ҷиҳати мантиқ асоснок карданро рушд медиҳад. Аз ин рӯ, масъалаи фаъолнокии маърифатии хонандагон дар фанни адабиёти тоҷик вобаста ба суръати баланди рушд ва такмили илму техника, эҳтиёҷи ҷомеа ба одамони бомаърифате, ки қобилияти зуд пайгирӣ кардани вазъият, мустақилона фикр кардан ва аз қолабҳо озод мебошанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Иҷрои чунин вазифаҳо танҳо дар шароити омӯзиши фаъол ва ҳавасмандкунии хонандагон имконпазир мегардад.

Дар ин росто, Н.А. Половникова иброз кардааст, ки: ―Фаъолнокии маърифатии хонандагон, ки бо истифода аз усулҳои фаъол сурат мегирад, ба ташаккули таваҷҷуҳи маърифатӣ ва фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад. Фаъолнокӣ барои рушди шахсият ва равандҳои равонӣ муҳим аст. Дар фаъолияти зеҳнӣ, ки зери таъсири шавқҳои маърифатӣ ба амал меояд, инҳо зоҳир мешаванд: ҷустуҷӯи фаъол; тахмин кардан; ҷустуҷӯи тадқиқотӣ. Ҳар як хонанда дорои хусусиятҳои хоси фаъолнокии маърифатӣ, характер ва рафтор аст.

Барои наврасон дарк кардани моҳияти ҳаѐтан муҳими дониш ва пеш аз ҳама аҳамияти он барои рушди шахсият хеле зарур мебошад. Он ба афзоиши худшиносии навраси муосир вобаста аст” [138, с. 37].

Бисѐре аз мавзуъҳои дарс ба ниѐзҳои хонандагон ҳамчун як шахсияти ҳамаҷониба мувофиқат кунад ҳам, аммо таҷриба нишон дод, ки баъзе мавзуъҳо ба хонандагон идея дода наметавонад. Мо бояд эътиқоди наврасонро дар бораи мавқеи баланди шахси босавод дар ҷомеа парвариш намоем. Эътиқод ва шавқу манфиатҳо бо ҳам омӯхта шуда, дар наврасон сатҳ ѐ дараҷаи баланди худшиносиро ба вуҷуд оварда, муносибати фаъоли онҳоро нисбат ба таълим муайян мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки аломатҳои шавқу ҳавас ва меъѐрҳои он муайян гардида, онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Хусусияти хоси рафтор ва фаъолияти хонандагон дар синф, ки ба онхо шавқу ҳавас доранд.

2. Хусусияти рафтор ва фаъолияти хонандагон, ки берун аз синф зоҳир мешаванд.

3. Паҳлуҳои муайяни тарзи ҳаѐти хонандагон, ки дар зери таъсири шавқ ба вуҷуд меоянд.

Вижагиҳои муҳими таваҷҷуҳи маърифатӣ дар он аст, ки маркази он як вазифаи маърифатӣ мебошад, аз шахс кори фаъол, ҷустуҷӯӣ ѐ эҷодиро талаб мекунад.

Ҳангоми рушд додани шавқу завқи маърифатӣ ва эҷодкорӣ иҷрои вазифаҳои гуногун ҷанбаҳои дохилӣ ва берунии онро ба назар гирифтан муҳим аст. Азбаски омӯзгор ба нияту эҳтиёҷоти шахс пурра таъсир расонда наметавонад, тавассути воситаҳои таълим таваҷҷуҳ карда, шароити беруниро ба назар гирифтан, зарур аст.

Дар иртибот ба ин, Б.А. Танков изҳор медорад, ки: ―Агар хонанда ба адабиёти бадеӣ шавқу рағбат пайдо кунад, онро бомуваффақият меомӯзад. Агар омӯзгор шавқу рағбати ӯро равона созад, ба ӯ барои ҳамчун субъекти фаъоли дониш нишон додани ӯ кӯмак расонад, дар он сурат хонанда рушд меёбад. Агар тағйироти хислатҳои шахсии хонандагонро асос гирем, он гоҳ раванди идоракунии шавқу ҳаваси маърифатӣ дар таълим тафовутро тақозо мекунад.

Омӯзгор бояд донад, ки фаъолияти маърифатӣ чист, хусусият ва шароити рушди он дар хонандагон чӣ гуна аст ва барои фаъол гардонидани дониши захирашудаи хонандагон дар раванди таълим аз кадом усулҳо истифода бурдан лозим аст. Фаъолнокии маърифатӣ ин муносибати хонанда ба мундариҷаи дарс ва раванди таълим, хоҳиши самаранок аз худ кардани мавзуъҳо, усулҳои фаъолият дар вақти муносиб мустақилона расидан ба ҳадафҳои таълимӣ зоҳир мегардад, дониста мешавад. Дар баробари шавқу рағбатҳои маърифатӣ муносибати мусбати наврасон ба таҳсил аҳамияти калон дораданд” [148, с. 42].

Дарси дигаре, ки метавонад барои рушди зеҳнии хонандагон кӯмак расонад, соати тарбиявӣ мебошад. Таҷриба нишон дод, ки аксари хатмкунандаҳо дарсҳои кушоди тарбиявиро ба хотири инъикоси худ дар саҳнаи озод қабул доранд. Дар раванди дарс омӯзгор низ маҳорати касбии худро нишон додан мехоҳад. Дар ингуна дарсҳо фаъолият гурӯҳӣ ташкил карда мешавад ва раванди дарс ба ихтиёри хонандагон дода мешавад. Дар ҷараёни дарс мусиқӣ ва намоишнома низ истифода мегардад ва ҳатто хонандагон ҳунари қироату озод андеша гуфтани худро ба дигарон нишон медиҳанд.

Ҳамаи ин таҷрибаҳо баѐнгари онанд, ки дониш қобилияти амалӣ нест, мафҳуми маҳоратро намефаҳмонад ва танҳо маҷмуи ахборотест, ки оид ба ин ѐ он масъала хонанда гирд овардааст.

Шейхов М. зикр мекунад, ки: ―Маҳорат ва тавоноӣ дар натиҷаи таҷрибаи ҳаѐт ҳосил мешаванд. Таҷрибаи амалии иҷрои ҳар як фаъолият ва ѐ машғулият маҳорати шахсро ташаккул медиҳад. Ҳамин тариқ, унсур ѐ ҷузъи дуюми мазмуни маълумот таҷрибаи ба амал баровардани воситаҳои фаъолият мебошад. Дар маҷмуъ ҳар ду унсур – дониш ва таҷриба малакаю маҳоратро медиҳанд.

Дониш ва маҳорат низ ҳанӯз мазмуни маълумотро пурра ифода намекунад. Инсон дониш ва маҳорат дошта бошад ҳам, қобилияти эҷодияш метавонад заиф бошад. Таърих шоирону олимон ва дигар оқилонро медонад, ки маълумоти кофӣ надоштанд, аммо аз худ меросе гузоштаанд. Дониш, маҳорату малака ва фаъолияти эҷодӣ низ ҳанӯз мазмуни маълумотро пурра карда наметавонад. Шояд шахс дониш, маҳорат ва қобилияти эҷод кардан дошта бошад, вале хоҳиш надошта бошад. Ҳамаи ин унсурҳои номбаршуда нисбатан мустақил мебошанд ва дар айни замон дар ҳолати алоқамандии зичи байни ҳамдигар қарор доранд.

Маҳорат ва малакаи донистани воситаи фаъолият бидуни донишҳои мукаммал такмил намеѐбад. Дониши хонанда низ бе маҳорату малака, қобилияти иҷрои кор, қудрати кори амалиро доро намебошад. Фаъолияти эҷодӣ то андозае ба унсурҳои номбаршуда: дониш, маҳорат, малака метавонад вобастагӣ надошта бошад, аммо имкони маҳорату малакаро кофию зебо ва пурра менамояд. Агар хоҳиш набошад, шахс бо тамоми донишмандӣ ва дорои малакаю маҳорат будан иҷрои сабуктарин корро уҳда намекунад” [155, с. 114].

Мазмуни кунунии таҳсилот, пеш аз ҳама, аз ҳисоби баланд бардоштани сатҳи илмии он имкон дорад, ки имкониятҳои барҷастаи фаъолонидани таълими хонандагонро таъмин бинамояд. Ин сатҳи илмии мазмуни таҳсилот дар ду равия ҷараѐн ѐфтааст:

1. Дар барномаҳои таълимии фаннӣ як қатор мафҳуми илми муосир ҷорӣ карда шудааст.

Дар шароити муосир таҳсилоти касбӣ бояд аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (таҳсилоти махсус) оғоз карда шавад. Дар баробари ин мо рушд додани қобилияти эҷодии хонандагонро на танҳо ҳамчун унсури зарурии ташаккули илмҳои дақиқ, балки шарти бомуваффақият бартараф намудани душвориҳои давраи гузариш аз мактаб ба донишгоҳ ва минбаъд мутобиқ шудан ба шароит ва талаботи нав донистан ҷоиз аст. Вобаста ба ин, мо қайд мекунем, ки сарфи назар аз мавҷудияти теъдоди зиёди асарҳои бахшида ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо ҳангоми таълими математика ва масъалаҳои ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ таваҷҷуҳ намоем.

Татбиқи модели таҳияшудаи рушди қобилияти эҷодии хонандагон пеш аз ҳама дар сатҳи модули ташкилию технологии он сурат мегирад ва дар хусусиятҳои хосси ташкилию методии раванди таълим ифода меёбад. Дар асоси системаи принсипҳои рушд додани қобилияти эҷодии хонандагон маҷмуи чунин тадбирҳои амалии дорои характери ташкилию методиро муайян кардем:

1) ташкили раванди таълим (дар омӯзиши фани математика);

2) ташкили дарси математика;

3) дар дарсҳо васеъ истифода бурдани навъҳои гуногуни таълими проблемавӣ бо пай дар пай баланд бардоштани дараҷаи ҳалли масъалаҳо;

4) истифодаи фаъолонаи супоришҳои эҷодӣ;

5) ба шаклҳои беруназсинфии дарсҳои математика ҷалб намудани хонандагон (маҳфилҳо ва дарсхои интихобӣ аз фанни математика, олимпиадаҳо ва озмунҳои математикӣ);

6) ҷорӣ намудани курси факултативии методологияи математика.

Ҷонмирзоев Э. Ҷ. ҳангоми омӯзиши мавод дар гурӯҳҳо,истифодаи намудҳои зерини корро тавсия медиҳад:

—омӯзиши мустақилонаи мавод аз китобҳои дарсӣ;

- омӯзиши мавод дар асоси ҳалли масъалаҳои математикӣ;

- таҷрибаҳои тадқиқотӣ;

- истифодаи нақшаҳои умумӣ” [67, с.4].

Маълумоте, ки дар рафти корҳои таҷрибавӣ ба даст омадаанд, инчунин натиҷаҳои коркард ва таҳлили омории онҳо ба мо имкон доданд, ки дар бораи самаранокии методологияи пешниҳодшудаи рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон хулоса барорем.

Дар шароити муосир, мутахассисони дорои малака ва ҷаҳонбинии глобалӣ барои қонеъ намудани талаботи зеҳнии хонандагон омода бояд намуд.

Гумеров С.И. бар он андеша аст, ки: ―Рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон вазифаи таъхирнопазири системаи муосири таҳсилоти доимӣ ва махсусан системаи таълими математикаи якумрӣ мегардад. Таълими пайвастаи риѐзиро метавон яке аз ҷузъҳои асосии таҳсилоти ҳамагонӣ дар маҷмуъ донист, зеро таълими мунтазами риѐзӣ имрӯз қариб дар тамоми марҳилаҳои таҳсилоти доимӣ зарур аст, на танҳо барои одамоне, ки бо математика ѐ таълими он касбӣ машғуланд. Мо аҳамияти ташаккули тафаккури эҷодии хонандагонро дар тамоми марҳилаҳои системаи таълими пайвастаи математикӣ кам накарда, дар таҳқиқоти худ ин масъаларо дар зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ матраҳ намудем” *[60, с.24]*.

Ба андешаи муҳаққиқ: ―Татбиқи модели таҳияшудаи рушди қобилияти эҷодии хонандагон пеш аз ҳама дар сатҳи модули ташкилию технологии он сурат мегирад ва дар хусусиятҳои хосси ташкилию методии раванди таълим ифода меѐбад” [60, с.24]. Дар асоси системаи принсипҳои рушд додани қобилияти эҷодии хонандагон маҷмуи чунин тадбирҳои амалии дорои характери ташкилию методиро муайян карда шудааст:

―- ташкили раванди таълим (дар омӯзиши фани математика);

- ташкили дарси математика.

- дар дарсҳо васеъ истифода бурдани навъҳои гуногуни таълими проблемавӣ бо пай дар пай баланд бардоштани дараҷаи ҳалли масъалаҳо;

- истифодаи фаъолонаи супоришҳои эҷодӣ;

- ба шаклҳои беруназсинфии дарсҳои математика ҷалб намудани хонандагон (маҳфилҳо ва дарсхои интихобӣ аз фанни математика, олимпиадаҳо ва озмунҳои математикӣ);

- ҷорӣ намудани курси факултативии методологияи математика” [60, с.26].

Маълумотҳо, ки дар рафти корҳои таҷрибавӣ ба даст омадаанд, инчунин натиҷаҳои коркард ва таҳлили омории онҳо ба мо имкон доданд, ки дар бораи самаранокии методологияи пешниҳодшудаи рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон хулоса барорем.

Дар шароити муосир, ки бо суръати тези рушду тағйироти ҷомеа хос аст, бояд мутахассисони дорои сатҳи сифатан нав омода карда шаванд, ки на танҳо донишу малакаи муайян доранд, балки мустақилона ба даст овардани донишҳои муосир, усулҳои таҳқиқотро аз худ намуда, ба фаъолияти эҷодӣ нигаронида шудаанд. Ба ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки аз ҷомеа барои тайёр кардани мутахассисе, ки ба таври эҷодӣ фикр карда, кор карда тавонад, вазифаҳо вобаста ба раванди иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

Усулҳое, ки барои ташаккули тафаккури эҷодӣ истифода мешаванд, аз ҷумла рушди фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ, ташаккул додани малакаҳои фаъолияти мустақили маърифатиро, ки барои мактаббача ҳамчун донишҷӯйи оянда заруранд, дар бар мегирад.

Гумеров С.И. дар натиҷаи таҳқиқи ин масъала ҳамзамон зикр мекунад, ки; ―Эҷодкорӣ ҳамчун зуҳуроти олии қобилиятҳои руҳи инсон, ҳамчун шарти зарурии мавҷудияти башарият дар байни муҳаққиқон ва ҳамчун объекти омӯзиш ҳамеша таваҷҷуҳи зиёдро ба вуҷуд овардааст. Аз нуқтаи назари психология ва педагогика масъалаҳои асосӣ бо муайян кардани хусусияти қобилияти эҷодӣ, бо имконияти ташаккул ва рушд додани ин қобилиятҳо, алалхусус, дар раванди таълим алоқаманданд. Дар байни онҳо мо қобилиятҳои зеҳнӣ-мантиқии фард ва қобилиятҳои зеҳнӣ-эвристии шахсро махсус қайд мекунем, ки онҳоро ҳамчун ҷузъҳои зеҳнии қобилиятҳои эҷодӣ муайян мекунем” [60, с.29].

Таълими фанни геометрия дар асоси аксиоматикӣ сохта шудааст, ки ин барои тадриҷан дар хонандагон ташаккул додани тасаввурот оид ба методи аксиоматикӣ шароит фароҳам меоварад. Нугмонов М., Рачабов Т.Б., Хамрокулов А. заминаҳои эҷодкории хонагдашони сифи 7-9-ро ҳангоми ҳалли масъалаҳои геметрӣ баррасӣ намудаанд128]. Назаров П. роҳҳои нави таълими фанни геометрияро дар заминаи комютер таҳқиқ намудааст[117].

Таълими фанни физика ибтидои назарияи махсуси нисбӣ, муодилаи асосии назарияи молекулярӣ-кинетикӣ, таълимоти Мамсвелл дар бораи майдони электрикӣ ва ғайра шомил гаштаанд.

Дар таълими фанни кимиѐ назарияи А. М. Бутлеров дар шакли саҳеҳтар пешниҳод шудааст, ки: **—б** тасаввуроти электронӣ ва фазоӣ ғанӣ мебошад" [166, с.79-83].

Зимни таълими фанни биология асосҳои молекулярии генетика ва селексия дохил шудааст, ба масъалаҳои физиологияи рустаниҳо ва ҳайвонот, экологии (ҳифзи муҳит) назари эътибор тақвият дидааст, перомуни комѐбиҳои биологияи молекулярӣ дар шарҳи сохтор ва функсияи ҳуҷайра маълумот дода шудааст. Нуралиев Ё.Г. дар кори илмияш самтҳои асосии фаъол намудани хонадагонро тавассути маърифати экологӣ таҳқиқ намудааст[129].

2. Такомули мазмуни фанҳои нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ бо муносибати дедуктивӣ. Такомули мазмуни фанҳои нақшаи таълимии *муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ* имконият медиҳад, ки дар хонандагон муносибати ҷамъбастии шарҳи воқеият ва равандҳо ташаккул дода шавад.

Ҳамаи ин ба хулоса меоварад, ки баланд бардоштани сатҳи илмии баѐни таҳсилот, аз як тараф, барои ташаккули мақсадҳои фаъолнокии хонандагон шароит фароҳам оварад, аз тарафи дигар истифодаи системаи муайяни усул, методҳо ва шаклҳои таълимиеро, ки фаъолнокии маърифатиро таъмин мекунад, тақозо менамояд.

Маълум аст, ки мазмуни раванди таълим дар китоби дарсӣ аён мешавад, вале китоби дарсии «Адабиёти муосири тоҷик» (нашри соли 2018) ба тақозои замон мувофиқ нест. Гузашта аз ин, ба барномаи таълимии бо тозагӣ пешниҳодшуда мувофиқ нест. Аз ин рӯ, воситаи фаъол гардонидани хонандагон шуда наметавонад.

Вақте шавқи хонанда ба мавзуъ бедор карда намешавад, дилхоҳ усули таълим ё барномаҳои таълимӣ қудрати таъсиргузориро дар зеҳни хонандагон аз даст медиҳанд. Набояд фармӯш сохт, ки бе тасаввуроти комил малакаи мустақил кор карданро дар онҳо тарвиҷ додан ғайри имкон аст ва имкониятҳои таносуби эҷодии онҳоро сафарбар намекунад. Хулоса, фаъолнокии маърифатии онҳоро рушду ташаккул намедиҳад.

Бинобар ин, китоби дарсии адабиёти муосири тоҷик бояд таҷдиди назар гардида, авомили бегонапарастӣ дар муҳтавои он роҳ наёбад ва осори ҳақиқатнигории миллӣ бештар ҷой дода шавад, вагарна мо тавассути ин фан наметавонем минбаъд рушди худогоҳиву худшиносии миллӣ ва фаъолнокии маърифатии хонандагонро дар раванди таълим таъмин намоем.

Ин ҳадаф он гоҳ амалӣ мешавад, ки дастури таълимӣ, китоби дарсӣ дорои муҳтавои хуби методӣ бошад, саволу супоришҳое, ки дар охири ҳар як мавзуъ дода мешаванд, танҳо нақли мазмуни матнро талаб накарда, балки хонандагонро ба фикр кардан, муҳокима рондан, баҳс намудан водор созанд, дар назди онҳо проблема гузоранд. Китоби дарсӣ бояд ташкили кори мустақилонаи хонандагонро дар ҳар як лаҳзаи дарс, ҳатто берун аз дарс ҳам таъмин намояд.

Азбаски китоби дарсии адабиёти муосири тоҷик асарҳои бадеии калонҳаҷмро дар саҳифаҳои худ ғунҷонида наметавонад, бе донистани он асарҳо таҳлили додаи китоби дарсӣ ва суханони омӯзгор хушку холӣ буда, на дониш дода метавонад, на завқи эстетикию шавқи маърифатҷӯии хонандагонро ҷоннок менамояд. Барои шавқовар гузоштани дарс дигар истифодаи низоми муайяни усул, методу шаклҳои ташкилиеро, ки таълими фаъолро таъмин мекунад, тақозо менамояд.

Дар ҳамин замина, бояд тавзеҳ дод, ки омӯзиши фанни забон низ дар мактаб мушкилоти худро дорад. Яке аз он мушкилот он аст, ки дар баъзе мактабҳо баробари тоҷикон намояндагони ақаллиятҳои миллӣ бо мушкилоти зиѐд дарсҳои назариро аз худ мекунанд ва дар хотирашон хеле бад нигоҳ медоранд, аммо мушкилтар фаъолнокии маърифат ва дарки мазмуни таҳсилот аст. Омӯзгор саъй мекунад, ки ин мушкилотро дур кунад, аммо аз онҳо идроки муназзам дархост карда намешавад ва қисми зиѐди вақт дар машқҳои амалӣ мегузарад. Натиҷаи чунин тарзи таълим сифати пасти маҳорат ва малакаи хонандагон аст.

Таҳқиқоти дидактикӣ ва мушоҳидоти дарсҳои забони модарӣ ва адабиѐт дар МТМУ №№33,34,17 - шаҳри Душанбе ва МТМУ №67 ба номи Ҳомид Маҷидови ноҳияи Рӯдакӣ нишон дод, ки меъѐри кори омӯзгору хонанда барои ташаккули маърифат ҳатмист, аммо маҳорату малака нисбати ин фанҳо ба дараҷаи паст аст. Яке аз сабабҳои ин зуҳурот дар раванди таълим истифода набурдани шаклу усули гуногуни дарс, ташаккули дониш дар асоси дарс, маҳорат ва малака аст. Дар назди омӯзгор чунин масъалаи мураккаб ба миѐн меояд: дарѐфтани роҳе, ки имкон медиҳад дар дарс барои азхуд кардани маводи назарӣ, мустаҳкамкунии дарс, машқ, истифодаи он дар ташаккули маҳорат ва малака тақсим намояд.

Омӯзгор дар дарс маводи навро шарҳ медиҳад, хонандагон бидуни мушкилот масъалаҳои ба миѐн гузоштаи ӯро яқинан возеҳ идрок мекунанд, ки онро истифода бурда, ба мисолҳои воқеӣ тафзия мекунанд. Қоидаҳоро дар ѐд надошта, хонадагон мустақилона кор карда наметавонанд. Омӯзгор бисѐр вақт маҷбур аст, ки қоида ва мисолҳои овардаашро ҳар гоҳ такрор кунад. Хонандагон маълумоти саҳеҳ нагирифта, ба машғулияти машқҳо омода мешаванд ва тафзияи маводро то ҳадди аққал (минимум) мерасонанд.

Раванди дарс дар дидактика, чунонки дар боло баѐн кардем, ҳамчун фаъолият баррасӣ карда мешавад ва бинобар ин, дар он мавридҳои зерин ба назар мерасанд:

- таҳлили вазъи ибтидоӣ, муайянкунӣ, таҳияи ҳадафи таълим ва қабул кунонидани он ба хонадагон;

- банақшагирии кор, интихоби мавзуъ ва воситаҳои расидан ба ҳадаф;

- пешниҳоди порчаи нави маводи таълимӣ ба тарзҳои гуногун ва дарки оқилонаи он;

- ташкили кори таълимии омӯзгор ва хонадагон (ташкил ва худташкилкунии хонандагон ҳангоми истифодаи маводи нави таълимӣ то сатҳи дилхоҳи он дар шароити ҳозира);

- ташкили алоқаи мутақобил, назорат ва ислоҳи корҳо оид ба азхудкунии мазмуни мавод ва худназораткунӣ;

- таҳлил ва худтаҳлилкунӣ, арзѐбии натиҷаҳои таълим;

- омодасозии хонадагон ба кори берун аз мактаб [3, с.46].

Бояд қайд намуд, ки дар раванди дарс назди хонандагон танҳо вазифаи дарккунӣ гузошта шуда, восита ва роҳҳо вобаста ба дараҷаи донишу қобилият, маҳорату малака ва дар умум фаъолнокии маърифатии хонандагон мушаххас мегардад.

Маълум аст, ки интихоби воситаҳои дар дарс барои омӯзгор дарккунӣ хеле мушкил аст. Дар доираи чунин вазъият бояд дараҷаи дониш, қобилият, маҳорат, малака ва тафаккури хонандагонро ба ҳисоб гирифт. Аксар омӯзгорон дар дарс ба ин масъала диққат надода, баъди ташреҳи мавзуъ ба хонанда пешниҳод мекунанд, ки бо тавассути китоби дарсӣ супоришро мустақилона иҷро кунанд ва мустаҳкам намоянд. Ин усул барои дарккунии мавзуи нав ба хонанда душворӣ пеш меорад ва шавқу ҳавасаш барои омӯзиш паст è гум мегардад, ки дар ҳолати фаъолнокии маърифатӣ дар дарс таъмин намешавад. Чунин усул ҳифзи мазмуни маълумоти назариро осон гардонад ҳам, аммо китоби дарсӣ истифода кардани дониш намеомӯзонад ва фаъолнокии маърифатиро кам мекунад. Аз ин рӯ, вақт дар дарс кам монда, омӯзгор бо суръати тез ин даврaро мегузаронад ва сайқали маҳорати хонандагонро бо роҳи машқ давом медиҳад, ки ин усул барои дарки мавзуъ ва таъмини фаъолнокии маърифатӣ мусоидат намекунад. Ҳарчанд

хонандагон ба андозае дониш андӯхта бошанд ҳам, яъне ба тариқи механикӣ маводро аз худ карда бошанд, аммо истифодаи онро наомӯхтаанд.

Дар ин ҳолат омӯзгор метавонад бо роҳи сарриштаи вақти дарсӣ ва барои аз бар кардани дониши фанни забони тоҷикиро дар дарс таъмин кард. Барои ин раванди дарсро танзим дода, ба усули зерин такя кардем; ин ду масъаларо дар ягонагӣ ҳал карда, айнияти чунин усулро пайдо кардем, ба хонандагон имкон диҳад, ки бо роҳи машқ ҳифз кардану истифода бурданро ѐд гиранд.

Масалан, омӯзгор ҳангоми дарс мавзуъро шарҳ медиҳад, ки тибқи имлои забони тоҷикӣ дар кадом ҳолат байни мубтадову хабар тире гузошта мешавад. Барои муайян намудани сатҳи дониш ва дараҷаи азхудкунии мавзуъ супориш медиҳад, ки хонандагон машқро иҷро карда, матнро рӯйнавис намуда, мустақилона аломатҳои китобатӣ гузоранд. Аз 14 нафар хонанда танҳо 4 нафари онҳо ҷавоб додаанд, ки дар кадом ҳолат дар байни мубтадову хабар тире гузошта мешавад. Аз ин рӯ, муайян гардид, ки 10 нафар хонандагон мазмуни мавзуъро дарк накардаанд. Натиҷаро таҳлил карда, муайян гардид, ки дарки мавзуъ хеле паст аст.

Қабл аз ҳама, омӯзгор бояд пайваста усули навро дар ҳама гуна вазъияти педагогӣ барои он ҷустуҷӯ намояд, ки хонандагон на танҳо мазмуни маълумотро ба даст оранд, балки фаъолияти маърифатҷӯиро дар амал мавриди истифода қарор диҳанд.

Хусусиятҳои дигари мазмуни маълумот дар раванди таълим ва омили муассири (таъсирбахш) фаъолнокии маърифатии хонандагон талаботи педагогӣ ва психологӣ ба шумор меравад, ки метавон ин талаботҳоро чунин ташреҳ диҳем:

1. Талаботи педагогӣ. Онҳо усулу ҷиҳатҳои дидактикии зеринро ифода мекунанд: илмият, дастрасӣ, муназзамӣ ва пайвастани шуурнокӣ, инчунин пешсафӣ, ягонагии таълим, тарбия ва рушд, алоқаи назария ва амалия, аѐният, мустаҳкамии ҳифзи дарс, муошират инфиродӣ бо хонандагон, мунтазамии муайян кардани мақсад ва вазифаи дарс, ташаккули мураттабии

дарс ва таъмин намудани нақши роҳбарикунандаи омӯзгор дар дарс алоқаи маводи дарс бо ҳаѐт, масъалаи рушд, интихоби маводи таълимии матлуб ва методҳои таълимии ҳар як қисми дарс. Бояд гуфт, *ки:* «Донишҳои мустаҳкам, устувор ва амиқи маводи омӯхташуда таъмин гардад. Хонандагон ба иштироки фаъолона дар истеҳсолот тайѐр карда шаванд. Маҳорати мустақилона ғанӣ гардонидани дониш дар онҳо ҳосил шавад, ҳалли масъалаҳои илм - техникӣ ба ҳаѐт татбиқ шавад, ихтисоси нав аз худ намоянд. Ба мактабҳои маълумоти олии мамлакат дохилшавандагони хуб тайѐридида, ки касби ихтисос намудаашонро эҷодкорона аз худ карда тавонанд, дода шавад» [37, №5. – С.28-30].

Илова бар ин ба талаботи педагогӣ инҳоро метавон алоқаманд кард:

- истифодаи имконияти тарбиявие, ки дар мазмун ва методҳои таълим гузошта мешавад;
- маҳорати баланди педагогӣ ва навпардозии омӯзгор, маҳорати истифодаи таҷҳизоти айѐнӣ, техникӣ, қонуни маводи дидактикӣ, эҷодкорона истифода бурдани методҳои мухталиф ва усули таълим;
- истифодаи асбобҳои аѐнӣ ва таҷҳизоти техникаи таълим дар шароити системаи кабинет, бо ҳам алоқамандии корҳои рӯбарӯ, дастаҷамъӣ ва инфиродӣ дар дарс;
- таъмини фаъолияти идрок ва мустақилияти хонандагон дар дарс, алоқамандии муносиби баѐноти омӯзгор бо ҷустуҷӯи мустақилонаи хонандагон, ҳалли масъалаҳои муҳим, иҷрои вазифаи хусусияти эҷодидошта;
- тариқи муомилот бо хонандагон ба дараҷаи омодагии онҳо баҳри ҳифзи маводи таълимӣ алоқа дошта, ба таври васеъ истифода аз маводи дидактикӣ бо ҳаргуна дараҷаи мураккабӣ, истифодаи усули политехнизмро (алоқаи дарс бо ҳаѐт) дархост кунад;
- пайвастагии таълим, алоқаи дарс бо дарси гузашта ва оянда дар асоси татбиқи иртиботи дохила ва байнифаннӣ, ки ҳадафаш дар хонандагон ташаккул додани системаи дониш ва ҷаҳонбинии илмист;
- шиносоии хонандагон бо методҳои қонунии идроки илмӣ;

- ташаккули маҳорат ва малакаи ташкили оқилонаи меҳнати таълимӣ дар дарс ва корҳои хонагӣ, тайѐрии хонандагон бо маълумоти баъдимактабӣ ва худмаърифатӣ;

- истифодаи оқилонаи низоми ҳисоби дониш: баҳои ҳақиқӣ ва далелнок гузоштан ба хонандагон;

- талаби ҷиддии омӯзгор, ки бояд ба эҳтироми шахсияти хонандагон такя кунад;

- дар дарс риоя кардани талаботи ягонаи қоидаи имло.

2. Талаботи психологӣ аз масъалаҳои зайл иборат аст:

– равиши дарс дар рушди хусусиятҳои психикӣ, ҳамчун шакли ташкили хусусияти идрокӣ (тасаввурот, хотира, худсарона ва нохудсарона), тафаккур ва эҷодкорӣ, эҳсос, хоҳиш;

– ҳисоби махсусияти психологӣ ва вазъи психикии хонандагон дар дарс;

– таҳаммулии омӯзгор, маҳорати худро тақсим карда тавонистан, худсоҳибӣ ва худнигоҳдорӣ, болидагии рӯҳӣ ва хушбинӣ, некхоҳӣ ва адолат, алоқаи эътиборнок ба хонандагон;

– таъсир ба доираи сабабноки шахсияти хонандагон, ҳавасмандии мусбати алоқа ба таълимот, равнақи идроки шавқмандӣ, мустақилиятӣ ва эҷодкории хонандагон;

– дар хонандагон бедор кардани шодмонии идрок, талқини эҳсос, боварӣ ва паси сар кардани мушкилот дар роҳи бомуваффақият аз бар кардани дониш, қаноатмандӣ аз комѐбиҳо дар кори таълим;

– риоя кардани одоби психологӣ, фароҳам овардани шароити мусоид дар дарс ва ғайра.

Мазмуни таҳсилотро ҳаматарафа ва амиқ таҳқиқ намуда, шароитҳои педагогии мувофиқ фароҳам оварда шаванд, тадбирҳои ҳавасманд намудани фаъолнокии маърифатҷӯии хонандагонро андешида, имконият фароҳам овардан мумкин аст.

2.2. Омӯзиши мазмуни иттилоот дар ҷараѐни фаъолиятҳои таълимӣ ҳамчун заминаи рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон

Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо тамаддуни ҷаҳонӣ ба даврони шадиди ҷаҳонии рақобат, таваккул ва мубориза, ҷустуҷуи модели муассиртарин ва дар айни замон инсонпарваронаи рушди тамаддун ворид мешавад. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиѐти тамаддун муҳимтаринаш инҳо мебошанд:

- ба куллан баланд бардоштани нақши таҳсилот дар ҳаѐти муосир;

- расидан ба зинаи нави рушди технологӣ аз ҳисоби рушди технологияе, ки ба тағйирѐбии равандҳои табиӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад;

- ҷаҳоншавии иқтисодиѐти ҷаҳонӣ, ки ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи сайѐра нигаронида шудааст.

Нодида гирифтани чунин нуктаи муҳим метавонад боиси ихтилофот гардад, ки оқибатҳои бебозгашт доранд.

Модулҳои таълим бо хусусияти таълимдиҳанда ва фаъолияти педагогӣ, бо хусусияти ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонанда ва бо ташкилу коркарди дидактикии муҳтавои омӯзиш, бо воситаҳо ва методҳои таълим, ки танҳо ба ҳамин модели таълим хос мебошад, фарқ мекунанд.

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки сохтори муосири муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ потенсиали худро фақат дар ҳолате пурра татбиқ карда метавонад, агар донишро на танҳо барои фаъолияти касбӣ, балки ҳамчун шарти ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ гардад. Муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар тарбияи насли наврас дар муқоиса бо оила бартариятҳои худро дорад. Бартарияти якум ин тахассуси педагогӣ ва вақти барои тарбия таъиншуда мебошад. Бартарияти дуюм ин муҳити таълимӣ, ки берун аз он ягон сухан ба натиҷаи дилхоҳ намерасонад.

Чӣ тавре ки дар рафти таҳлили назариявӣ ошкор карда шуд, воситаҳои дидактивии фаъолгардонии таълим масъалаи баҳснок мебошад. Дар бораи ин масъала бисѐр таҳқиқотҳои илмӣ ба анҷом расидааст, аммо ин падида ҳамкории мутақобилаи омӯзгорон ва хонандагонро ҳам мегузаронад, ҳам

амалӣ мекунад, ҳам татбиқ мекунад ва ҳам интиқол медиҳад, дар рафти он масъалаҳои таълими хонандагон раванди ҳадафмандонаи педагогии ташкил ва ҳавасмандкунии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон оид ба аз худ намудани донишҳои илмӣ ва малакаҳо, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, ҷаҳонбинӣ ва нуқтаи назарҳо ва эътиқодоти ахлоқӣ-эстетикӣ ҳал карда мешавад.

Тақвияти фаъолияти маърифатии хонандагон дар марҳилаи кунунии рушд дар назария ва амалияи педагогӣ яке аз масъалаҳои фаврӣ аст.

Рушди фаъолӣ, истиқлолият, ташаббус ва муносибати эҷодӣ ба кор аз талаботи худи ҳаѐт буда, самти такмили раванди таълимро асосан муайян мекунад. Ҷустуҷӯи роҳҳои тақвияти фаъолияти маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ, рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва истиқлолияти онҳо вазифаест, ки бисѐре аз омӯзгорон, равоншиносон, методистҳо ва омӯзгорон бояд бо он сарукор дошта бошанд.

Таҳияи воситаҳои таълимӣ бо рушди технология, илм, сатҳи тафаккури педагогӣ ва равонӣ ва усулҳои пешрафтаи таълим зич алоқаманд аст. Омили муҳим дар рушди фаъолияти маърифатӣ фароҳам овардани шароити муассир ва самаранок барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, зеҳн ва эҷодкории хонандагон, инчунин васеъ кардани уфуқҳои ҷаҳонбинии онҳо мебошад.

Таваҷҷуҳи хонандагон муҳимтарин манбаи фаъолияти онҳо дар раванди маърифатӣ ва яке аз ангезаҳои муассиртарини диққат мебошад.

Маълум аст, ки ҳар як нуктаи назар ҳаққи мавҷудият дорад, зеро ба сифати кӯшишҳо ва марҳилаҳои алоҳида дар ошкор намудани моҳияти таълим хидмат мекунад. Аммо дар алоҳидагӣ ин ва дигар мафҳумҳои мушобеҳи таълим моҳияти онро намекушоянд. Исботи ин ба андозае кӯшиши тавсиф намудани таълим ҳамчун ба инсон - кӯдак интиқол додани донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои муайян буда метавонад.

Дониш, маҳорат ва малака ашѐи физикӣ нестанд, интиқол дода намешавад. Ин дар сари мағзи инсон танҳо дар натиҷаи фаъолмандии интеллектуалии шахсӣ рушд меѐбад ва ин маҳсули фаъолмандии психикии таълимгиранда, яъне тафаккур аст. Пас, таносуби омӯзгор ва хонандаро наметавон бо таносуби интиқолдиҳанда ва қабулкунанда мушобеҳ донист. Бо таърифи дигари мафҳуми раванди таълим низ, ки тибқи он раванди таълим бо ҳамкории мутақобилан ҳадафмандонаи омӯзгор ва хонанда мебошад, ки дар рафти он масъалаи омӯзиши хонадагон ҳал карда мешавад, розӣ шудан душвор аст.

Дар ин таъриф ибораи ҳамкории мутақобилан ҳадафманди омӯзгор ва хонанда бори маънӣ мекашад. Аммо ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳамкории мутақобилаи нишондодашуда хеле номуайян, омор мебошад, зеро ба механизми татбиқи он ишора намекунад, пас, худи моҳияти таълимро ҳамчун падидаи мукаммали педагогӣ нодида мегирад.

Мушаххасан, дар тавсифи ин ду навъи фаъолият дар модулҳои мухталифи таълим таваққуф мекунем ва ҳамчунин махсусияти ташкил кардани худи муҳтавои маводи таълимиро қайд кардан зарур аст. Пешниҳоди ин навъҳои фаъолиятро дар шарҳи Ю. К. Бабанский такрор мекунем [19, с. 11-22].

Модули таълими (фаҳмондадиҳӣ-ороишотӣ) иттилоотдиҳанда пеш аз ҳама бо он тавсиф карда мешавад, ки омӯзгор донишро дар навъи коркард-шудаи тайѐр баѐн менамояд, хонандагон онро қабул мекунанд.

Фаъолияти омӯзгор асосан аз пешниҳод, расондани иттилоот ба воситаи шарҳҳои шифоҳӣ ва бо истифодаи образҳо ва воситаҳои айѐнӣ иборат мебошад.

Фаъолияти омӯзгор ва хонанда бо модули таълимии фаҳмондадиҳӣ-ороишотӣ ба тарзи зерин ташкил карда мешавад, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3. ***Фаъолияти омӯзгор ва хонанда бо модули таълимии фаҳмондадиҳӣ-ороишотӣ***

Омӯзгор	Хонанда
бо истифода аз воситаҳои гуногун ба хонадагон дар бораи унсурҳои нави малака ва маҳорат маълумот медиҳад	ахбори таълимиро таҷдид мекунад
лаҳзаҳои нисбатан муҳимро шарҳ медиҳад	лаҳзаҳои нисбатан муҳимро дар шакли маводи аввалин азхуд менамояд
фаҳмидани ахбори таълимиро ташкил мекунад	тарзҳои мухталифи амиқфикр-ронии маводҳои таълимиро мефаҳмад
ҷамъбасти донишҳоро ташкил мекунад	донишомӯзиро ҷамъбаст мекунад
мустаҳкамкунии маводи таълимиро бо роҳи такроркунӣ ташкил мекунад.	маводи омӯхташударо бо роҳи такроркунӣ ва бо қабули мисолҳои гуногун мустаҳкам мекунад
истифодаи донишҳоро бо роҳи гузоштани вазифаҳои амалӣ ва супоришҳои корӣ ташкил мекунад	маводи омӯхташударо дар рафти иҷрои машқҳо истифода мекунад

Модули таълимии фаҳмондадиҳӣ-ороишотӣ ҳамчун роҳи ташаккули донишҳо, бешубҳа, бартариятҳо дорад: расондан ва аз худ намудани донишҳо дар сохтор, пайдарпай дар реҷаи иқтисодӣ ва суръат, якбора барои миқдори зиѐди хонадагон амалӣ карда мешавад. Дар ин муносибат камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ин фаъолияти хонадагон асосан аз ҳифз ва такрор кардани маълумоте, ки омӯзгор пешниҳод менамояд, иборат мебошад. Қобилияти ақлонӣ ва малакаи хонандагон, ба мисли муайян карда тавонистани масъалаҳо, савол додан, таҳлил ва муқоиса кардани далелҳо, ҷудо намудани ҷузъ аз кулл ва дигар малакаҳои зеҳнӣ, ки мувофиқи дидактикаи муосир ҳадафи муҳимтарини таълим дар баробари ташаккули донишҳо ва роҳнамоии арзишмандии хонандагон мебошанд, кам рушд мекунанд.

Ба ибораи дигар, таълим тафаккурро рушд намедиҳад. Бинобар ин, дар дидактика, махсусан дар асри XX, моделҳоеро ҷустуҷӯ мекарданд, ки ба омӯзиши тафаккури танқидӣ, самаранок (продуктивӣ, дар фарқият аз

репродуктивӣ), малакаҳои тафаккури эҷодӣ имконият фароҳам оварда тавонад. Модули таълими проблемавӣ дар педагогикаи Д. Дюи (1859–1952) ва олимони асри XX ба андозаи пурра таҳия гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ олимон модули таълими проблемавӣ ҳосил карданд. Дюи модули шифоҳӣ ва китобиро танқид мекард, ки: ―қобилияти кӯдак ба фаъолият ва худшиносиро сарфи назар карда, ба ӯ дониши тайёр медод". Вай модели таълимиеро пешниҳод намуд, ки омӯзгор фаъолияти кӯдаконро ташкил мекунад ва кӯдакон дар рафти он масъалаҳои пайдошударо ҳал карда, донишҳои заруриро оид ба гузоштани масъала, ёфтани ҳалли он, истифодаи донишҳои азхудкардаашонро ёд мегиранд. Таълим ба воситаи тайёр кардан таҳқиқи масъала Ҷ. Брунер (ИМА), дар Россия И.Я. Лернер, Т.В. Кудрявсев, А.М. Матюшкин, М.И. Маҳмутов ва дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати таълим аз тарафи олимони шинохта М. Лутфулозода «Дарс», У. Зубайдов «Таълими тафриқа», Ф. Шарифзода, «Таълими ҳамгиро», М. Нуъмонов «Методологияи таълими матиматика ҳамчун илм» ва дигарон андешаҳо пешниҳод гардида, мавриди омӯзиш қарор доданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таълимоти арзёбишуда низ таълими проблемавӣ ном доранд.

Таълими проблемавӣ – модули таълимест, ки аз тарафи омӯзгор фаъолияти ҷустуҷӯии нисбатан мустақилона ташкил карда мешавад ва хонандагон дар рафти он донишҳо ва малакаҳои навро аз худ менамоянд, инчунин фаъолмандии таҳқиқиро тараққӣ ва малакаҳои эҷодии худро такмил медиҳанд. Дар ин ҳолат, хусусиятҳои таълим дар муқоиса бо таълими иттилоотдиҳанда сахт тағйир меёбад, хонандагон ба таҳқиқоти хурд ва ё кори амалии эҷодӣ машғул мешаванд (масалан, аквариум месозанд, асбоб ихтироъ мекунанд ва ғайра).

Дар рафти ин кор ва таҳқиқ донишҳои нав: далелҳо, қонунмандиҳо, мафҳумҳо, усулҳо, назарияҳо, қоидаҳо, алгоритмҳо дарк мекунанд. Дар ин мавриди сохтори раванди дарс чунин мешавад:

– ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва гузориши масъала.

– пешниҳод намудани фарзияҳо, тасмимҳо оид ба роҳҳои эҳтимолии ҳалли масъала, асосноккунонии онҳо ва интихоби як ва è якчанди он.

– санҷишии фарзияҳои қабулшуда дар фанҳои табиӣ-математикӣ ва таҳлили мавод, манбаъҳо барои исбот кардани муқаррароти пешниҳодшуда ба илмҳои гуманитарӣ.

– ҷамъбасти натиҷаҳо, ворид намудани донишҳо ва малакаҳои нав ба системаи қаблан аз худ намудаи хонадагон, мустаҳкамкунӣ ва истифодаи онҳо дар назария ва амалия.

Фаъолияти омӯзгор ва хонандагон бо модули таълими проблемавӣ ба таври зерин мегузарад, ки дар ҷадвали 4 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 4. Фаъолияти омӯзгор ва хонандагон бо модули таълими проблемавӣ

Омӯзгор	**Хонанда**
Дар шакли савол масъалаи баҳснокро пешкаши хонандагон мекунад	Масъаларо дарк мекунад ва барои роҳҳои имконпазири ҳалли он ба кор сар мекунад
Мулоҳизаи хонандагонро сари вазифаи гузошташуда ташкил мекунад	Дар бораи роҳҳои имконпазири ҳалли ин масъала ибрози ақида мекунад
Исбот кардани дурустии роҳи пешниҳодкардаи ҳалли масъаларо талаб мекунад	Дуруст будани яке аз роҳҳои ҳалли масъаларо исбот мекунад
Агар фарзияи хонанда дуруст бошад, он гоҳ хулоса баровардарро дар бораи дурустии онҳо мепурсад	Дар бораи донишҳои нави ҳосил кардаи худ хулоса баровардаро, онро ҷамъбаст мекунад
Дар сурати ғалат будани фарзия, пешниҳод мекунад, ки ғалатро ёбад ва хулосаи дуруст барорад	Ба ҷустуҷӯи ҳалли дурусти масъала машғул мешавад
Натиҷаи ҳалли масъалаи хонандаро ҷамъбаст мекунад, дастоварди вайро қадрдонӣ мекунад	Роҳҳои бештар самараноки ҷамъбасти мавзуъро аз худ мекунад
Бо мақсади мустаҳкам кардани донишҳои нав масъалагузорӣ мекунад	Бо роҳи такрори хулосаҳои ҷамъбастӣ донишҳои ҳосилкардаро мустаҳкам мекунад

Идомаи ҷадвал

Дар бораи дар амал истифода бурдани донишҳо масъалагузорӣ мекунад	Доир ба истифодаи донишҳои ҳосилкарда дар амал масъала ва вазифаҳоро ҳал мекунад

Тавре аз ҷадвал маълум мешавад, фаъолияти хонанда бо модули таълими проблемавӣ дар чанд марҳила мегузарад:

- муайян ва мушаххас намудани масъала;

-таҳлили шароит ва дар натиҷа ҷудо кардани маълум аз номаълум;

- пешниҳод намудани фарзияҳо ва интихоби нақшаи роҳи ҳал;

- татбиқи нақшаи тасмим ва ҷустуҷӯи тарзҳои тафтиши дурустии амалиѐт ва натиҷаи тасмимҳои иҷрошуда.

Омӯзгор дар ҳар як марҳала вазифаи роҳбарӣ ба раванди таълим ва истифодаи айѐниятҳои таълими бевосита ва бавоситаи босифатро ташкил намуда, амалӣ шудани онро назорат ва иҷро менамояд.

Барои ҳалли ин масъала мо бояд шарту омилҳои асосии ҷараѐни дарсро дар доираи навгониҳо (инноватсионӣ)-и педагогӣ тавассути таълими модулӣ ба назар гирем. Барои асоснок кардани шароитҳои педагогие, ки ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд, дар адабиѐти илмӣ нуқтаҳои назари гуногун таҳқиқ гардид.

Таълими модулӣ ба андешаи Шумилин Е.А. маҷмуи тадбирҳоест, ки: ―Ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ нигаронида шудаанд‖ [157, с.132].

Ба андешаи В.И. Андреев, таълими модулӣ натиҷаи: «Интихоби мақсаднок, тарҳрезӣ ва татбиқи унсурҳои мундариҷа, усулҳо, инчунин шаклҳои ташкилии таълим барои ноил шудан ба ... ҳадафҳо мебошад» [14, с.176].

Албатта, таълими модулӣ дар рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон вобаста ба проблемагузории таълим метавонад, таъсиррасон бошад. Фаъолнокии маърифатии хонандагон бояд мақсаднок, осон, амиқ, моҳирона бошад. Инчунин, барои ташаккул додани фаъолнокии маърифатии хонандагон бояд онҳоро, пеш аз ҳама, бо системаи фаҳмиш ва донишҳои

муккамали зарурӣ мусаллаҳ намуд. Ин мусаллаҳнамоӣ бояд махсус бошад, бахотиргирии оддии донишу фаҳмишҳо кифоя нест, зеро фаъолнокии маърифатии хонандагон таносуби мақсадноки донишҳои мавҷударо бо донишҳои нав тақозо мекунад. Масалан, барои ҷустуҷӯи корношоямии ягон механизм аз тарафи муҳандис танҳо дониш дар бораи сохтори механизм басанда нест. Барои он, ки ҳамаи механизм ташхису ҷустуҷӯ карда нашавад, бояд механизми фаъолияти онро таҳлил намуд, муқоиса кард, тағйироти кучакро дар кори он баҳо дод ва ғайра.

Муносибати эҷодӣ ба масъалаи пешниҳодшуда бидуни иштироки фаъоли истифодаи донишҳои гузашта, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти бавуҷудомада, муқоисаи усулҳои гуногуни истифодаи он ғайриимкон аст. Аз ин ҷиҳат, ба хонандагон бояд ҳалли масъалаҳоеро пешниҳод кард, ки ба рушдѐбии қобилиятҳои ақлӣ ва маҳорату малакаи таҳлилӣ, таркибӣ, хулосабарорӣ, таснифӣ, баҳодиҳӣ ба вазъият мусоидат намояд.

Ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон равияи касбӣ ва махсусияти фанҳои аз тарафи хонандагон омӯхташаванда таъсир мерасонанд. Азхудкунии сифатҳои характерноки фаъолияти касбиро омӯзонида, роҳҳои ҳалли муносиби масъалаҳои ҳамкориро пешниҳод карда, набояд аз ташаккул додани сохтори умумии ақл дур шуд. Ба ин сохтор сифатҳои ақл, яъне васегӣ, амиқӣ, мустақилӣ, моҳирӣ, зудӣ ва танқидии ақл дохил мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки масоили рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар асарҳои В.И. Андреев, Л.С. Вигодский, Г.А. Китайгородская ва дигарон мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуда, дар асарҳои ин олимон аҳамияти муошират педагогӣ ва è муносибат дар раванди таълим муайян карда шудааст. Г.А. Китайгородская ин масоилро дар он мебинанд, ки: ―Муносибати дурусти педагогӣ ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагонро таъмин намуда, тарзи ҳамкории муштарак, роҳи интихоби мақсад ва роҳи расидан ба онро рушд медиҳад, ба ташаккули худбинӣ ва худдорӣ мусоидат мекунад” [87, с.54].

Ҳамчунин, вобаста ба ин масоил метавонем меъѐрҳои зеринро барои ташаккули рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар фаъолияти педагогии омӯзгорон пешниҳод кунем:



Расми 13. Меъёрҳо барои ташаккули рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар фаъолияти педагогии омӯзгорон

Ҳар яке аз меъѐрҳои пешниҳодшуда дар маҷмуи нишондиҳандаҳо ошкор карда мешаванд. Дар асоси меъѐрҳои интихобшуда сатҳи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон муайян карда мешаванд, ки ин дараҷаҳои паст, қаноатбахш, миѐна, баландро дар бар мегирад.

Шукина Т.И. барои ташаккули фаъолияти педагогии омӯзгорон дар доираи таълими модулӣ шартҳои зеринро ҷудо кардааст, ки: — ин

- иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки бо тағйироти миқѐси муошират ва афзоиши шиддати он алоқаманд аст;

- иттилоотикунонӣ, ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаѐти ҷамъиятӣ, тафриқаи иҷтимоии ҷомеа, қафо мондани дастовардҳои соҳаи фарҳанги маънавӣ аз дастовардҳои тамаддун;

- тезу тунд шудани муносибатҳои байни миллатҳо ва низоъҳои конфессионалӣ, мушкилоти гендерӣ, шиддат гирифтани воситаҳои ахбори

оммавӣ, воситаҳоиалоқаи байнишахсӣ, тезу тунд шудани тафовути байни давлатҳо ва гурӯҳҳои этникӣ аз ҷиҳати дараҷа ва шаклҳои тараққиѐти иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ;

- шарти педагогӣ ҷаҳонишавии маорифи ҷаҳонӣ, ҳамгироии байналмилалӣ, ки ташкили фазои ягонаи таълимии бисѐрфарҳангиро дар назар дорад, ки механизми пешбари фаъолияти он муошират байнифарҳангӣ мебошад; тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва аврупоии рушди таҳсилоти касбӣ;

- навсозии системаи маорифи миллӣ ва ҳамгироии он ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ;

- пурзӯр намудани тамоюли инсондӯстӣ, баланд бардоштани талабот ба дараҷаи маданияти умумӣ ва касбии иртиботии шахс ва ғайра;

- шарти технологӣ афзоиши технологияҳои муосири иттилоотӣ ва таълимӣ дар системаи таҳсилоти фосилавӣ ва алоқаи байнифарҳангӣ дар шабакаи интернетӣ;

- шарти иҷтимоӣ-демографӣ анъанаҳои ҳамзистии халқҳое, ки намояндагони аққалиятҳои миллӣ, гурӯҳҳои этникӣ, фарҳангӣ, мазҳабии гуногун;

- мураккаб шудани вазъи демографӣ ва афзоиши равандҳои муҳоҷират, вайрон кардани муҳити иҷтимоию фарҳангии тарбия, афзоиши беэътиноӣ, коҳиш ѐфтани вазифаҳои тарбиявии оила, фаъол шудани равандҳои эҳѐи фарҳангҳои миллӣ, афзоиши худшиносии миллӣ ва ғайра мебошад” [158, с.236-238].

Илова бар ин, дар ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон қонуниятҳои зерини таълими модулиро метавон ҷудо кард:

– қонунияти аввал, зарурати ташаккули фарҳанги муошират омӯзгор аз афзоиши талабот ба сифати омодасозии коммуникатсионӣ, навсозӣ ва ҳамгироии системаи таҳсилоти миллӣ ба фазои таҳсилоти аврупоӣ ва ҷаҳонӣ муайян карда мешавад, ки истифодаи максималии неруи захиравии стандартҳои таълимӣ ва неруи таълимии фазои фарҳангӣ ва коммуникатсионии муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ талаб мекунад;

– қонунияти дуюм, рушди ҳамаҷонибаи мутаносиби омӯзгор бо сатҳи ташаккули фарҳанги муошират ӯ ҳамчун ҷузъи ин варианти сохтории фарҳанги умумӣ ва педагогӣ дар маънои шахсият ва иҷтимоию касбии онҳо ва ба мақсад мувофиқ ташаккул ѐфтани он муайян карда мешавад. Фарҳанги муошират омӯзгори оянда ҳамчун интегратив хусусиятҳои системавии шахсият муваффақияти иҷтимоӣ, сифати таълим, фаъолияти касбӣ, такмили шахсият ва касбиро муайян мекунад;

– қонунияти сеюм, фарҳанги коммуникатсионии омӯзгор ҳамчун системаи ғайримувозинатие, ки бисѐртағйирпазирии рушди он бо бисѐр омилҳои берунӣ ва дохилӣ муайян карда мешавад, бояд ҳамчун системаи пӯшидаи кибернетикӣ барои нигоҳ доштани профили аксиологӣ, ченаки инсонпарваронаи рушд ва системаи кушодаи синергетикӣ, барои баланд бардоштани потенсиали аксиологӣ ва худидоракунии фарҳанги коммуникативии омӯзгорони оянда мусоидат намояд;

– қонунияти чорум, ташаккули фарҳанги муошират омӯзгорон аз рӯйи хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ, миллӣ-этникӣ ва гендерии шахсият муайян карда мешавад, дар тафовути арзишҳои омилу нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои зуҳуроти маданияти муошират, ки бо тафриқаи хонандагон ба "деҳотӣ ва шаҳрӣ" ва è ин ки "писарону духтарон" алоқаманданд;

– қонунияти панҷум, ташаккули мақсадноки фарҳанги муошират педагогӣ ҳамчун як падидаи мураккаби бисѐрвазифавӣ истифодаи тамоми маҷмуи (пешбаранда, асосӣ, ѐрирасон, иловагӣ, калидӣ) омилҳои «контекст»-ро дар бар мегирад, ки ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагонро таъмин менамояд. Хусусиятҳои модули пешбари фарҳанги коммуникативӣ (тамоюли гуманистӣ, потенсиали аксиологӣ, нияти акмеологӣ, худидоракунии шахсӣ-фаъолият ва худрушди эҷодӣ, мусаллаҳшавии технологии коммуника-тивӣ) ва муайян кардани тактикаи гурӯҳӣ ва индивидуалии ташаккул ва рушди худшиносии он;

− қонунияти шашум, дар шароити зарурати инсонпарварии ҷомеа самаранокии системаи таълиму тарбияро фарҳанги коммуникатсионии

таълим унсури асосии мағзи рушди худшиносии системаи маориф муайян мекунад, ки ҳамчун механизми асосии ҳифзу интиқоли маълумоти ирсӣ (идеалҳо ва анъанаҳо) аз насл ба насл ва ҷамъ овардани захираҳои навоварона, таъмини рушди эволютсионии система амал карда, нақши генетикаи педагогиро иҷро мекунад. Ба андешаи Иматова Л. ва Акрамова М. анъанаҳои мардумӣ барои ташаккули кӯдакон ва наврасон замина мегузорад, ки он муошират пурмазмун бо волидайн сарчашма мегирад [158, с.72].

Албатта, зимни ба инобат гирифтани қонуниятҳои дар боло зикр гардида, ки заминаи рушдёбии муошират омӯзгор ба шумор меравад, дар ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон ҳам таъсири хосса дорад.

Фаъолнокии маърифатӣ инчунин мустақиман бо худшиносӣ алоқаманд аст, ки дар раванди таълим рушд меёбад. Дар айни замон, технологияҳои рақамӣ имкониятҳои навро барои ташкили фаъолнокии маърифатӣ инъикосӣ мекушоянд. Рӯзномаҳои электронӣ бо қобилияти илова кардани маводҳои мултимедиявӣ (сабтҳои аудиоии порчаҳои дарс, аксҳои маводи корӣ), форумҳои онлайн барои муҳокимаи қайдҳои инъикосӣ ва барномаҳои махсус барои таҳлили таҷрибаи таълимӣ ҳамаи ин абзорҳо раванди таҳлили худро пурмазмунтар мегардонанд.

Рушди фарҳанги инъикоси касбӣ дар таълими омӯзгорон оқибатҳои дурдаст дорад. Омӯзгороне, ки одати инъикоси таҷрибаҳои худро рушд медиҳанд, ба хастагии касбӣ тобовартар, барои навоварӣ фаъолтар ва дар ҳалли мушкилоти педагогӣ самараноктар мешаванд.

Ҳамчунин, дар баробари рушд додани фаъолнокии маърифатии хонандагон бояд нутқ низ дар онҳо рушд дода шавад, зеро ҳама гуна равандҳои маърифатӣ ба воситаи нутқ амалӣ мешавад. Махсусан, рушд додани нутқи хонандагон вобаста ба фаъолнокии маърифатии хонанадагон хеле муҳим аст.

Ҳамин тариқ, фаъолнокии маърифатии хонанадагон яке аз вазифаҳои асосии таълими модулӣ бояд ба ҳисоб равад. Ташаккул додани маърифати хонандагон маънои онро дорад, ки дар асоси донишҳои муайян, далелҳои

илмӣ бо ѐрии шаклҳои махсуси азхудкунӣ ва истифодаи онҳо, ки фаъолнокии хонандагонро таъмин менамояд, амалҳо, намудҳо ва шаклҳои тафаккур, инчунин сифатҳои ақлнокӣ дар таносуб бо масъалаҳо ва шартҳои фаъолияти таълимӣ бояд такмил дода шаванд.

Хулосаи боби дуюм

Доир ба масоили шакл ва воситаҳои омӯзиши мазмуни маълумот ҳамчун заминаи ташакули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар боби дуюми диссертатсия мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуда, дар ҳамин асно, кори таҳқиқотӣ бо ҳамроҳии омӯзгорон ва методистон сурат гирифт, ки дар мазмуни дарс диққати асосиро бо чунин ҷузъиѐт: ислоҳот, донистани қавоид, маҳорати истифодаи онҳо, ташаккул додани маҳорати хонанда ва фаъолнокии маърифатӣ мутамарказ намуда, дар натиҷа мо ҷузъиѐти мазмунро ошкор сохтем, ки аз ҷиҳати хусусияти ҳазмкунӣ ва махсусияти дарс ба ҳам наздик аст.

Ҳамин тавр, ин амали ҳаммонанд, азхудкунии истилоҳоти забон дар доираи барнома, донистани қоидаҳо, маҳорати истифода бурдан, ташаккули маҳорати хонандагон ва хусусан, фаъолнокии маърифати онҳоро дархост мекунад. Ҳаммонандии шароити педагогӣ, маҳорату малака аз ҷиҳати мураккабии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ҷудо сохтани айният, умуман ҷузъиѐти ҳаммонанд дар мундариҷаи дарсҳои гуногун имкон медиҳад, ки як дарсро ба дарси дигар дар синфҳои гуногун муқоиса карда, сатҳи азхудкунии дониш ва маҳорату малакаи хонандагонро дар доираи фаъолнокии маърифат муайян намояд.

Инчунин, дар боби мазкур хулоса карда шуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ ташкил ва таъмини шароитҳои таълими модулӣ ҳамчун далели технологияи таълими муосир дар муассисаҳои миѐнаи таҳсилоти умумӣ ва алоқамандии онҳо бо кишварҳои тараққинамуда мавзуи асосӣ ба шумор меравад.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки заминаи меъѐрӣ-ҳуқуқӣ барои ҷорисозии фаъолонаи шароитҳои ташкил ва таъмини таълими модулӣ ҳамчун далели технологияи педагогии муосир дар рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ арзѐбӣ карда мешавад.

Зиѐда аз ин, ҷорисозӣ ва тавсеаи технологияҳои педагогии муосир ҳамчун омили рушди низоми таълим ба инобат гирифта шудааст, ки он самти бартариятноки сиѐсати давлат ва низоми маориф ба шумор меравад.

Ташхиси ҳолати муосири ҷорисозии ташкил ва таъмини шароитҳои таълими модулӣ ҳамчун заминаи ташакули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии ҷумҳурӣ муайян сохт, ки айни ҳол, раванди ҷорисозии таълими модулӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар ҳоли рушдѐбист.

Мушаххассозии шаклҳои ташкили таълим гузариш ба шакли таълими модулӣ, фосилавӣ ва дигар шаклҳои таълимро бо далели технологияи педагогии муосир дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ тақозо мекунад. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилотӣ замина ба вуҷуд меорад, балки дар назди низоми таҳсилоти миѐнаи умумӣ вазифаи омода сохтани хатмкунандагони ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнатро ба миѐн мегузорад. Ин омил ҷанбаи аз ҳама муҳимтарини ҳалли масъала ба шумор меравад, чунки дар шароити ҳозира бозори меҳнат мутахассисро на фақат аз рӯйи мавҷудияти расмии ҳуҷҷатҳои мувофиқаткунанда (сертификат, диплом, шаҳодатномаи баланд-бардории дараҷаи тахассусӣ ва ғайра), балки аз рӯйи таҷрибаи воқеӣ, имконот, истеъдоди ғанӣ ва мукаммалшудаи касбӣ, инчунин бо салоҳияти ташаккулѐфта баҳогузорӣ менамояд.

Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ синфҳои озмоишӣ нишон доданд, ки вазъи ҷараѐни таълим барои ҷонноку устувор намудани шавқу рағбати хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ба талаботи замон мусоидат мекунад. Шароит дар синфхонаҳо хуб буда, аксари омӯзгорон соҳибтаҷриба ҳастанд. Дар ҷараѐни дарс ба фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ таваҷҷуҳи

хосса зоҳир мекарданд. Аммо бо вуҷуди он, омилҳои сунъӣ ба назар мерасанд, ки барои рафъи он омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳангоми гузаронидани таҷриба маълум гардид, ки асосҳои назариявӣ ва амалӣ усули ҷалби хонандагон тавассути истифодаи технологияи муосир беҳтар аст. Дар асл, мушкилоти маъмули дарс фаъол намудани диққати хонандагон ҳангоми фаҳмонидани маводи нав мебошад. Омӯзгор масъулияти бузургеро ба дӯш гирифта, кӯшиш мекунад, ки дар замири хонандагон баъзе қобилиятҳоро рушду сайқал намояд.

Аз 15 дарси фанни адабиёти тоҷик дар синфи ёздаҳуми МТМУ нишон дод, ки хонандагон ба таври кофӣ фанни мазкурро аз худ накарда, ҳангоми навиштан ба хатоии имлоӣ роҳ медиҳанд.

Махсусан, таҳқиқоти дидактикӣ ва мушоҳидоти дарсҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ №№33,34,17 - шаҳри Душанбе ва МТМУ №67 ба номи Ҳомид Маҷидови ноҳияи Рӯдакӣ нишон дод, ки меъёри кори омӯзгору хонанда барои ташаккули маърифат ҳатмист, маҳорату малака нисбати фанҳо ба дараҷае паст аст. Яке аз сабабҳои ин зуҳурот дар раванди таълим истифода набурдани шаклу усули гуногуни дарс, ташаккули дониш дар асоси дарс, маҳорат ва малака аст. Дар назди омӯзгор чунин масъалаи мураккаб ба миён меояд: дарёфтани роҳе, ки имкон медиҳад дар дарс вақтро барои азхуд кардани маводи назарӣ, мустаҳкамкунии дарс, машқ, истифодаи он дар ташаккули маҳорат ва малака тақсим намояд.

Таҷрибаҳои дар синфҳои озмоишӣ дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот мувофиқи меъёрҳои таҳиякардаи мо гузаронидашуда динамикаи мусбатро дар рушди салоҳияти маърифатӣ дар хонандагон нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои озмоиш нишон медиҳанд, ки рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон ба рушди чунин равандҳо оварда мерасонад:

- ҷузъи маърифатӣ, аз ҷумла дониш, яъне дараҷаи умумӣ ва мукаммалии дониш;

- ҷузъи амалиѐтӣ-технологӣ, аз ҷумла малакаҳо - дараҷаи тамаркуз, азхудкунӣ ва қобилияти интиқоли амалҳои иҷрошуда;

- ҷузъи арзишӣ-семантикӣ, ки аз ҷониби системаи ангезаҳои шахсӣ, манфиатҳо, арзишҳо ва муносибатҳои семантикӣ, ки ба фаъолияти маърифатӣ нигаронида шудаанд, муайян карда мешаванд.

Дар натиҷаи таҷрибаи истифодаи амалии усулҳои ҳавасмандгардонии маърифатии дар боло тавсифшуда нишон медиҳад, чунин роҳҳоро барои беҳтар фаъол намудани маърифати хонандагон ба назар бояд гирифт

1) шавқи хонандагонро ба омӯзиши фаннҳои таълимӣ ҷоннок бояд кунанд;

2) фаъолияти маърифатии хонандагонро дар синф ва берун аз дарс беҳтар кунанд;

3) сифати дониши онҳоро дар раванди дарс зери назорат гиранд.

БОБИ III. ТАҲҚИҚОТИ ОЗМОИШИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

3.1. Шароитҳои педагогӣ ва тадбирҳои муассири рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон

Аз масъалаҳои муҳимми маорифи кишвар ин фаъолнокии хонандагони хатмкунанда барои ҳаѐти минбаъдаи мустақил аст. Хатмкунандагони МТМУ бидуни омодагӣ ба зиндагии нав қадамҳои мустақил гузошта наметавонанд. Ин аст, ки мактаб дар тарбияи шаҳрванди комилҳуқуқи оянда саҳми худро мегузорад. Аз ин лиҳоз, масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар шароити муосир аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Фаъолнокии маърифатӣ хусусияти сифатӣ ва динамикии субъекти фаъолияти педагогӣ мебошад, ки ба дарки олами атроф, таҷрибаи одамони дигар ва худ нигаронида шуда, маҷмуи салоҳиятҳои асосиро дар бар мегирад.

Бинобар ин, фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун хусусияти динамикии шахсият, ки дар натиҷаи раванди муташаккили маърифат ба даст меояд, мустаҳкам мешавад ва рушд меѐбад, ташаккули мураккаби сохторӣ буда, ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: ҳавасмандӣ, динамикӣ, таъсирбахшӣ ва рефлексионӣ. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи омили таҳқиқшаванда мо ба хулосае омадем, ки он андозае, ки ҷузъҳои сохтории фаъолнокии маърифатии хонандагонро тавсиф мекунанд, метавонанд ҳамчун хосиятҳои асосии шахсӣ хизмат кунанд, саъйю кӯшишҳои иттилоотию маърифатӣ ва танзимӣ-рефлексивии субъекти фаъолияти таълимиро таъмин менамоянд. Ҷузъи танзимкунанда, ки бештар бо устуворӣ ва таъмини омодагӣ барои амалҳои маърифатӣ тавсиф мешавад, мавзуи мақсад барои рафъи монеаҳо дониста шудааст.

Рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар сурати мавҷуд будани шароити муайяни педагогӣ, ки ба онҳо таъминоти иттилоотии босифати

раванди таълим, ташкили робитаи муколамаи байни омӯзгорон, хонандагон ва роҳбариятро дар бар мегирад, бомуваффақият хоҳад буд.

Барои ҳамин, дар вақти таҳияи нақшаи дарс омӯзгорро зарур меояд, ки ба хотири баланд бардоштани завқи хонанда ва ҳисси онҳо вобаста ба мавзуъ аз маълумотҳои иловагӣ истифода намояд ва бо ҳамин дар зеҳни хонанда ҳисси наверо вобаста ба мавзуъ бедор намояд.

Мақсади асосии мо рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон-хатмкунанда ба ҳаѐти нави иҷтимоӣ ва таъмини рушди умумии як инсони маънавӣ дар заминаи риоя намудани меъѐрҳои иҷтимоӣ мебошад. Омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ барои ноил гардидан ба мақсади худ аз усулҳои мухталиф истифода менамоянд. Дар ин самт бештари омӯзгорон ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд. Баъзан, хонандагон мавзуъро дуруст дарк кардан намехоҳанд ва ѐ дар атрофи чизе баҳс карданро хоҳиш надоранд. Чунки дар умқи андешаҳои онҳо бештар ниѐзҳои моддӣ давр мезанад ва ин ҳам афзалияти хонандагон ба шумор меравад. Зеро ҳамчун як шахсият барои расидан ба мақсад иқдоми нахустро аз заминаи моддӣ эҳсос менамояд. Аммо гурӯҳе аз онҳо ҳалли мушкилоти моддии худро дар оянда ба дӯши волидайн месупорад.

Мусаллам аст, ки таҳсилот як ҷараѐни эҷодӣ ва мақсадноки мутақобилаи омӯзгорон ва хонандагон барои фароҳам овардани як муҳити рушдкунанда дониста мешавад. Тарбия пеш аз ҳама аз шахсияти омӯзгор вобастагӣ дорад, чунки омӯзгор дар муассисаи таълимӣ ҳамеша намунаи ибрат дониста мешавад.

Дар марҳалаи ҳозираи ҷаҳон марҳилаи рушди илмию техникии рушди босуръати технологияи инноватсиониро аз сар гузаронида, ба тамоми соҳаҳои ҳаѐт чӣ дар соҳаи истеҳсолот ва чӣ дар идоракунӣ донишҳои иттилоотиро тақозо дорад.

Асри XXI асри созандагӣ, замонавӣ, дурнамоест, ки дар он нақши пешбаранда ба соҳаи маориф тааллуқ дорад.

Дар марҳалаи кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ барои наҷоти худ дар баробари мушкилоти ҷаҳонӣ роҳҳои нави рушди ҳамаҷонибаи шахсро ҷустуҷӯ мекунад. Ҷустуҷӯи ин роҳҳо аз воситаҳои таҳаввулоти тамаддуни ҷаҳонӣ ва ба назар гирифтани тамоюлҳои асосии рушди ҷомеаҳои мураккаби муосир иборат аст.

Ҳалли ин роҳҳо тавассути дониш, таълим ва заминаҳои таърихии ташаккули онҳо имконпазир аст. Мусаллам аст, ки солҳо боз педагогика ҳамчун як фанни муҳим ба омӯзиши масъалаҳои таълиму тарбия машғул буд. Аммо дар марҳалаи ҳозира педагогика тамоми комплекси фазои тарбияро фаро гирифта наметавонад.

Имкони гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотиро фароҳам меорад, ки ҳамаи ин боиси дарки зарурати ба вуҷуд овардани донишҳои муҳими иҷтимоӣ ва омӯзиши фаъолнокии маърифатии кӯдакро ба миён меорад.

Сохтори маориф баъд аз даврони шуравӣ дар кишвари мо низ ҷараёни нав тавъам бо ҳаёти созандаи мустақили Тоҷикистон ва бо дар назардошти пос доштани масъалаҳои муҳими ҳувийяти миллӣ ба миён овард.

Муҳимтарин вазифаи тарбия ин интиқоли таҷрибаи андухтаи инсоният ва баланд бардоштани фаъолнокии маърифатӣ ба насли нав мебошад, ки тавассути таълим амалӣ мегардад. Таълиму тарбия раванди мустақиман интиқол ва азхудкунии таҷрибаи наслҳо дар ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад:

- таълимӣ, ки дар он табдилдиҳии (интиқоли) системаҳои дониш, малака, таҷриба, фаъолият анҷом дода мешавад;

- дар раванди таълиму тарбия ташаккули шахсият сурат мегирад.

Ҳар як раванди ташаккули фаъолнокии хонанда ба ҳалли вазифаҳои муайяне нигаронида шудааст, ки рисолати худро иҷро мекунанд. Рисолати маориф ба ҳалли (амалӣ кардани) чунин мушкилиҳо нигаронида шудааст:

- раванди тараққиёти ҷамъият дар тамоми самтҳои он;
- ташаккули модели универсалии рафтор ва насби арзишҳои умумибашарӣ;

- барои интихоби касби оянда ба хонандагон кӯмак кардан;

- ба роҳ мондани фаъолияти дурусти инноватсионӣ дар таълими хонандагон, ки ба ҷорӣ намудани навовариҳои гуногуни омӯзгорӣ, технологияҳои инноватсионӣ (технологияҳои интерактивии таълим, технологияи тарҳрезии таълим ва технологияҳои компютерӣ) нигаронида шудаанд.

Тарбия ҳамчун мафҳуми мураккаби фалсафа ва педагогика муайян карда мешавад. Ба маънои васеи ин мафҳум раванд ва натиҷаи ташаккули шахсият аст, дар ҳоле ки тарбияро ду тарз фаҳмидан мумкин аст:

- танҳо ҳамчун раванд ва натиҷаи таъсири мақсаднок ба шахсият ва талошҳои бошууронаи худи шахс (худтарбия);

- ба ғайр аз саъйю кӯшишҳои мақсаднок, ташаккулѐбанда, ҷараѐн ва натиҷаи он (ба истилоҳ «таълими стихиявӣ», табиатан ба вуҷудомада) дохил карда шавад ва он чӣ рӯй медиҳад.

Омӯзгор дар муассисаи таълимӣ ташкилотчии асосии вазъиятҳое мебошад, ки хислатҳои мусбати бачаҳоро дар натиҷаи мушоҳида меомӯзад. Барои омӯзгор муҳим аст, ки дар шахсияти хонандагон чунин хислатро тарбия намояд:

- тарбияи муносибати инсонпарварона ба муҳит ва арзишҳои миллӣ;

- рушди худшиносӣ, малакаҳои мутобиқшавӣ ба ҳаѐти муосир ва худбаҳодиҳӣ ба рафтору кирдор;

- таваҷҷуҳ ба тандурӯстӣ ва машғул шудан ба варзиш.

Замони муосир талаботи навро барои ноил гардидан ба натиҷаҳои баланд тақозо менамояд. Дар вақти гузаронидани тачрибаҳо ихтилофҳои зерин муайян гардид, ки аз паст будани шароитҳои педагогӣ, фаъолнокии маърифатӣ таъмин намегардад. Масалан:

- набудани шавқи хонандагон ҳангоми омӯзиши дарс аз фанни адабиѐт;
- комил набудани матнҳои асарҳои бадеӣ дар китоби дарсӣ;
- ниѐзи хонандагон ба китобҳои бадеӣ;
- ҳангоми таҳлили матнҳои бадеӣ андешаи мустақил надоштани хонандагон;

- таваҷҷуҳи ками омӯзгорон ба дарсҳои хониши берун аз синфӣ.

Дарси дигари таҷрибавӣ дар МТМУ №33-и шаҳри Душанбе дар синфи ѐздаҳум гузаронида шуд. Қарор додем, ки тариқи ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ аз хонандагони синфи 11 дар мавриди мавзуи дарс ―Ҳаѐт ва фаъолияти Мирзо Турсунзода" буд, озмоиш гузаронем. Зимни санҷиш аксари хонандагон фаъол буданд. Барои онҳо шеърҳои ба Ватан бахшидаи шоир ва силсила-шеърҳои ―Қиссаи Ҳиндустон писанд буд. Хонанда Камолова Меҳрона бо як шавқи хосса шеъри зеринро хонд:

Кӯдаке мегашт бо қутии хурд
Дар хиѐбони лаби баҳри кабуд.
Метавонистӣ дар чашмони ӯ
Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.
Медавид аз ҳар тараф ба ҷустуҷӯ,
Сӯйи ҳар як раҳгузар оварда рӯй....

Пас аз ин омӯзгор аз хонандагон муҳтавои шеърро пурсид, ки аксари онҳо бинобар дастрасӣ бо интернет чандин андешаҳо пешниҳод намуданд: Ашӯрова Фарида: - Ҳиндустон кишвари сераҳолист ва мардуми он аксаран қашоқона зиндагӣ мекунанд;

Хайруллозода Умар: - Бинобар вазъи танг гурӯҳе хона надошта, дар кӯчаҳо хоб мераванд;

Кабутова Роҳила: - Кӯдаконашон ҳозир ҳам барои рӯзгор кор мекунанд.

Омӯзгор дар заминаи андешаҳои хонандагон зикр намуд, ки Мирзо Турсунзода, ҳангоми сафар мушоҳидаҳои худро дар риштаи назм кашида, онро бо ҳаѐти мардуми шуравӣ муқоиса намудааст.

Сипас, хонандаи ҳамин синф Нуриддинова Шукрона ин шеърро хонд:

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ман ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Ин шеър, ки хусусияти сафарнома дорад, таваҷҷуҳи хонандагонро ба худ ҷалб намуд.

Пас аз қироат бо маҳбубияти хосса аксаран дар бораи мавзуи ватандӯстӣ ва èди диèру макон доштани онро шарҳ доданд.

Омӯхтани ашъори Мирзо Турсунзода, ки сар то сар саршори илҳоми зиндагист ва ба ҳаèтдӯстӣ даъват мекунад, барои муҳайè намудани шароити мусоиди педагогии рушд ва ташаккул додани фаъолнокии маърифатии хатм-кунандагон хеле мувофиқ аст. Таҷрибаи солҳои тӯлонӣ ба муҳаққиқ имконият дод, ки аз озмоишҳои гузаронида, натиҷагирӣ намуда, хулосаҳои зарурӣ барорад ва тавассути таълифи ин рисола ба омӯзгорони фанни адабиèт тавсияҳои методӣ пешниҳод намояд.

Таҷрибаи дар синфи XI гузаронида нишон дод, ки дар муқоиса омӯхтани масъалаҳои мураккаб мунтазам машқ кунонидани малакаҳои мушоҳидакорӣ ва тадриҷан аз содда ба мураккаб гузаштанро тақозо мекунад.

Ҷадвали 5. Посухи хонандагон оид ба ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Турсунзода

Хонанда	**Шумо кадом адиб ва усулҳои эҷоди матнро омӯхтед?**	**Кадом лаҳзаи матн дар хотир монд?**	**Ягон лаҳзаи матни бадеӣ ба ҳаèт монандӣ дорад?**
Кабутова Роҳила	Мо аз ҳаèту фаъолияти Мирзо Турсунзода якчанд усулҳои фаъолро омӯхтем	Лаҳзае, ки аз ҳаèти Мирзо Турсунзода тариқи тахтаи электронӣ дидем	Бале, ҳамаи онҳо воқеӣ ҳастанд
Нуриддинова Шукрона	Мо аз ҳаèти М. Турсунзода огоҳ гардидем	Тамошои зиндагии адиб	Ҳамаи матн
Абдулваду-дов Ёқубҷон	Аз адиби бузург М. Турсунзода осори ―Байрақи зафар”- ро омӯхтем	Ҳамон лаҳзаи матн дар хотир аст, ки дар куллиèти адиб ба табъ расида буд	Ягон лаҳзаи матни бадеӣ ба ҳаèт монандӣ надорад
Норова Самира	Дар ин дарс мо дар бораи тарзи ҳаèт ва фаъолияти адиб маълумот пайдо кардем	Ҳангоми тамошои навор зиндагино-маи адиб хотир-мон буд	Бештаре аз матн-ҳои бадеӣ ба ҳаèт рост меоянд
Солеҳзода Хатича	Зимни иштирок дар дарс мо аз ҳаèти адиб воқиф гардидем	Достони ―Ҷони ширин” дар хотир монд	Достони ―Нисари Ватан” бештар реалӣ буд
Камолова	Ҳаèту фаъолият ва	Бештар достонҳои адиб	Ҳамаи матни бадеӣ

Идомаи ҷадвал

Маҳина	усулҳои фаъоли адибро омӯхтем	хотирмон буданд	воқеият доштанд
Маъруфова Бунафша	Мо аз осори адиб бохабар гаштем	Лаҳзаҳое, ки ба ҳаѐти адиб дахл доштанд	Қариб ҳамаи матн

Яъне аз 19 нафар хонандагон аксарашон зимни посух додан ба суолҳои матраҳшуда андешаи такрориро изҳор кардаанд. Масалан, онҳо зимни иштирок дар дарс аз осори адиби машҳур Мирзо Турсунзода таъсир пазируфта, хушҳоланд, ки муҳтавои достонҳои ӯ воқиф гардидаанд. Ба истиснои 1-2 нафар, қариб ҳамаи хонандагон осори адибро мутобиқ ба воқеият мебинанд. Гузашта аз ин, қариб ҳама иқроранд, ки навори тамошокардаашон хотирмон будааст.

Фанни назарияи адабиѐт барои дарѐфти қонунҳои дохилии рушди асари бадеӣ, услуб, мавзуъ, сохт ва дигар масъалаҳо замина мегузорад.

Маводи тибқи барномаи таълимӣ аз назарияи адабиѐт, ки дар МТМУ таълим дода, аз лиҳози баррасии мавзуъ ба се гурӯҳ ҷудо намудан муҳим аст:

1. Жанр ѐ ҷинсу навъҳои адабӣ.
2. Воситаҳои бадеӣ.
3. Воситаҳои тасвири бадеии сухан (санъатҳои бадеӣ).

Ҳангоми омӯзиши фанни адабиѐт муосир дар синфи нуҳум ба масоили назариявии адабиѐт тавъам ба мавзуъҳои дар барнома омада, таълим дода мешавад. Дар ин ҳолат омӯзгор бо хонандагоне сару кор мегирад, ки онҳо анқариб аз кулли масоили ин фан бохабар мебошанд. Дар вақти таълим дар синфи нуҳум аз назария асосан доир ба хусусиятҳои асосии жанрҳои адабӣ маълумоти кофӣ доранд. Хонандагон дар синфҳои IX ва дар синфи X бобати санъатҳои бадеӣ ва навъҳои адабии классикӣ андешаҳои мустақил доранд ва ҷиҳати дарки навъҳои нави адабии муосир чун повесту роман, ѐддошту драма, очерку баллада сахткӯш мебошанд. Аз ин хотир, ба андешаи Шейхов М. омӯзгорро зарур аст, ки бобати пайдоиши дилхоҳ жанри адабӣ маълумот дастрас намуда, ба хонандагон дар вақти дарсҳо пешкаш кунад: —Омӯзгор дар

рафти баѐни мавзуъ бештар ба асарҳои аз тарафи хонандагони мутолиашуда дахолат карда, мисолҳои зиндаю мушаххас меорад. Методи маъмултар дар омӯхтани назарияи адабиѐт, алалхусус, навъҳои нави адабӣ суҳбат аст" [155].

Роҳи аслии ба ѐди хонанда овардани лаҳзаҳои муносиб аз асарҳои хондаашон хотираи онҳоро фаъол намуда, онҳоро ба суҳбат ва муҳокимаронӣ, мубоҳиса ва хулосабарорӣ тайѐр мекунем.

Дар зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ вазифаи таълими адабиѐт танҳо аз он иборат нест, ки омӯзгор ба хонандагон дар бораи тарҷумаи ҳол ва мундариҷаи асарҳои нависандагон маълумот диҳад. Вазифаи таълими ин фан аз он иборат аст, ки ҳаѐти нависандагони алоҳида, идеал ва раҳнамои асосии он дар ҳаѐти ҳаррӯзаашон гарданд. Дар китоби ―Методикаи таълими адабиѐти тоҷик‖ муаллифон Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш.Исломов роҳҳои асосии истифодаи маводи таълимиро дар эҷодиѐти нависанда, монографияҳо, тазкираҳо, асарҳои бадеӣ, намоиши филмҳои мустанад ва бадеӣ дониста, марҳалаи аввали тарҷумаи ҳоли нависандаро дар ―интихоби маводи таълим мебошад" донистаанд [112,с.192]. А.Ваҳҳобов ва М.Қозиҷонов ҳангоми баррасии тарзи дарси шарҳи ҳоли адиб барои синфҳои IV-VII унсурҳои муҳокимаро асос дониста, онро бо ҳалли онро бо ду роҳ медонанд:

―1. Аз тарафи муаллим ҷоннок ва таъсирбахшАз тарафи муаллим ҷоннок ва таъсирбахш нақл кардани тарҷумаи ҳол.

2. Хондани очерк ва хотирот оид ба ҳаѐти нависанда ѐ ки тарҷумаи ҳоли илмӣ (хондани ѐддоштҳои нависанда, порчаҳо аз хотироти муосирони ӯ, намоиши асарҳои тарҷумаиҳолӣ ва ғайра)‖ [35, с.55].

Воқеан, барои фаъолияти хуби кори омӯзгор омӯзгор ва хонандагон дар дарсҳои адабиѐт ҳатман боиси тараққии маънавӣ-эстетикии хонандагон, аз тарафи онҳо хубтар аз худ намудани асоси адабиѐт ва рушди маданияти нутқи онҳо мегардад. Аз ин рӯ, яке аз воситаҳои муҳими фаъол кардани кори хонандагон ва шавқманд намудани онҳо ба адабиѐт устокорона, бо

дараҷаи баланди бадеӣ баҳо додан ба нақшҳои асосӣ мебошад. Маҳз қаҳрамонони марказӣ ва нақши онҳо ба хонанда, ба идроки онҳо таассурот мегузоранд, маҳз аз гурӯҳи зиѐд ва аз ҷиҳати хислату табиати руҳии нақшҳои адабиѐти бадеӣ онҳо идеали худро меѐбанд. Дар ин маврид, К. Д. Ушинский зикр менамояд: ―Танҳошахсият метавонад ба пешрафт ва муайян шудани шахсият таъсир расонад, танҳо бо характер характерро ташаккул додан мумкин аст" [150, с.234].

Таҳлили образ дар адабиѐти бадеӣ кори саҳл нест ва бе донистани асосҳои назариявии адабиѐт ҳалли он басо мушкил аст.

Омӯзгор бояд дар хонандагон мунтазам ҳассоснокиро тарбия намояд, зеро ки дар мушоҳида намудани хислатҳои хосси ҳолати руҳӣ ва умуман рафтори нақшҳо шарти нахустин аст.

Қобилият, ба қавли Шейхов М.: ―..ба нависандагон имконият медиҳад, ки барои тасвири чизи дидаашон сухани мувофиқ ҷустуҷӯ кунанд. Дуруст дида тавонистанро ба хонандагон ѐд додан шарти зарур ва вазифаи муқаддаси омӯзгори фанни адабиѐт мебошад" [154]. Бештари хонандагони мо адабиѐти бадеиро мутолиа намекунанд, кисабаби камфаъолнокии маърифатӣ мебошад.

Ташкили хониши берун аз синф аз муайян намудани сатҳи шавқу ҳаваси хонандагон ба китобхонӣ ва дараҷаи фаъолнокии онҳо оғоз меѐбад. Усули самарабахши муайян намудани сатҳи шавқу ҳаваси хонандагон ба китобхонӣ ин тавассути варақаҳои саволнома (анкета) гирифтани ҷавобҳо мебошад. Тавассути ин саволномаҳо аниқ намудем, ки киҳо чӣ хондаанд, кадом мавзуъ ба онҳо бештар маъқул аст, кадом жанри адабӣ бештар диққати онҳоро ҷалб менамояд, аз китобҳои хондаашон чӣ хел таассурот боқӣ мондааст, боз кадом китобҳоро хонданианд, дар интихоби адабиѐти бадеӣ кӣ ба онҳо маслиҳат медиҳад, аз куҷо китоб дарѐфт мекунанд ва дар як ҳафта чанд соат вақт барои хониши фориғ аз дарс сарф мекунанд (Расми 14).

Мутобиқ ба тадқиқоти гузаронида, ҳамагӣ 20% хатмкунандаҳо ба хондани китобҳои бадеӣ машғуланд. Аз шумораи умумӣ 16% хонандагон

номунтазам ва 63% хонанда умуман ба хониши адабиѐти бадеӣ шавқу ҳавас надоранд.



Расми 14. Нишондоди китобхонии хонандагони хатмкунанда

Шавқу ҳавас ва майли хонандагонро ба инобат гирифта, омӯзгорони синфҳои озмоишӣ дар китобхонаи мактаб адабиѐти зарурирo интихоб менамоянд, рӯйхати умумии адабиѐти ҳатмӣ ва иловагии барои хониши фориғ аз дарс тавсияшавандаро тартиб медиҳанд ва як нусхаро дар китобхона, нусхаи дуюмро дар китобҳои синфӣ ҷойгир менамоянд.

Беҳтарин кор дар ин самт назорати хониши берун аз синфӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгорон тавсия дода шудааст, ки дафтари ба қайдгирии хониши берун аз синф ҷорӣ карда шавад ва хонандагон рӯзномаи инфиродии хониши берун аз синфро дошта бошанд.

Дар дафтари бақайдгирии хониши берун аз синф ному насаби муаллиф, номи асарҳои онҳо, ному насаби хонанда, тавзеҳот оид ба таърихи хонда шудани китоб ишора карда мешавад.

Бақайдгирӣ ва назорат имконият медиҳад, ки фаъолнокии хонандагон рушд ѐфта, сифати хониши онҳо беҳтар шавад ва фаъолияти фикрию эҷодии онҳо ҳангоми омӯхтани мундариҷаи ғоявию хусусияти бадеии адабиѐти

иловагӣ такмил дода шавад. Хонандагон чӣ тавр батадриҷ ба матни мутолиа намудаашон баҳои танқидӣ доданро èд мегиранд?

Нишондиҳандаи ин озмоиш маълум сохт, ки дар гурӯҳҳои санҷишӣ хонандагон асарҳои бадеӣ бештар мутолиа мекардаанд. Осори мутолиашуда асосан аз ҷониби хонандагон баҳои мусбат гирифта, аз китобҳои хондаашон аксаран хулосаи амиқ бароварда метавонанд. Дар гурӯҳҳои назоратӣ шумораи хонандагон ниҳоят зиèд набуда, аксаран роҷеъ ба асари бадеии хондаи худ хулосаи дуруст бароварда натавонистаанд.



Расми 15. Нишондиҳандаҳои озмоиш оид ба хониши беруназсинфии хонандагон

Озмоиш нишон дод, ки сатҳи китобхонӣ дар МТМУ паст будааст ва таҳлилу натиҷаи он дар расми 15 оварда шудааст. Ин ҳолат боиси паст рафтани дараҷаи маърифатнокии насли имрӯза мегардад. Ба ин хотир шароит муҳайè сохтан зарур аст, ки шавқу рағбати ҷавонон ба китобхонӣ зиèд шавад, мутолиаи китоб эҳтиèҷи зиндагӣ гардад.

3.2. Таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишии шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон

Масоили баланд бардоштани самаранокии таълим, рушди шавқу рағбат ва ташаккули шахсияти фаъол дар мадди аввали мақсади раванди дарс бояд қарор бигирад. Бинобар ин, мафҳуми фаъолӣ дар ҷараèни дарс чун принсипи

мустақил арзи вуҷуд дорад, қабл аз баррасии моҳияти ин принсип бояд таваққуф намуд, ки мафҳуми фаъолӣ чиро дар бар мегирад.

Мафҳуми фаъолнокии маърифатӣ ва è фаъол гардонидании таълим таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиèдеро ба худ ҷал кардааст.

Истифодаи ақидаҳои овардашуда дар принсипи ягонагии диалектикӣ имконият фароҳам овард, ки нуқтаи назари ягонаро ҳосил намоем, то ин ки мафҳуми «фаъолнокии маърифатӣ» ҳамчун ҳадафи фаъолият, воситаи ноил гаштан ва натиҷаи фаъолият мақбул дониста шавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳадаф аз таълим дар мактаб фақат аз худ намудани дониш дар назар нест ва дар ин маврид Шейхов М. чунин меорад: —Сифатҳои беҳтарини шахсият ташаккул меèбанд. Яке аз чунин сифатҳо фаъолнокии маърифатӣ мебошад. Ин сифати шахсият дар ҷараèни фаъолияти маърифатӣ, ки ба фаъолнокии мақсадноки фард марбут аст, ҳосил мешавад. Фаъолӣ дар ин ҳолат ҳамчун восита ва шароити ба ҳадаф расидан эътироф мешавад. Фаъолнокии маърифатӣ азалӣ нест ва дар раванди фаъолият ташаккул меèбад” [155].

Фаъолнокии маърифатии инсон баробари ба дунè омадан дар дараҷа-ҳои аввал, аз пайдо намудани рефлексҳои муайяни одатӣ то ба даврaҳои мукаммалгардии шуури кӯдакӣ такмил меèбад. Чунин натиҷагирӣ метавон кард, ки рушди босамари фаъолгардонӣ ҳангоми таълими хонандагон аз тарафи омӯзгор ба миèн омада, барои пешрафти неруи фикрӣ, ҷисмонӣ ва ирода мусоидат менамояд. Барои ба мақсадҳои мушаххаси таълиму тарбия ноил гаштан, фаҳмидан ҷоиз аст, ки дар ҷараèни дарс натиҷаи ҳавасманд намудани фаъолнокии хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Дар хусуси раванди ташкил намудани дарс, ки фаъолнокии маърифатии хонандагон тавассути заминаҳои асосии шароитҳои педагогӣ таъмин мегардад, олимону педагогҳо, психологҳо, методистону омӯзгорони эҷодкор андешаҳои худро навиштаанд. Раванди таҳсилот, ки заминаи асосии рушди интеллектуалӣ мебошад, ба даврaҳои гуногуни рушди маърифатии хонандагон таъсир мегузорад. Гузашта аз ин, таҳсилот дар тули таърих, дар

ҳолати махмун ва шаклгирӣ қарор дошт, вобаста ба вазъи сиёсиву иқтисодии замона такмил ёфтааст. Яке аз унсури асосии таҳсилот ва заминаи асоси рушди фаъолнокии маърифатӣ ин дарс дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Зимнан, давраи нахустини ташаккулёбии дарс ба назарияи таҳсилоти миллӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина кори таълиму тарбия хусусияти инфиродиро касб намуд, ки барои фаъолнокии маърифатӣ заминаи асосӣ гардид.

Ин аст, ки дар ин давра дар тартиботи равнақ ёфтани ҷомеа талабот ба дарс ҳамчун ба шакли асосии раванди таълимию тарбиявӣ афзуд, ки таҷрибаи муҳаққиқони соҳаи педагогика ва омӯзгорони навовар дар такмилёбии намунаи дарс тадриҷан асос гузошта буд. Талаботи ҷомеа нисбати кори таълиму тарбия, дар алоҳидагӣ нисбати дарс афзун гардида, мафҳуми дарс дар раванди таълим муҳиммияти калон гирифт, ки ба мафҳум дар чунин хусусиятҳо шомил мешавад:

- дарси эҷодӣ;
- дарси саёҳат;
- дарси саҳнавӣ;
- дарси дониши аксионӣ;
- дарс бо ахбори оҷилӣ;
- дарси конференсияи матбуот;
- дарси бозӣ дар мавзуи ―Ҳодисаи фавқулоддаи хурсандиовар”;
- дарси бозӣ дар мавзуи ―Майдони ҳодисаҳои тааҷҷубовар”;
- дарси қоидаҳои ҳаракати роҳ;
- дарси намоиши телевизонӣ;
- дарси маҷаллаи шифоҳӣ;
- дарси пурсиши дутарафа;
- дарси конференсияи экспрессӣ;
-дарси ҳисоботи эҷодӣ;
-дарси ҳимояи ақидаҳои худ;
- дарси омӯзиши ҳаёт, зиндагӣ;
- дарси худбаҳодиҳӣ ва ғайра.

Дар ҷараѐни рушди худ ҳам дарс аз ҷиҳати мазмун, мақсад, метод, созмон ва тарзи гузаронидани он вобаста ба талаботи замона, тағйир ѐфт. Чунонки дар раванди таҳсилот маълум гардид, ки заминаҳои асосии раванди рушди фаъолнокии маърифатӣ бо дигар шаклҳои таълим, аз ҷумла: бо машғулиятҳои ихтиѐрӣ, маҳфилҳо, вазифаи хонагӣ, экскурсия, дарсҳои изофӣ, машварат ва ғайра пайванди ногусастанӣ дорад. Дарс аз ҷузъҳои зерин иборат аст: мақсад, вазифа, мазмун, методҳо, таҷҳизоти таълимӣ, шаклҳои созмони кор бо хонандагон. Дарс се вазифа: таълимӣ, тарбиявӣ, рушду нумуъро ифодагар буда, сохти худро дорад, дар дарс омӯзиши маводи нав (агар дарс аввали соли таҳсил гузаронида шавад), тафтиши иҷрои вазифаи хонагӣ, омӯзиши донишҳои нав, мустаҳкам намудани маводи нав, таҳлил ва баҳои дониш, маҳорату малакаи хонандагон, ҷамъбаст ва ба низом даровардани донишро таъмин мекунад.

Кадоме аз ин намудҳои дарсро метавон омили муассир дар фаъолнокии маърифатии хонандагон шуморид? Аксар, дар курсҳои такмили ихтисос ва дар муассисаҳои таълимӣ дар ин маврид суҳбату семинарҳо баргузор мегардад ва бештари омӯзгорон пешниҳод мекунанд, ки яке аз дарсҳои намунавиро таҳлил ва шарҳ диҳанд.

Ҷанбаи маърифатии таълими дарсҳои фанни забони хориҷӣ дар ин замон хусусиятҳои худро дорад. Аз як ҷониб, дар вақти омӯзиши фанҳои гуногун робитаи фаннӣ ба миѐн меояд. Аз ҷониби дигар, хонандагон дар заминаи пайваста аз худ намудани дарсҳо малакаҳои хосси фаъолнокии маърифатиро афзун менамоянд.

Хонанда дар раванди фаъолнокии маърифатӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки яке аз заминаҳои рушди фаъолнокии маърифатӣ мебошад, зарурати ба назар гирифтани фарқиятҳои тарзи тафаккури гӯяндагони забонҳои гуногун ва омӯхтани ҷанбаҳои маърифатии падидаҳои забонӣ, яъне шарҳ додани онҳо тавассути робитаҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо бо

равандҳои маърифати ҷаҳонро таъкид мекунад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки барои тавсифи забон аз нигоҳи хусусиятҳои миллӣ, на танҳо аз нигоҳи хусусиятҳои миллӣ, равиши бошуурона сурат гирад.

Заминаи асосии дигар дар рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон ин алоқаи байни фанҳо мебошад, ки дар ин ҷода таҷрибаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 34-и шаҳри Душанбе мароқангез буда, он муассисаи таълимии такягоҳии кори таҳқиқотии мо ба шумор рафта, барномаву дастурҳои таълимӣ ва маводи таълимӣ-методии дигари таҳиякардаи омӯзгоронро шахсан ҳар омӯзгори муассиса меомӯзад, баъд омӯзгорон мубодилаи афкор карда, дар иттиҳодияҳои методии фаннӣ оид ба ин мавод муҳокимаи дастаҷамъона баргузор мешавад. Дар чунин сурат имкони робитаи байни фанҳо пайдо мешавад.

Дар сурати тайёрӣ ба ҳама алоқаи фанҳо таваҷҷуҳи хосси омӯзгор бояд ба як мисоли мушкилфаҳми назарӣ ва амалии омӯзиш - қобилияти дарк намудан ва фаъолнокии маърифатии хонандагон равона карда шавад. Сухан дар мавриди он меравад, ки гурӯҳе аз омӯзгорон вазифаи худро амиқ муайян намекунанд, дар ин сурат хонандагони онҳо чӣ гуна маҳораташонро сайқал диҳанд? Омӯзгорони мактабҳои номбурда барномаҳо, дастуроти таълимӣ, воситаҳои дидактикӣ ва методӣ, мақолоти маҷаллаи фанниро омӯхта, кӯшиш мекунанд, ки фаъолнокии маърифати хонандагони синфҳои худро тағйир диҳанд.

Яке аз заминаҳои асосии рушди фаъолнокии маърифатӣ дар омӯзиши фанни таърих мебошад, ки дарки воқеаҳои таърихӣ тавассути мавзуъҳои барномаи таълимии фанни таърих ба фаъолнокии маърифатии хонандагонтаъсири мусбӣ мерасонад.

Дар дарси аввал аз фанни таърих дар раванди суҳбат омӯзгор баён мекунад, ки оё хонандагон даврaҳои тараққиёти ҷамъият, асосҳои сохти

ҷамъияти ибтидоиро медонанд? Дар суҳбати хотимавӣ ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки корро аз ҷадвали даврaҳои асосии рушди ҷамъият шуруъ кунанд.

Дар дарси дуввум омӯзгор маълум месозад, ки оѐ хонандагон асосҳои сохти давлатдории феодалиро дарк карда метавониста бошанд: —Моликияти асосии феодалҳо аз чӣ таркиб ѐфта буд?”; —Деҳқонон чиро соҳиб буданд?”; —Асоси сохти хоҷагидории феодалӣ аз чӣ иборат буд?” ва ғайраро медонанд ва онро ҳатман бо давраи таърихи муосир, ки дар синфи XI хонда мешавад, муқоиса ва таҳлил мекунанд.

Дар қатори ҷавобҳои шифоҳии хонандагон ҷадвалҳоро пур карда, такрор менамояд, ки хусусияти аломатҳо, яъне алоқаҳои ҷомеа ва шакли ҳокимияти давлатӣ дар сохти давлатдории феодалӣ чӣ хел буд ва дар давраи муосир низ чӣ гуна аст, таҳлил ва муайян мекунад.

Дар дарси сеюм барои муайян кардани дараҷаи дарки мавзуъҳои барномаи таълимӣ ва фаъолнокии маърифатӣ ба хонандагон саволҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Кашфи бузурги ҷуғрофӣ ва оқибатҳои он.

2. Ибтидои рушд капитализми Англия ва Фаронса.

3. Ғалабаи Инқилоби буржуазӣ дар Нидерландия.

4. Рушди номунтазами қитъаҳо ва мамлакатҳо.

Омӯзгор ҷавоби хонандагонро шунида, суҳбати рӯбарӯ мегузаронад ва пешниҳод мекунад, ки вазифаро мувофиқи матни китоб иҷро намоянд. Хонандагон бояд матни китобро хонда, ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Омӯзгор ҷавоби хонандагонро гӯш карда, мукаммал мекунад ва ҷойҳои ноаѐнро возеҳ менамояд, ѐ ин ки маводи дарк нанамудаи хонандагонро шарҳ медиҳад.

Дар аввали соли таҳсил гузаронидани чунин дарсҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолнокии маърифатии хонандагонро возеҳ ва донишҳои

онҳоро мустаҳкам гардонад, то ки ба хонанда имкони омӯхтани мавзуъҳои барномаи таълимии фанни нав фароҳам ояд.

Аз ин рӯ, дар дарсҳои муқаддимавӣ мантиқи фаъолияти омӯзгор ба хонандагон чунин тавсиф меёбад:

- такрор ва барқарор намудани дониши асосӣ;

- тавсияномаи мухтасари омӯзгор оид ба фанни нав;

- шиносоии хонандагон бо китоби дарсӣ ва дигар таҷҳизоти таълимӣ.

Созмони идроки фаъолияти донишандӯзии хонандагон ва иҷрои вазифаи хонагӣ бояд пайдарпай зуҳур кунад. Ё ҳисоб ва баҳои дониш, маҳорату малакаи хонандагон аз аввал то охир гузаронида шавад. Омӯзгорони соҳибтаҷриба ба корҳои мустақилонаи хонандагон дар аввали дарс бештар диққат медиҳанд ва тавассути он аз лаҳзаҳои аввал хонандагон ба дарс ҷалб гардида, дар лаҳзаҳои охири машғулият омӯзгор зеҳни хонандагонро бештар ба суолу посух ҷалб менамояд.

Дар таҷрибаи мактабҳо дарсҳои такрорӣ ва ҷамбастӣ кам гузаронида мешавад. Зеро ки ин гуна дарсҳо аз омӯзгору хонандагон тайёрии зиёд талаб мекунад, шояд ин ба назари мо аз хусусияти бисёртаркибии он бошад. Ҳадафи умумӣ аз дарсҳои такрорию ҷамъбастӣ, дастурҳо, озмунҳо, дарсҳои ҷамъбастии байнифаннӣ ҳамчун захираи боло бардоштани сифати таълиму тарбия мебошад. Омӯзгорон муваззаф ҳастанд, ки хонандагон ҷамъбаст, ташаккули дониш, рушди маҳорат, мустақилият, таҷзия, муқоиса, тасниф, беҳтар намудани маҳорати истифода кардани асарҳои бадеӣ, омода намудани гузоришномаҳо дар назди ҳамдигарро дарк намоянд. Бо ин равиш ва намунаи дарс ҳатман тайёрии махсуси омӯзгору хонандагон меафзояд.

Омӯзгор нақшаи дарсро мураттаб намуда, суолҳои мураккабро омода мекунад ва онро ба хонандагон пешниҳод намуда, дар мавриди муҳокима оид ба ин иқдом менамояд. Ҳамзамон, омӯзгор мавзуи иншо ва гузоришҳоро натиҷагирӣ намуда, адабиёти муҳимро пешниҳод менамояд, то ин ки

хонандагон дар вақти омодагӣ истифода баранд, зеро фаъолияти таҳқиқии мустақилонаи онҳоро ҷониби сарчашмаҳои иловагӣ равона мекунад.

Шаклҳои махсуси кор натиҷаи тайёр кардани гузоришоту баромадҳо буда, аз хонандагон дараҷаи баланди фаъолияти мустақилонаро тақозо мекунад.

Хонандагон ҳангоми тайёрӣ аз мақолаҳои маҷаллаҳо, адабиёти илмию оммавӣ истифода мебаранд. Дар аввали дарс омӯзгор ба хонандагон таъкид менамояд, ки бо диққат гӯш кунанд ва асоси гузоришнома, барномаҳо ва санадҳои ҷолибро навишта гиранд, зеро ки дар китобҳои таълимӣ оид ба ин пурсишҳо мавод кам аст.

Таҷрибаҳо собит мекунанд, ки нуқсони дарси омӯзгор натиҷаи сусти ҳадафмандии ӯст. Дар нақшаи дарсӣ мақсади таълимию тарбиявии такмилдиҳандаи дарс хеле кам шакл гирифтааст. Бинобар ин, дар дарс масъалаи асосӣ ба шуури хонандагон роҳ намеёбад. Алоқамандии санадҳо ва ҷамъбасти назарӣ, ки омӯзгор ҳангоми дарс барои хонандагон дар назар дошта буд, кам ифода ёфтаанд.

Басе аз чашмандозии омӯзгор маҳорату малакаи меҳнати таълимии хонандагон, маҳорати интеллектуалӣ дур мемонад, ки ташаккули он яке аз масъалаҳои муҳими фаъолнокии маърифатӣ ба шумор меравад. Воқеан, дар пеши худ мақсаду масъалаи муҳим гузоштан, бисёр аҳамият дорад, лек зарур аст, ки ин ҳадафро хонандагон идрок намоянд. Марбут ба ин масоил таҳқиқоти амалии хешро, ки ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагонро дар ҷараёни дарс баён месозад, натиҷагирӣ карда мешавад.

Бо мақсади муайян намудани мушоҳидакорӣ ва муносибати эҷодкоронаи хонандагон ба онҳо якчанд саволи санҷишӣ аз фанни химия дода шуд. Хонандагон ба саволҳо дар шакли анкета ҷавобҳои хаттӣ гардониданд, ки аз рӯйи онҳо сатҳи фаъолнокии маърифатии хонандагон муайян карда шуд (расми 16).



Расми 16. Сатҳи фаъолнокии маърифатии хонандагон аз рӯи натиҷаи ҷавобҳои хаттии онҳо

Барои муайян сохтани фаҳмишу фаъолнокии маърифатӣ байни хонандагони синфи 11, МТМУ № 5 -ум ш.Ҳисор кори мустақилона аз фанни химия гузаронида шуд. 34 нафар хонанда ба тарафи рост ва чап ҷудо карда шуд.

Дар кори мустақилона чор масъала пешниҳод гардид:

1. Формулаи структурии ду хомологи наздиктарини фенолро нависед.

2. Кадом моддаҳоро кислатаҳои карбонӣ меноманд?

3. Агар ба 7,2 г.глитсирин бо миқдори барзиѐди натрий таъсир гузорем, чанд литр газ хориҷ мешавад?

4. Формулаи кислотаи мурчаро нависед ва массаи онро ҳисоб намоед?

Натиҷа дар расми 17 оварда шудааст.

Дар вақти тасвири шакл ва формулаи фенол бештари хонандагон иштибоҳ намудаанд. Масалан:



Яъне, куҷнҳои муайян ва тасвири шакл аз ҷониби хонандагон нодуруст инъикос гардидааст.

Ягона суоле, ки хонандагон ҷавоб додаанд, ин масъалаи чорум буд, ки ҷавобаш дар ҳақиқат чунин аст:

Формулаи химиявии кислотаи мурча чунин аст: CHO_2O_2.

Муродифи ―кислотаи мӯрча‖ ин кислотаи метан ва карбон мебошад ва массаи он ба 46 г. мол таркиб ёфтааст.

Чунин натиҷа маънои онро дорад, ки хонандагон барои дарки мавзуъ омода нашудаанд ва дар ҳалли масъалаҳои кимиёӣ нисбатан камфаъоланд.

Усулҳои гуногуни таълими фанни кимиё дар замони муосир мавҷуд аст, ки рушди фаъолнокии маърифати хонандагон таъмин мегардад*[167]*.



Расми 17. Натиҷаи кори мустақилона аз химия

Маъмултарини он истифода аз аёният, гузаронидани дарсҳои проблемавӣ, интерективӣ, эксперементӣ, корҳои лабораторӣ ва ҳаргуна лоиҳа мебошад. Таҷриба нишон дод, ки аксари омӯзгорон дар вақти дарс назарияро бо амалия тадбиқ наменамоянд. Махсусан, усули интерективӣ ва озмоишӣ барои такмили фаъолнокии хонандагон замина мегузорад. Дар вақти истифода аз ин методҳо баҳсу мунозира ва дарёфтани ҳалли масъала ба таври мустақилона зиёд гардид. Барои хонандагон кислотаи мурча аҷиб намуд ва ҳар нафре ба таври худ аз туршии мурча иброз намуда бошад ҳам, омӯзгор чунин номро ба маъданҳо асосан хос донист. Ё ин ки дар ҳамин дарс омӯзгор ба ҳар хонанда суол дод:

Хонандаи 1. ―Агар ту бод мешудӣ, чӣ кор мекардӣ?‖- ―Агар бод мешудам, тамоми паҳно аз ман буд..‖

Хонандаи 2. —Агар ту об мешудӣ, чӣ кор мекардӣ?”- —Агар ман об мешудам, ба ҷойҳои беоб мерафтам ва онҷоро сероб мекардам”

Хонандаи 3. —Агар ту ҳаво мешудӣ чӣ кор мекардӣ?”- —Агар ҳаво мешудам, формулаи обро месохтам”

Хонандаи 4. —Агар оби шӯр мешудӣ, ҷойи ту дар куҷо буд”- —Дар укёнус ва таркиби металлҳои сулфат, натрий ва магний”.

Мукаммалии методи дарси интерактивӣ барои фаъолнокии маърифатӣ ва ҷавобҳои гурӯҳӣ замина мегузорад. Баробар ҷавоби хонадагон омӯзгор ба синф муроҷиат намуда, пурсид: илова ҳаст? ва ҳар нафаре ба суоле посухи дигар дод. Масалан, шӯр будани обро ба таъм ва хӯришҳо нисбат доданд. Бодро ба вайронкорӣ, обро ба ободонӣ.

Баробари ин, омӯзгор барои беҳтар гардонидани фаъолнокии хонандагон суолҳои баръакс дод:

—Агар оташ мешудед, чӣ кор мекардед”: ҷавобҳо ҳаргуна буданд: гармӣ медодам, хӯрок мепухтам, худро эҳтиёт мекардам” —Азчӣ худро эҳтиёт мекардӣ”- суол дод омӯзгор. Ҷавоб ҳамин гуна буд - —Аз об”.

Пас, аз ин суолҳои водоркунанда омӯзгор моҳияти обу оташро аз ҷиҳати кимиёӣ ба хонандагон фаҳмонид. Гуфт, ки вобаста ба сӯхтан дар таркиби оташ чунин моддаҳои кимиёӣ вуҷуд дорад: гази ангишту турш (CO2), буғи об (H2O), Окиси углерод (CO), баъзе маводи сӯзишворӣ, оксиду намак. Вобаста ба мавод ранги оташ дигар мешавад. Дар вақти расидани ҳаво афзун мешавад ва дар вақти расидани об хомӯш мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар дарси ду соата, дар аз фанни химия синфҳои зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ аз имконияти усулҳои мустаҳкамкунӣ ва ҷамъбастии дониш истифода кардан мумкин нест.

Фаъолкунии амали идроки хонанда дар ҷараёни мустаҳкам кардани маҳорати алоқамандии корҳои рӯбарӯ синфро ба фаъолияти инфиродӣ таъмин менамояд. Шарти дигар он аст, ки хонандагон аввал матнро хонда, баъд метавонанд онро ба амсила таҷзия намоянд. Методи мустаҳкам кардан, ҷамъбаст ва ба низом даровардани дониш аз рӯйи фанҳои таърих, биология,

географияи иқтисодӣ аз усули ҷолиб буда, амали он ҷадвал аст, ки хонандагон ҳамроҳи омӯзгор мураттаб мекунанд. Баланд бардоштани самаранокии дарс бо корҳои гуногуну мустақили хонандагон алоқаманд аст, ки дар тамоми ҷараёни таълим мақоми бузург мебозад. Ба назари мо, тамоми самтҳои алоқамандии фанҳоро дида баромадан шарт нест ва дар ин баъзе нишондод оид ба истифодаи донишҳои хонандагон ҳангоми омӯзиши мавзуҳои барномаи таълими фанни биологияро метавон баррасӣ кард.

Дар ин мавриди метавон натиҷаи корҳои мустақилона аз фанни биология дар синфҳои 11 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 5-ми шаҳри Ҳисор мисол оварда. Дар муддати як соли таҳсил дар даврaҳои гуногун се кори мустақилона гирифта шуд. Маълум гардид, ки хонандагон дар давоми сол ба баҳои аввали қаноатманд буда, омӯзгорон низ дар ин самт бо онҳо мусоидат намудаанд. Дар ин ҳолат, фаъолнокии маърифатии хонандагон дар вақти омӯзиши фанни биология заиф аст ва ин дар ҳолест, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши фаннҳои дақиқ озмуну чорабиниҳои мухталиф роҳандозӣ намудааст (расми 18).



Расми 18. Баҳои натиҷаи кори мустақилона

Ба таври умумӣ, гуфтан мумкин аст, аз 27 нафар хонанда дар даври сеюм чор нафар иштирок накардааст ва бо як тартиби муайн гуфтан мумкин аст, ки дар марҳилаи аввал баҳои ―хуб‖ бештар буда, баъдан теъдоди он кам мегардад. Гузашта аз ин, касе баҳои ―аъло‖ нагирифтааст. Ҳар се корҳои мустақилона дар заминаи саволномаҳои тестӣ аз мавзуъҳои барномаи таълимии фанни биология таҳия гардида буд, гирифта шудааст (Ҷадвали 6).

Бештари аз хонандагон ба суоли дар растаниҳои бисѐрсола поя аз чӣ рушд меѐбад, ҷавоби кофӣ надодаанд. Ин фан пеш аз ҳама ҳаѐти биологии курраи заминро дар марҳилаҳои асосӣ меомӯзад. Ҳамзамон, барои омӯзиши масоили тиббӣ, экологӣ, хоҷагии қишлоқ ва биотехнология муҳим аст. Хонандагони синфи 11 дар навбати худ ба ин фан аз ду ҷониб шавқ зоҳир менамоянд: яке барои касби оянда ва дигаре ба хотири маърифат намудани ҳодисаҳои биологӣ.

Ҷадвали 6.Саволномаҳои тестӣ аз фанни биология барои корҳои мустақилона

Рақами саволнома	№1	№2	№3
1	Дар растаниҳои би-сѐрсола поя аз чӣ рушд меѐбад: А) Реша; В) Пустпарда; С) Ҷилди тухм; Д) Муғча.	Қонуни қатори го-мологии ирсияти та-ғйирпазирро кӣ пеш-ниҳод кард: А) Мичурин; В) Вовилов; С) Северсов; Д) Пирогов.	Баргакҳои замин аз кадом қабатҳо иборат аст: А) берунӣ, мавсимӣ, ҷилд; В) бластула, гаструла, эндодерма; С)гаструла, мезодерма, экмодерма; Д) экмодерма, энодерма, мезодерма.
2	Мушакҳои сикмен-ти моҳӣ бо чӣ маҳкам мешавад: А) Пӯст; В) Устухон; С) узви дарунӣ; Д) Руйпӯши хитинӣ.	Дар чорводорӣ кадом шаклҳои гибриткуно-нӣ истифода бурда мешаванд: А) даруни зотҳо; В) байни зотҳо; С) ҳардуяшон; Д) ягонтаяшон.	Пайдоиши ташаккул ва тафриқшавии узвҳоро дар рушди ҷанинӣ чӣ меноманд: А) антосинтез; В) гаметогенез; С) органогенез; Д) филогенез.
3	Хромосомаҳо дар куҷо ҷойгир шу-даанд:	Маҷмуи реаксияҳои синтези биологӣ му-бодилаи пластикӣ ѐ	Хосияти организмҳои зиндаро, ки новобаста аз тағйироти муҳимми бе-

Идомаи ҷадвал

	А) Ядро; Б) Митохондрия; С) Рибисомаҳо; Д) Ситоплазма.	худ... номида мешавад: А) дисимилятсия; Б) ассимилятсия; С) денотурятсия; Д) ренотурятсия.	руна ва дохилӣ сохтори худро такрор нигаҳ медорад, чӣ ном дорад: А) гомомарфоз аз иқлим; В) гепиромарфоз аз сабзиш; С) ороморфоз аз тағйирпазирӣ; Д) гомеоосмаз аз ирсият.
4	Дар натиҷаи ҳамзистӣ симбиози ҳуҷайраҳои прокарио-ти гуногун чӣ пайдо шуд: А) прокориотҳо; Б) Эукариотҳо; С) Пирусҳо; Д) Бактерияҳо.	Транскрипсия чист ва дар куҷо мегузарад: А) додани ахбори ирсӣ; Б) нусхабардории ахбори ирсӣ дар ситоплазма; С) нусхабардории ахбори ирсӣ дар ядро; Д) гузаронидани ахбори ирсӣ аз КРН ба сафеда.	Гурӯҳи калони таснифотӣ чӣ тавр ба вуҷуд омадааст: А) регресси биологӣ; В) регенератсия; С) идеоадаптатсия; Д) араморфоз.

Дар замони муосир барои беҳтар аз худ намудани омӯзиши масъалаҳои биологӣ омӯзгор бояд ҳар гуна санҷишҳои лабораторӣ ва таҷрибаҳои биологӣ гузаронад, то ин ки фаъолнокии маърифатӣ таъмин мегардад.

Натиҷаи таҳлили корҳои мустақилона маълум сохт, ки хонандагон донишҳои кофии биологӣ надоранд ва нисбати ин фан дар аксари мактабҳо таваҷҷуҳи хуб ба назар намерасад. Маърифати биологии хонандагони МТМУ яке аз қисмҳои муҳими фаъолнокии маърифатӣ ба шумор меравад. Дар барно-маҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарси фанни биология асосан дар заминаи китоби дарсӣ баргузор мегардад, ки мундариҷаи он асосҳои илмии фанни биологияро дар бар мегирад.

Боиси зикр аст, ки фаррохии тафаккур дар ҳамон дарсҳои ҷамъиятшиносӣ ба миён меояд, ки агар омӯзгор мувофиқи имкон аз ҳама гуна анвои дониш истифода барад ва дарсро чунон ташкил кунад, то ки хонандагон омилҳои таҷрибавию махсусро дарк кунанду ҳодисаҳои фалсафӣ ҷамъбаст шаванд.

Ҳамзамон таркиби дарс нахуст аз маълумоти мухтасар дар мавриди дарси қаблӣ дониста мешавад. Дар ташкили босамари чунин дарс аз ҳама

бештар системаи андеша, шавқангезии он ва баъзан саволҳои хонандагон аҳамият дорад. Маҳз аз маҳорати гузориши савол дар дарс афкори эҷодкорона ба ҷунбиш меояд, è ин ки дарс бо бешавқмандӣ, бесамарии кори омӯзгор поèн меèбад. С. В. Рубинштейн дар ин маврид таъкид менамояд: ―Афкориинсон ҳамон вақт оғоз мешавад, ки агар талаботи чизеро дарк кардан ба миèн ояд" [143, с.83].

Баъдан ба хонандагон дастур дода мешавад, ки онҳо набояд дар бораи он фикр кунанд, ки оè одамони дар синф нишаста метавонанд як лаҳза бидуни тағйир èфтан шах шаванд. Аз ин усул ҳангоми гузаштани мавзуи «Модда ва ҳаракат» (Шаклҳои ҳаракати биологӣ) истифода намудан муҳим аст. Бо андаке андеша кардан , бархе аз хонандагон ба хулосае меоянд, ки равандҳои биологӣ, нафаскашӣ, гардиши хун, фаъолияти нерӯмандию ташаккули ҷисм ва ғайра, вале ба ин васила мавҷудияти зиндаи тағйирнопазир вуҷуд надорад.

Навъи дигари дарс ин ба саҳна гузоштани асарҳои бадеӣ мебошад. Омӯзиши асарҳои саҳнавӣ як қатор масъалаҳоро дарбар мегирад, ки ҳалли дурусти онҳо аз малакаву маҳорати хонишу таҳлил бармеояд.

Мушкилоти омӯзиш дар он аст, ки хонандагон баробари хониш дар идроки мазмуну мундариҷаи асарҳои саҳнавӣ душворӣ мекашанд, онҳо ҳарчанд қисматҳои алоҳидаи асарро фаҳмида ва нақл кунанд ҳам, дар баèни сужети яклухти он сустӣ нишон медиҳанд. Ин ҳолат албатта, сабабҳои бисèр дорад, вале сабаби асосӣ дар он аст, ки онҳо асарҳои саҳнавиро кам мехонанд, è тамоман намехонанд. Бар замми ин, барои тамошои намоишномаҳо ба театр кам мераванд.

Дар натиҷа аз асари саҳнавӣ ва лаззати бадеиву эстетикии он бехабар мемонанд. Илова бар ин, дар барномаи таълимии адабиèт низ барои омӯзиши асарҳои саҳнавӣ соатҳо хеле кам дода шудаанд. Аз ҷихати дигар, дар МТМУ барои гузаронидани конфронсу чорабиниҳои адабӣ, ҷашнҳои адибони бузурги гузаштаву муосир, рӯзҳои таърихӣ ва дигар ҷамъомадҳои маърифативу адабӣ, ки фаъолнокии маърифатии хонандагонро таъмин

менамояд, аксар омӯзгорони фанни адабиѐт саҳначаҳо омода месозанд ва намоиш медиҳанд ва матни ин саҳначаҳоро худи омӯзгорон таълиф мекунанд, на хонандагон.

Бояд гуфт, ки сатҳи таълифи ин гуна саҳначаҳо на ҳама вақт ба талабот ҷавобгӯ аст, чунки на ҳар омӯзгор эҷодкор буда метавонад. Бинобар ин, муҳим аст, ки таълими асарҳои саҳнавӣ дар сатҳи зарурӣ дар мавзуъҳои вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва аҳамияти тарбиявидошта тибқи тақозои замон ба роҳ монда шавад, то ин ки барои хонандагон тамошои намоиш-номаҳои дарси саҳнавӣ шавқманд гарданд.

Ба омӯзгорони фанни адабиѐти тоҷик нақшаи яксоатаи дарси саҳнавиро ҳамчун намуна пешниҳод менамоем, ки тавассути он фаъолнокии маърифати хонандагон рушд меѐбад.

Дар омӯзиши асарҳои саҳнавӣ омӯзгор бояд корро аз суҳбати муқаддимавӣ оғоз кунад. Сараввал, дар бораи муаллифи асари ба саҳна гузошташаванда маълумоти нахустин диҳад. Масалан, агар мавзуъ таҳлили асарҳои саҳнавии Мирзо Турсунзода бошад, маълумоти зерин бояд пешниҳод гардад: Мирзо Турсунзода на танҳо дар офаридани асарҳои барҷастаи ҳамосиву ғиноӣ, инчунин дар рушди драматургияи тоҷик низ хидматҳои бузургро ба сомон расонидааст.

Песаи "Ҳукм" аз нахустин асарҳои саҳнавии шоир буда, ҳанӯз дар соли 1933 дар адабиѐти тоҷик мавқеи М.Турсунзодаро ба ҳайси драматург муаррифӣ карда буд. Соли 1936 ҳамроҳи Абдусалом Деҳотӣ драмаи мусиқии "Хусрав ва Ширин"-ро менависад. М.Турсунзода ҳамроҳи А. Деҳотӣ боз ҳам нахустин либреттои операи миллии тоҷик "Шӯриши Восеъ"-ро (1938-1939) эҷод кардааст. Саҳми Мирзо Турсунзода дар драматургияи кинои тоҷик басо назаррас аст. Ӯ филмномаҳои "Қувваи бузург" ва "Ман бо духтаре вохӯрдам"-ро таълиф кардааст. Дар ҳаммуаллифӣ киноповестҳои "Ҳасани аробакаш" ва "Аз Ганг то Кремл"-ро навиштааст. Фаъолияти хонанда дар мутолиаи асари саҳнавӣ бояд пурмасъулият ва эҷодӣ бошад, чунки хониши асари саҳнавӣ аз хониши осори ҳамосӣ фарқи ҷиддӣ дорад.

Дар асарҳои ҳамосӣ нависанда ба хонандаи хеш аз бисѐр ҷиҳатҳо мадад мекунад, ин ақидаро А.Аминов чунин баѐн намудааст: "Муаллифи асари эпикӣ ба хонанда хеле кӯмак мерасонад: сабаби аз як воқеа ба воқеаи дигар гузаштанро нишон медиҳад, ба бобҳои алоҳида сарлавҳаҳои пурмазмун медиҳад, баъзан таҳлили пурраи психологии ҳиссиѐт ва рафтори қаҳрамонро меорад ва ғайра. Одатан, чунин чизҳо дар асарҳои драмавӣ дода намешаванд" [8, с.111].

Дар шиносоӣ бо матни асарҳои саҳнавӣ омӯзгор аз тамоми навъҳои хониш дар мавқеи худашон истифода мекунад. Бештар хаҷми асарҳои саҳнавӣ имкон намедиҳанд, ки хонишу шарҳи онҳо ба пуррагӣ дар синф таҳти назорати омӯзгор ҷараѐн ѐбад. Аз ин рӯ, зарурат пеш меояд, ки омӯзгор бештар аз хониши мустақилона истифода барад. Қаблан супориш додан лозим аст, ки хонандагон то вақти дарс асарро хонда бошанд.

Ба ғайр аз ин, ҷараѐни рушди фаъолнокии маърифатии хонандагонро ҳангоми баррасии драмаи ―Рӯдакӣ‖-и Сотим Улуғзода мушоҳида намудан мумкин аст.

Драма аз чаҳор парда ва сенздаҳ намоиш таркиб ѐфтааст. Доираи вақт барои таҳлили ғоявӣ-бадеӣ ва пурра омӯхтани драма имконият намедиҳад. Аз ин хотир, таваҷҷуҳи хонандагонро ба таҳлили лаҳзаҳои алоҳида, ки муҳтавои муҳимми драмаро ба худ мегирад, таваҷҷуҳ бояд намуд.

Баъд аз маълумоти муқаддимавии омӯзгор, ки дар мавриди шароит ва омили навиштани драма, ҳаҷм ва мазмуни асосии он андешаашро баѐн мекунад, лаҳзаҳои интихоби намоишҳои алаҳидаро ба хотири хонандагон тазаккур додан муҳим аст.

Усули самарабахштари кор он аст, ки лаҳзаҳои интихоби пешакӣ аз рӯйи нақшҳо ба хонандагон тақсим карда шаванд. Хонандагон фориғ аз дарс нақшҳояшонро аз ѐд менамоянд ва ба дарсҳои берун аз синфӣ тайѐрӣ мебинанд. Ин машғулият бояд то дарси навбатӣ гузаронида шавад, то ин ки хонандагони синф аз мазмун ва сужети намоишҳои алоҳидаи драма воқиф бошанд. Дар дарси навбатӣ танҳо суҳбат ороста мешавад. Ҳадафи асосии

дарс, ки рушд ва ташаккули фаъолнокии маърифатӣ аст, ҳатман лаҳзаҳои проблемавӣ бояд ба миён оварда шаванд. Масалан, ҳангоми таҳлили лаҳзаҳо аз намоиши чорум чунин саволу ҷавоб ташкил карда шавад: Чаро Рӯдакӣ ҳангоми мулоқоти аввалин бо амири Сомониён Насри II ва вазири хирадманди ӯ Балъамӣ ба нахустшоири дарбор бо истеҳзо ҷавоб мегӯяд? Оре, резачинҳои дастархони араб нони ҷойдории моро дӯст намедоранд?

Ҳамчунин, таҳқиқоти амалии ҷамъбасткунандаи раванди рушду ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони синфҳои X-XI-ро дар мактаб-ҳои таҷрибагузаронда то давраи озмоиш ва пас аз озмоиш мавриди санҷиш қарор дода шуд. Барои муқоисаи фаъолнокии маърифатӣ миёни хонандагони МТМУ озмоиш гузаронида шуд, ки чунин натиҷа ба даст оварда шуд.

Дар озмоиш 172 нафар хатмкунандагонро дар бар гирифта, тавассути савол-нома баргузор гардид. Гурӯҳҳо аз фанни адабиёти муосири тоҷик омода гардида, мазмунан фаъолнокии хонандагонро дар дарс ва берун аз он мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Натиҷаи озмоиш дар расми 19 дар шакли диаграмма таҳия гардидааст.



Расми 19. Муқоисаи фаъолнокии маърифатӣ миёни хонандагони МТМУ

Меъѐри муҳимми фаъолнокии хонандагон дар он вақт ба омӯзгор имкон медиҳад, ки кулли васоити фаъолгардонӣ дар ягонагӣ бо ҳиссиѐти шавқу рағбат, ба кӯшишу мароми ботинии хонандагон ба ҳадафи раванди таълим мувофиқат намоянд.

Ҳалли мушкилоти фаъолгардии хонандагон ҳангоми таълим дар бисѐр маврид тезу тунд мегардад. Чунки ҳанӯз аз чаҳордаҳсолагӣ наврасон ба синни калонсолӣ майл менамоянд ва дар худ ―мане”-ро ҷустуҷӯ менамояд, ки эҳтиѐҷи ӯро бо иҷтимоъ ҳал намояд. Шавқи онҳо нисбатан ба хондан суст мегардад, ки нахустин таҳкурсиҳои маърифатии худро мегузорад. Аз ин хотир, таълими дарсҳои гуманитарӣ хеле муҳим ва зарур аст. Чунки дар раванди ин дарсҳо хонанда ба саволҳои зиѐде, махсусан, масоили меҳнатдӯстӣ ва дарки омили мавҷудияти ҷомеа ҷавоб меҷӯяд, ки ин ба фаъолнокии ӯ оварда мерасонад.

Бинобар ин, асоси беҳтар гардидани фаъолнокии хонандагонро навоварӣ дар бар мегирад ва он аз шароити педагогӣ вобастагӣ дорад. Таҳқиқот нишон дод, ки навоварӣ дар дарсҳо хеле кам ба назар мерасад ва на ҳама омӯзгорон аз усулҳои инноватсионии дарс истифода мебаранд. Фаъолсозии фаъолияти маърифатии хонандагон пеш аз ҳама, аз услуби хуби дарс, роҳҳои дарѐфти ҷанбаҳои асосии фаъолнокӣ худи фаъолияти маърифатӣ, муносибат ва муо-ширати тарафайн (омӯзгор ва хонанда) ва истифодаи дарсҳои интерактивӣ вобастагӣ дорад.

Хулосаи боби сеюм

Ҳангоми баррасии заминаҳои асосии рушди ҳавасмандии хонан-дагон дар вақти таҳқиқ ва гузаронидани таҷрибаҳо маълум гардид, ки ҳавасмандии бисѐрҷонибаи фаъолияти таълим бештар аз ҳиссиѐти ҳавас-мандии шахсии хонандагон вобаста буда, дар айни замон ҳамчун заминаи асосии фаъолияти таълимӣ хизмат мекунад, ки аз муваффақияти раванди таълим маҳсуб мегардад. Дар ин асос, мубрамияти бартарияти ҳавасмандӣ ба омӯзиш дар

ташаккул è таҳкими тамоюл ба фаъолияти таълимӣ дар ҷойи аввал муносибат ва масъулияти касбии омӯзгор меистад.

Натиҷаи ин ҷустуҷӯҳо барои воқиф намудани омӯзгор аз роҳу услуби фаъолият кӯмак мерасонад.

Хонандагони мактаб бояд донишҳои зарурӣ ва фарҳанги баланди сиёсӣ дошта бошанд. Аммо ин роҳ осон нест, вай бо мураккабии замони ҳозира алоқаманд аст. Хонандагон бояд барои дарки ҷомеаи ҷаҳонӣ, омодагӣ ба роҳҳои нави рушд, яъне дар худ малакаи ворид гардидан дар ҷомеаи ҷаҳониро тарбия намоянд, то ки барои ҳалли проблемаҳои глобалӣ мутобиқ бошанд. Дар баробари тараққиёти ҷамъият тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон бо суръат тағйир меёбанд. Вазъияти муосири иҷтимоию иқтисодии кишвар ва системаи маориф чунин аст, ки шаклҳои анъанавии таҳсилот талаботи хизматрасонии таҳсилоти умумиро қонеъ карда наметавонад.

Муносибатҳои иҷтимоии муосир дар низоми таҳсилот ислоҳоти худро ворид мекунад. Тайёр намудани мутахассисони ташаккулёфтаи нав, ки барои тайёрии босифат, касбӣ, рақобатпазир саъй мекунанд, боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёт, таъмини даромади минбаъдаи кишвар ва тезонидани суръати рушди иқтисодӣ мегардад, ки дар айни замон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Аз ин рӯ, масъалаи такмили худи инсон, маънии зиндагии ӯ, ба қадри имкон ва мақсади худ аз ҷалб кардани инсонҳо иборат мебошад.

Аз таҷрибаи гузаронида маълум гардид, ки ҳамагӣ 20% хатмкунандаҳо ба хондани китобҳои бадеӣ машғул ҳастанд. Омӯзгорон барои иштироки онҳо дар озмуни ҷумҳуриявии ―Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” талош намеварзанд ва на ҳамаи хонандагони МТМУ аз маҳфилҳои адабӣ огоҳ ҳастанд.

Натиҷаи таҳлили корҳои мустақилона маълум сохт, ки хонандагон донишҳои кофӣ дақиқ надоранд ва нисбати ин фан дар аксари мактабҳо таваҷҷуҳи хуб ба назар намерасад.

Маълум гардид, ки хонандагони синфи 11 ба фанҳои дақиқ ба хотири омодагӣ ба имтиҳони дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Албатта, инро як зинаи фаъолнокии маърифатии хонандагони синфи 11 барои ҳаѐти мустақилона донистан мукин аст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ ноилшуда тавсияҳои зеринро барои омӯзгорон манзур мекунем:

1. Муносибат ва таваҷҷуҳ ба таълим аз ҷониби омӯзгор бояд мавриди омӯзиш қарор гирад. Шавқу завқи онҳо ба раванди маърифатнокшавӣ мутобиқ ба руҳия маълум карда шавад. Яъне барои фаъолгардонии раванди таълим бо хонанда методҳои муайяни баланд бардоштани савияи маърифат-пазирӣ, ки муҳим аст, истифода намояд.

2. Барои ҷоннок намудани шавқу завқи донишомӯзии хонандагон ва ташаккул додани фаъолнокии онҳо дар дарс, ҷудо намудани нуктаҳои асосии маводи таълимӣ зарур аст, зеро онҳо доимо ба ахбори тоза эҳтиѐҷ доранд. Омӯзгор доир ба мавзуъ маълумоти нав бояд ҷустуҷӯ намояд.

3. Фаъолияти мустақилона ва эҷодкории хонандагон дар дарс дар ҳоле таъмин карда мешавад, ки шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Хонандагон ҳар чӣ бештар ба кори самаранок машғул шуда, маҳсули меҳ-нати хешро бинанду қаноатмандӣ ҳосил намоянд.

4. Дар рафти рушди фаъолнокии маърифатӣ мебояд шароитҳои мусоиди равонию педагогӣ ва танзими тадбирҳои ҷоннок намудани талаботи хонандагон ба маърифат фароҳам овард, чунки ин яке аз омилҳои асосии рушди шахсияти хонандагон мебошад.

5. Дар раванди таълим на танҳо ба тарбияи хонандагон, балки ба рушди шахсияти хатмкунандагон, ки хеле муҳим аст, аҳамияти калон додан лозим

аст. Дар рафти фаъолияти таълимие, ки ҳадафи асосии он рушд додани фаъолнокии маърифатӣ аст, бояд ҳам машғулиятҳои синфӣ, ҳам беруназсинфиро дар якҷоягӣ матраҳ намуд, онҳоро ба ҳам алоқаманд сохт, то ки ба ҳам таъсир расонанд, мазмуни якдигарро ғанӣ гардонанд, маводи таълимии ҳамдигарро пурра намоянд.

ХУЛОСА

Дар марҳалаи кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ барои наҷоти худ дар баробари мушкилот роҳҳои нави рушдро ҷустуҷӯ мекунад. Ҳалли ин роҳҳо тавассути дониш, таълим ва заминаҳои таърихии ташаккули онҳо имконпазир аст.

